891: Б.092
М-81

МИРЗО МУЛЛОАҲМАДОВ

# ЛИРИКАИ АДИБУЛМАМОЛИКИ АМИРӢ

АКАДЕМИЯИ ФАНҲОИ РСС ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ШАРҚШИНОСӢ

891.5.092
Л-81

Мирзо МУЛЛОАҲМАДОВ

# ЛИРИКАИ АДИБУЛМАМОЛИКИ АМИРӢ

Муҳаррири масъул
А. ҒАФФОРОВ

Инв. № 4739-24
ФИЛ АН Тадж. ССР
БИБЛИОТЕКА

НАШРИЕТИ «ДОНИШ»
Душанбе — 1985

М. Муллоаҳмадов. **«Лирикаи Адибулмамолики Амирӣ»**. Душанбе: «Дониш», 1985, 176 саҳ.

Адибулмамолики Амирӣ аз суханварони маъруфи охири асри XIX ва ибтидои асри XX Эрон буда, дар замоне зиндагӣ ва эҷод кардааст, ки саросари ватанашро ҳодисаҳои пурошӯби инқилобӣ фаро гирифта буданд. Амирӣ низ бо ашъори рангину ватандӯстона ва хитобаву мақолаҳои шӯълавараш дар мубориза ҳои инқилобӣ иштирок намудааст.

Дар рисола оҳангҳои иҷтимоиву ахлоқӣ, ватандӯстиву ишқии лирикаи Амирӣ, ки аз воқеияти замон маншаъ гирифтаанд, мавриди таҳлил қарор ёфтааст. Намунаҳои ашъори шоир, ки дар охири китоб оварда шудааст, бори аввал хонандаи тоҷикро бо эҷодҳои дилпазири ӯ шинос менамоянд. Китоб ба адабиётшиносон, донишҷӯён ва ҳамаи ҳаводорони шеъри форсӣ пешниҳод шудааст.

Тақризнависон: доктори илми филология **Н. Сайфиев**, номзади илми филология **Д. Икромӣ**.

М $\frac{4603020000-089}{M502-84}$ 62—85

© Нашриёти «Дониш», 1985

## ПЕШГУФТОР

Адабиёти асри XIX ва ибтидои асри XX Эрон ба давраи таърихии «бедории Осиё» ва падид омадани таҳаввулоту рӯйдодҳои муҳимми иҷтимоиву сиёсӣ дар мамлакат рост меояд.

Ба ниммустамлика табдил ёфтани Эрон таназзулу бӯҳронҳои сиёсиву иқтисодии кишварро бештар карда, зиддиятҳои мавҷударо амиқтару тезутундтар гардонд, ки ҳамаи ин дар шакли ҷунбишу исьёнҳои гуногуни аҳолӣ, талошҳои озодихоҳии он ва дигар рӯйдодҳои иҷтимоӣ ифода меёфт ва ниҳоят инқилоби машрутияти солҳои 1905 — 1911, ки тамоми мамлакатро фаро гирифт, натиҷа ва зуҳуроти барҷастаи онҳо буд. Адабиёти давр бошад ин таҳаввулоту рӯйдодҳо ва ихтилофу зиддиятҳои ҷомеаро чун оина инъикос мекард. Аз ин ҷост, ки дар адабиёти ин давра зуҳури тамоилу ҷараёнҳои гуногун, қувват гирифтани оҳангҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва граждaниро мушоҳида кардан мумкин аст.

Эҷодиёти намояндаи барҷастаи адабиёти давраи мазкур Адибулмамолики Амирӣ далели равшани он шуда метавонад. Амирӣ, ки аз хурдсолӣ на танҳо маҳрумиятҳои аҳолии кишварашро мушоҳида мекард, балки худ ранҷу машаққатҳои зиёдро аз сар гузаронда буд, дар ҳаракатҳои милливу озодихоҳӣ фаъолона ширкат менамуд ва барои истиқлоли ватанаш ва раҳоии он аз асорати сармоядорони аҷнабӣ, барои барқарор шудани усулҳои конституционӣ (машрута) дар мамлакат мубориза мебурд.

Фаъолияти озодихоҳонаву ватанпарварии Амирӣ асосан дар ду ҷабҳа сурат мегирифт. Аз як тараф ӯ чун рӯзноманигор бо хомаи оташбораш бар зидди душманони дохиливу хориҷӣ мубориза бурда, дар мақолаву хитобаҳои публицистиаш мардумро ба бедориву муҳофизати ватан даъват менамуд. Аз тарафи дигар Амирӣ фаъолияти шоирии худро

ҳам бештар ба ҳамин самт равона мекард ва дар ашъори рангинаш баробари мавзӯъҳои дигар рӯйдодҳои гуногуни иҷтимоиву сиёсиро тасвир намуда, андешаҳои истиқлолхоҳӣ ва ватандӯстиро иброз медошт.

Мутаассифона, то ҳол ин ду ҷабҳаи асосии фаъолияти Амирӣ чи дар адабиётшиносии Эрон ва чи дар ховаршиносии советию хориҷӣ ҳанӯз мавриди омӯзиш қарор нагирифта аст.

Танҳо дар бораи ҷараёни зиндагӣ, вазъи рӯзгор, фаъолияти сиёсиву иҷтимоӣ, рӯзноманигорӣ ва дигар паҳлӯҳои аҳволу ашъори Амирӣ дар зимни баъзе асарҳои тадқиқотӣ маълумоту санадҳо мавҷуданд ва баъзе донишмандон дар асарҳои худ дар ин бобат таваққуф кардаанд. Аз ҷумла дар асарҳои адабиётшиносони маъруфи Эрон Маликушшуаро Баҳор «Бозгашти адабӣ»,[1] Яҳъёи Ориянпур «Аз Сабо то Нимо»,[2] Сайид Муҳаммад Боқири Бурқаӣ «Суханварони номии муосир»,[3] Алиакбари Деҳхудо «Луғатнома»,[4] Рашиди Ёсимӣ «Адабиёти муосир»,[5] Ваҳиди Дастгирдӣ «Шарҳи ҳоли Адибулмамолик Амирӣ»[6] ва дар асарҳои тадқиқотии шарқшиносони советиву хориҷӣ Эдуард Браун «Таърихи адабиёти Эрон аз оғози аҳди Сафавия то замони ҳозир»,[7] «Таърихи матбуот ва адабиёти Эрон дар давраи машрутият»,[8] Е. Э. Бертельс «Таърихи мухтасари адабиёти Эрон»,[9] Қ. Чайкин «Очерки мухтасари адабиёти форсӣ»,[10] дар китоби «Адабиёти шарқ дар замони нав»,[11] И. С. Брагинский ва

---

[1] Маликушшуаро Баҳор. Бозгашти адабӣ. «Баҳор ва адаби форсӣ». Теҳрон.

[2] Яҳъёи Ориянпур. Аз Сабо то Нимо, ҷ. 2. Теҳрон, 1350.

[3] Сайид Муҳаммад Боҳири Бурқаӣ. Суханварони номии муосир, ҷилди I. Теҳрон, 1329.

[4] Алиакбари Деҳхудо. Луғатнома. Теҳрон, 1342.

[5] Рашиди Ёсимӣ. Адабиёти муосир. Теҳрон, 1316.

[6] Ваҳиди Дастгирдӣ. Шарҳи ҳоли Адибулмамолик. Муқаддима дар «Девони комили Адибулмамолики Фароҳонии Қоиммақомӣ», ба тасҳеҳу ҳавошии Ваҳиди Дастгирдӣ. Теҳрон, 1345.

[7] Эдуард Браун. Таърихи адабиёти Эрон аз оғози аҳди Сафавияи то замони ҳозир, тарҷумаи Рашиди Ёсимӣ. Теҳрон, ҷ. 2, 1329.

[8] Эдуард Браун. Таърихи матбуот ва адабиёти Эрон дар давраи машрутиёт, тарҷумаи Аббосӣ. Теҳрон, ҷ. I, 1325.

[9] Бертельс Е. Э. История персидской литературы, М., 1925.

[10] Чайкин К. Краткий очерк персидской литературы, М.; Л., 1926.

[11] Литература Востока в новое время. Изд-во МГУ, 1975, (муаллифони қисмати «Адабиёти Эрон» Левковская Р. Г., Никитина В. Б.).

Д. С. Комиссаров «Адабиёти форсӣ»[12] ва як қатор асарҳои дигар роҷеъ ба аҳволу осори Адибулмамолики Фароҳонӣ ба таври мухтасар бошад ҳам сухан рафтааст.

Илова бар ин бояд гуфт, ки тарҷумаи ҳоли мӯътамади Амирӣ ба қалами худи ӯ иншо гаштааст, ки онро Ваҳиди Дастгирдӣ дар муқаддимаи девони шоир айнан ҷой додааст. Ин барои барқарор кардани бисьёр лаҳзаҳои ҷараёни зиндагӣ ва фаъолияти серсоҳаи ӯ мадади калоне мерасонад.

Дар асарҳои мазкур танҳо тарҷумаи ҳоли мухтасари Амирӣ ва баъзе ишораҳо ба фаъолияти рӯзноманигориву мавзӯоти ашъори ӯ зикр гардида, эҷодиёти рангину пурдоманаи вай мавриди таҳлилу тадқиқ қарор нагирифтааст.

Ҳамчунин бояд гуфт, ки адабиёти асри XIX ва ибтидои асри XX Эрон, ки аз давраҳои муҳимми таърихи адабиёти форсӣ ба шумор меравад, ҳанӯз хеле кам тадқиқ шудааст. Барои таълифи таърихи адабиёти ин давра пеш аз ҳама таҳқиқи осори адабӣ ва таҳлилу тадқиқи эҷодиёти намояндагони барҷастаи он зарур аст.

Бинобар ин дар рисолаи ҳозир барои омӯзиши баъзе ҷиҳатҳои эҷодиёти яке аз намояндагони маъруфи адабиёти давраи мазкур Адибулмамолики Амирӣ кӯшише шудааст. Мо аз эҷодиёти пурдоманаи Амирӣ асосан ба ашъори ӯ таваҷҷӯҳ намудем. Азбаски мақолаву хитобаҳои публицистӣ ва дигар асарҳои насрии ӯ, ки дар рӯзномаҳои гуногун дарҷ гардидаанд, то ҳол ҷамъоварӣ нашудаанд ва худи он рӯзномаҳо низ дар дастраси мо нестанд, ин соҳаи эҷодиёти вай аз доираи тадқиқ дар ин рисола берун монд.

---

[12] Брагинский И. С., Комиссаров Д. С. Персидская литература. — М.: ИВЛ, 1964.

## Боби I

# АДИБУЛМАМОЛИКИ АМИРӢ ВА МУҲИТИ СИЁСИВУ ИҶТИМОӢ ВА АДАБИВУ МАДАНИИ Ӯ

Мирзо Содиқхон Адибулмамолики Фароҳонӣ мутахаллис ба Амирӣ (1861—1917) аз зумраи суханварони соҳибсабк буда, дар таърихи адабиёти Эрон мақому мартабаи ба худ хосеро ишғол менамояд. Ҷараёни ҳаёт ва фаъолияти адабиву ҷамъиятии ин адиби мумтоз ба яке аз давраҳои мураккаби таърихи Эрон рост меояд.

Азбаски аҳволу ашъори Амирӣ бо ҳаёти иҷтимоиву сиёсии давр сахт алоқаманд аст ва ӯ дар рӯйдодҳои муҳимми иҷтимоӣ ширкат варзида дар навиштаҳояш таассуроту мушоҳидоти худро аз онҳо иброз доштааст, лозим меояд, ки дар хусуси муҳити таърихии давр ва муҳимтарин ҳодисаву воқеаҳои сиёсиву иҷтимоии Эрон дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX андаке батафсилтар таваққуф намоем. Зеро бисьёр масъалаҳои ҳаёт ва эҷодиёти шоирро бидуни равшан тасаввур намудани вазъияти таърихии давр дарк кардан хеле душвор ва баъзан имконнопазир аст.

Аз тарафи дигар кам будани асарҳои тадқиқотӣ оид ба таърихи Эрон ба забони тоҷикӣ водор менамояд, ки вазъияти сиёсиву иҷтимоии даврони шоир ба қадри имкон батафсилтар ба қалам дода шавад.

Чунон ки маълум аст, нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX давраи ташаккул, инкишоф ва ба марҳалаи олии худ — империализм расидани капитализм мебошад. Ҳарчанд капитализм асосан дар Аврупо ва дигар мамолики Ғарб вусъат меёфт, вале он ба кишварҳои Шарқ низ бетаъсир набуд. Дар ин давра рақобати давлатҳои буржуазӣ барои вусъат додани мустамликаву ниммустамликаҳои худ, ба даст овардани манбаъҳои нави ашьёи хом ва тақсим кардани бозорҳои ҷаҳон ба дараҷаи баланд расида тезутунд шуда буд. Аз ин лиҳоз диққати ин давлатҳоро беш аз ҳама кишварҳои қафомондаи Шарқ аз ҷумла Эрон ба худ кашида буд. Зеро

Эрон дар ин давра ба қатори мамлакатҳое дохил мешуд, ки ба иборати В. И. Ленин «дар онҳо саноат суст тараққӣ кардааст, онҳо кам ё беш зиндагонии патриархалӣ доранд, ба он ҷойҳо маҳсулоти саноатиро бурда фурӯхтан, аз ин пули бисьёре ғун кардан мумкин аст».[1]

Бинобар ин давлатҳои буржуазӣ бо ҳар роҳ кӯшиш менамуданд, ки ба ин кишварҳо роҳ ёфта, ин ҷойҳоро ба манбаи ашьёи хому дигар манфиатҳои худ табдил диҳанд.

Робитаи мамлакатҳои аврупоӣ бо Эрон ва вуруди намояндагони онҳо ба ин кишвар ҳарчанд хеле барвақт шурӯъ шуда буд, вале дар асри XIX ба тақозои омилҳои зикршуда ин хеле ривоҷу тавсиа пайдо кард.

Вале мақсади асосии давлатҳои буржуазӣ аз барқарор намудани муносибатҳо бо Эрон ҳамоно ба даст овардани ашьёи хому бозор ва ба мустамлика табдил додани кишвар буд. Аз давлатҳои буржуазӣ беш аз ҳама ба Эрон давлатҳои Англия ва Россияи подшоҳӣ талош доштанд. Ҳанӯз дар ибтидои асри XIX пас аз ҷангҳои дурударози Россияву Эрон ва баста шудани аҳдномаи соли 1813 дар мавзеи Гулистон, ки бо аҳдномаи Гулистон маъруф аст ва аҳдномаи 10 феврали 1827 Туркманҷой аз як тараф қисмате аз хоки Эрон ба Россия ҳамроҳ шуда бошад, аз тарафи дигар барои ба Эрон дохил шудани капитали Россияи подшоҳӣ роҳи васеъ кушода шуд. Ҳамчунин аҳдномаи Эрон ва Англия ки 10 ноябри 1814 дар Теҳрон ба имзо расид, на танҳо барои Эрон бефоида ва зарарнок буд, балки истиқлоли сиёсии ин мамлакатро низ аз миён бурд ва ҳатто робитаҳои кишварро бо мамолики дигар ба итоату назорату ҳукумати Англия вогузор намуд.

Аз ҳамин давра рақобати Англияву Россия ҳам барои ба тасарруфи худ даровардани Эрон хеле авҷ гирифт ва ин кишварро ба арсаи кашмакашу талошҳо мубаддал намуд.

Эрон таваҷҷӯҳи дигар давлатҳоро ҳам ба худ ҷалб карда буд. Дар тиҷорати дохилии мамлакат Франция ва Австрия низ имтиёзи калоне ба даст оварда буданд. Дар натиҷа тоҷирони ин мамлакатҳо озодона амал намуда, андози ниҳоят кам мепардохтанд.

Штатҳои Муттаҳидаи Америка дер боз бо иштиёқи зиёд ба Эрон майл дошт ва мехост ин кишварро ба тасарруфи худ дарорад. Аҳдномае, ки байни Эрону ШМА соли 1856

---

[1] Ленин В. И. Асарҳо, ҷилди 4, Сталинобод, 1954, саҳ. 384.

баста шуда буд, ҳарчанд аҳдномаи дӯстӣ ном дошт, асосан нобаробар буда манфиатҳои ШМА-ро ифода менамуд.

Қарордоди давлати Эрон бо давлатҳои Бельгия ва Испания ҳам аз ҳамин қабил буда, барои вуруди капитали хориҷӣ ба кишвар шароит муҳайё мекард.

Ихтилофу кашмакашҳои сарҳадии байни давлатҳои Эрону Туркия, ки чандин сол идома дошт, ниҳоят соли 1847 бо бастани аҳднома поён ёфт. Вале ин аҳднома ҳам бо иғвою фитнаи ҳукуматдорони англис ихтилофҳои мавҷударо пурра ҳал карда натавонист ва дар натиҷа марзи ин ду кишвар аниқ муайян нашуда монд.

Ҳамин тавр нуфузи сармоядорони хориҷӣ дар Эрон хеле зиёд шуд ва онҳо дар бисьёр корҳои дохилии мамлакат худро соҳибихтиёр мешумориданд. Таъсири онҳо ҳатто ба дараҷае пурзӯр буд, ки метавонистанд бо хоҳиши худ ин ё он корманди маъмурӣ, шаҳрдор ё ҳокимони вилоятро маъзул ва ё таин намоянд. Сармоядорони хориҷӣ Эронро ба бозори колоҳои саноатии худ табдил дода буданд. Азбаски молҳои саноатии мамлакатҳои хориҷӣ ба Эрон хеле зиёд оварда мешуд, тоҷирони кишвар ба вазъияти тангу ноқулае афтода буданд. Агар аз як тараф сармоядорони хориҷӣ бо молҳои фаровони худ бозори тоҷирони кишварро касод карда бошанд, аз тарафи дигар онҳо имтиёзоту бартариҳо доштанд ва тоҷирони эронӣ наметавонистанд бо онон рақобат кунанд: Ин ҳолат ҳамчунин ба тарафҳои дигари ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии мамлакат таъсири амиқ расонд. Масалан, бисьёр корхонаҳои саноатӣ ва ё корхонаҳои маҳаллии дастӣ (манифактурӣ) аз сабаби ба фурӯш нарафтани маҳсулоташон хароб мегардиданд. Иқтисодиёти мамлакат сол аз сол рӯ ба таназзул мениҳод. Вазъияти аҳолии мамлакат хоҳ дар шаҳрҳо ва хоҳ дар деҳот торафт бад гардида, мардум аз замин маҳрум ва бехонумон мешуданд.

Ин вазъият боиси норозогии табақаҳои гуногуни мамлакат гардида, онҳоро ба баёни эътирозу ташкили исьёну ошӯбҳо водор менамуд. Азбаски капитали хориҷӣ асосан ба тавассути ҳокимону амалдорон ва худи шоҳ ба мамлакат ворид мегардид ва онхо бо ҳар роҳ сармоядорони хориҷиро дастгирӣ мекарданд, бинобар ин эътирози аҳолӣ пеш аз ҳама ба ҳокимони маҳаллӣ равона шуд буд.

Эътирозу норозигӣ аз сохти давлативу усули ҳукмронии феодалӣ табақаҳои гуногуни аҳолӣ — аз қабили косибону тоҷирони майда, деҳқонон, рӯҳониёни миёнаҳолро фаро гирифта буд. Зеро ҳамаи онҳо аз вазъияти мавҷудаи иқтисодиву сиёсӣ ба танг омада буданд.

Ин ҳолат боиси сар задани як қатор ошӯбҳо гардид, ки шӯриши бобиён аз ҳамон ҷумла аст. Ба ин шӯриш, ки солҳои 1848—1850 ба вуқӯъ пайваста буд, Сайид Муҳаммад Алӣ роҳбарӣ мекард. Ӯ ба худ «Боб» тахаллус ниҳода буд, ки он маънии дарро дошт. Яъне даре, ки имоми 12-уми мусулмонон арзи вуҷуд менамояд. Вай дар тақлиди китоби муқаддаси динӣ — «Қуръон» китоби «Баён»-ро навишт ва дар он нуктаҳои асосии таълимоти худро ифода намуд. Боб худро пайғамбари нав хонда, баробарии ҳамаи марду занро эълон кард. Ҳарчанд таълимоти Боб баъзе хусусиятҳои демократӣ дошт ва то андозае орзуву омоли мардуми меҳнаткашро ифода менамуд, вале он то охир манфиати аҳли заҳматро ҳимоя намекард ва бо онҳо алоқаи зич надошт. Бо вуҷуди ин ташвиқоти Боб аҳолии хонахароби бисьёр деҳотро ба қиём бархезонд. Ин ҳолат махсусан, пас аз вафоти Муҳаммадшоҳ дар сентябри 1848 ва ба сари тахт нишастани Носириддиншоҳ боз ҳам бештар зуҳур намуд. Ҳатто пас аз он ки ҳокимон бо ҳар гуна баҳонаву фиребҳо Бобро асир гирифта, ниҳоят соли 1850 ба қатл расониданд, шӯриш басанда нашуд ва рӯз аз рӯз авҷ мегирифт. Вале дар ҳама ҷо ин шӯришҳо аз тарафи лашкари мусаллаҳу сершумори подшоҳӣ пахш карда мешуданд ва роҳбарони исьёнҳо дастгир гардида ба қатл мерасиданд.

Шӯриши бобҳо, махсусан, дар Мозандарон, Занҷон, Найрез, барин ноҳияҳои Эрон хеле ба авҷ расида, аҳолии зиёди ин ҷойҳоро фаро гирифта буд.

Пас аз он ки шӯриши бобҳо дар ҳама ҷо хомӯш гардонда мешуд ва бобҳо аз дастгириву ҳимояи деҳқонон маҳрум гашта буданд, онҳо усули сӯйқасдро пеш гирифтанд ва аз паи нобуд кардани сардорони давлат афтоданд. Соли 1852 ба Носириддиншоҳ сӯйқасд ба амал омад, вале дар натиҷа шоҳ танҳо захмдор шуду бобҳо ба мақсад ноил нагардиданд.

Эроншиноси советӣ М. С. Иванов дуруст таъкид мекунад, ки «Ҳаракати бобҳо шӯриши демократӣ, антифеодалӣ буда, ҳамчунин ба муқобили ба асорати капитали хориҷӣ гирифтор шудани Эрон равона гардида буд. Деҳқонон аксари иштирокчиёни шӯришро ташкил медоданд. Шӯриш дорои хусусиятҳои хоси ҳаракати деҳқонон буд, ки ба он коргарон роҳбарӣ намекунанд (ҷудоӣ, сустии ташкил, мафкураи динӣ ва ҳоказо). Ҳамаи ин ба мо ҳуқуқ медиҳад, ки шӯриши бобҳоро асосан деҳқонӣ шуморем, ҳарчанд, ки дар ин шӯриш дигар табақаҳои аҳолӣ ҳам ширкат доштанд ва

аксаран ба онҳо намояндагони рӯҳониёни табақаҳои поин ва тоҷирон роҳбарӣ мекарданд».[2]

Аҳамияти шӯриши бобҳо пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки он ба сохти феодалӣ як зарбаи сахт расонида, барои инкишофи муносибатҳои капиталистӣ дар мамлакат роҳ кушод. Ин шӯриш ҳам монанди дигар ошӯбҳои деҳқонони даврaи феодалӣ дар зери никоби диниву мазҳабӣ зоҳир гашта бо мафкураи ҳукмрони давр — мафкураи динӣ сиришта шуда буд.

Сабабҳои асосии шикаст хӯрдани ин шӯришро ҳам монанди дигар исьёнҳои даврaи феодалӣ стихиявӣ будани он, набудани робитаи зичи байни гурӯҳҳои гуногуни исьёнгарон ва надоштани роҳбарияте, ки аз ӯҳдаи муайян кардани мақсад, нақша ва равияи шӯриш бaрояд, ташкил медод.[3]

Бо вуҷуди ҳамаи инҳо шӯриши бобҳо нишон дод, ки дар Эрон низ зиддиятҳои иҷтимоӣ хеле тезутунд шуда, он ҳаракатҳои инқилобӣ, ки дар мамлакатҳои гуногуни Ғарб ва Шарқ зоҳир мегаштанд, ба ин ҷо низ роҳ ёфтаанд ва инҳоро метавон падидаҳои аввалини ҳаракатҳои пурвусъати инқилобӣ шумурд, ки андаке баъдтар дар ибтидои асри XX бо таъсири файзбахши революцияи якуми рус дар солҳои 1905 — 1907 ва революцияи Кабири Социалистии Октябрь ба вуқӯъ пайвастанд.

Вале бояд гуфт, ки шӯриши бобҳо ва пайравони онҳо хеле пурихтилоф буда, дар дохили онҳо равияҳои гуногуне амал менамуданд. Гурӯҳе аз онон, ки аз тоҷирон иборат буданд, бо сармоядорони хориҷӣ робита дошта манфиати онҳоро ҳимоя мекарданд. Ба ин гурӯҳ яке аз шогирдони Боб, ки Баҳоулло ном дошт, роҳбарӣ мекард. Баҳоулло бар хилофи Боб усули мубориза ву шӯришро нолозим шуморида ба муқобили ҳаракатҳои инқилобӣ мебаромад. Ӯ ислоҳоти ҷузъиро усули ягонаи беҳбудии вазъият ҳисобида ба муқобили истиқлоли давлатии Эрон баромад мекард ва ғояҳои ташкили давлати ягонаи ҷаҳонӣ ва кушодани марзҳоро тарғиб менамуд.

Баҳоулло ва пайравони ӯ пурра манфиати сармоядорони хориҷиро ифода намуда, ба ҳаракатҳои инқилобии мамлакат хиёнат карданд ва ба аслиҳаи империалистон табдил ёфтанд.

Ҳамаи ин исьёну шӯришҳо, чунон ки дар фавқ ҳам зикр шуд, аз нооромиву пурошӯбии давр, аз бенизомиву паре-

---

[2] История Ирана. М.: Изд-во МГУ, 1977, с. 249.
[3] Ҳамон ҷо, саҳ. 250.

шонии вазъияти Эрон дар он замон гувоҳӣ медоданд. Ин ҳолат як гурӯҳи табақаи ҳукмронро, ки вазъияти ноором ва рӯҳияи пурошӯби аҳолиро дарк карда буданд, безобита намуд ва онҳоро ба фикру андешаи ба низом овардани вазъият водор сохт.

Намояндаи барҷастаи ин гурӯҳ садри аъзами Носириддиншоҳ Мирзо Тақихон Амири Қабир буд, ки бо номи Амири Низом низ маъруф аст.

Мирзо Тақӣ ҳарчанд аз табақаи ашрофон набаромада буд, вале бо дониши ҳаматарафаву қобилияти хубаш дар як муддати кӯтоҳ дар дарбори шоҳ маъруф гашта соҳиби вазифаҳои баланд шуд. Ӯ дар ҳайати сафирони Эрон, ки баъди ба қатл расидани А. С. Грибоедов ба Россия фиристода шуда буд, вазифаи котибиро иҷро мекард. Дар гуфтушунид оид ба масъалаҳои баҳсноки марзии байни Туркияву Эрон низ вай ҳамчун намояндаи Эрон ширкат варзид.

Мирзо Тақихон зимни сафарҳои худ ба вазъияти ин мамлакатҳо ва тарзи идораи ҳукумати он ҷойҳо шиносо гардид. Махсусан, шиносоӣ бо ислоҳоте, ки дар Туркия ҷорӣ шуда буд ва танзимат ном дошт, ба ӯ таъсири амиқе расонд ва андешаи гузаронидани чунин ислоҳотро дар Эрон ҳам ба вуҷуд овард. Мирзо Тақихон, ки вазири Носириддиншоҳ дар Озарбойҷон буд, пас аз вафоти Муҳаммадшоҳ ҳамроҳи Носириддиншоҳ ба Теҳрон омад ва нахуствазир таъин гардид. Ӯ ҳамчунин сарфармондеҳи армия таъин шуда буд, ки аз ҳамин сабаб лақаби ифтихории Амири Низомро ба ӯ додаанд.

Амири Қабир аз мансаби баланди худ истифода намуда ба ислоҳот шурӯъ кард. Ӯ мехост, ки барои устувор намудани ҳукумати марказӣ ва маҳдуд кардани дахолати мамолики хориҷӣ ба Эрон, махсусан, Англия ислоҳот ба амал орад. Ӯ ба армия диққати ҷиддӣ дода, тартиботи қатъие ҷорӣ намуд. Гирифтани андозҳоро аз деҳқонон низ ба як тартиби муайян даровард, то ки аз ҷабру зулми чандтарафаи ҳокимони гуногун эътирози деҳқонон зиёд гардида ба дараҷаи исьёну ошӯбҳо нарасад.

Мирзо Тақихон бо ҳар роҳ кӯшиш менамуд, ки дахолати Англияро ба Эрон маҳдуд ва пешгирӣ кунад ва дар айни замон барои наздик шудани муносибатҳо бо Россия майлу рағбати калон дошт ва инро барои Эрон судманд меҳисобид. Бо ин мақсад ӯ он мансабдорони дарбориро, ки ба сармоядорони англис робитаи мустаҳкам дошта, ба Англия ҳусни тавaҷҷӯҳе зоҳир менамуданд, аз вазифаҳо маъзул мекард.

Нахуствазир ба тартиботи дохили дарбор низ диққат до-

да, як қатор мансабдоронеро, ки дар амал коре намекарданду танҳо маош мегирифтанд, маъзул намуд. Маоши як қатор мансабдорони дигар ҳам то андозае кам карда шуд. Ҳамаи ин боиси хеле беҳтар шудани корҳои молиёту доронии давлат гардида хазинаи дарборро аз холӣ шудан эмин дошт.

Дар мамлакат истеҳсоли як қатор яроқҳо ба роҳ монда шуд, ки ин барои бо аслиҳа таъмин намудани армия мадад расонид. Дар тиҷорати дохиливу берунӣ ҳам тартиботи катъитаре ҷорӣ карда шуд.

Амири Кабир ба масъалаи маориф дар мамлакат диққати калон медод. Бисьёр ҷавонон ба мамлакатҳои хориҷа ва аз ҷумла Россия барои таҳсил фиристода мешуданд. Дар навбати худ аз кишварҳои дигар донишмандону омӯзгорон даъват мешуданд, то ки ба тадрису таълим машғул гарданд. Бо ташаббуси Амири Кабир дар Теҳрон «Дорулфунун» таъсис дода шуд, ки дар он як қатор донишмандони эрониву хориҷӣ дарс мегуфтанд. Нахустин рӯзнома дар Эрон ташкил карда шуд. Дар Табрез, Теҳрон ва дигар шаҳрҳои мамлакат тадриҷан чопхонаҳо сохта шуда, бо усули литографӣ ба забони форсӣ китобҳо чоп гардиданд, ки инҳо барои пешрафти мамлакат ва чунон ки баъдтар дар мавқеаш ба тафсилтар қайд хоҳем кард, ба ривоҷи илму маданият мадади зиёд расонид.

Чунон ки маълум аст, дар ин давра ҳам рӯҳониён дар давлат мақоми баланде дошта, таъсири онҳо ба корҳои давлатӣ хеле пурзӯр буд. Амири Кабир барои маҳдуд намудани таъсиру нуфузи рӯҳониёни нолоиқ ба корҳои давлатӣ ҳам кӯшиш зоҳир намуд. Як қатор рӯҳониёни амалдор аз вазифа барканор шуданд. Шайхулисломи Табрез аз шаҳр ронда шуд. Имоми ҷумъаи Теҳрон бошад аз ҳуқуқи баст, ки дар он ҷинояткорон паноҳ мебурданд ва давлат наметавонист онҳоро ба ҷазо кашад, маҳрум гардид.

Чунин тарзи муносибат рӯҳониёни баландмақоми кишварро ба шӯр овард ва онҳо якҷоя бо гурӯҳҳои мухолифи Амири Кабир ва мансабхоҳон ба муқобили ӯ баромаданд. Ин гурӯҳҳои мухолифи Амири Кабир ва мансабхоҳон ба муқобили ӯ баромаданд. Ин гурӯҳҳо, ки аз тарафи сармоядорони англис ва модари Носириддиншоҳ дастгирӣ мешуданд, бо ҳар роҳ мехостанд ислоҳоти Амири Кабирро вайрон карда, худи ӯро нобуд созанд.

Бо ин мақсад рӯҳониён аз вазъияти нооромн давр истифода намуда дар натиҷаи тарғиботи зиёд моҳи марти 1849 ошӯби чандин полки лашкари Теҳронро ба муқобили Амири Кабир ташкил карданд. Онҳо аз шоҳ дархост мекарданд, ки

нахуствазир аз вазифааш барканор гардад. Азбаски Носириддиншоҳ ба Амири Кабир эътимоди калон дошт ва ҳатто хоҳари худро ба ӯ ба занӣ дода буд, ин дафъа ӯро ҳимоя намуд ва аз вазифа озод накард. Вале мухолифони нахуствазир бо ҳар роҳ дар ҳаққи ӯ ба шоҳ иғвою фитнаҳо карда, овоза паҳн намуданд, ки вай даъвогари тахту тоҷи шоҳӣ мебошад.

Ниҳоят иғвоҳои рӯҳониён ба шоҳ асар кард ва ноябри 1851 шоҳ Мирзо Тақихонро аз вазифаи нахуствазирӣ ва сарфармондеҳӣ маъзул карда ба Кошон фиристод. Соли 1852 Мирзо Тақихон дар Кошон аз тарафи мухолифонаш кушта шуд.

Ба ҷои Амири Кабир ба вазифаи нахуствазирӣ собиқ вазири низомӣ Оқохони Нурӣ, ки ба Англия ва сармоядорони англис ҳусни таваҷҷӯҳ ва робитаи қавӣ дошт, таъин карда шуд.

Ҳамин тавр ислоҳоти муҳимме, ки Амири Кабир мехост ҷорӣ намояд, боздошта шуд. Азбаски ҳавохоҳони ислоҳот ва он табақаҳои аҳолӣ, ки Амири Кабирро ҷонибдорӣ мекарданд, ҳанӯз дорои иқтидори дурусте набуданд ва наметавонистанд ба муқобили душманони дохиливу дахолати англисҳо истодагирӣ намоянд, ислоҳоти Амири Кабир, ки дорои ҷанбаҳои пешқадаме буд, барҳам хӯрд.

Ҳамаи ин ҳодисаҳо боиси таназзули иқтидори Эрон гардида, дахолати капитали хориҷиро ба ин ҷо боз ҳам бештар намуд. Роҳбарони давлат ба ҷои пешгириву андешидани тадбирҳо баръакс бо сармоядорони хориҷӣ ба таври пинҳонӣ забон як карда, ҳар гуна созишномаҳои нобаробар мебастанд, ки онҳо бар зарари Эрон буданд. Таъсири Англия ва Россия мисли пештара ба Эрон аз ҳама пурзӯртар буд. Ҷанги Қрим дар солҳои 1853—1856 рақобати тезутунди Англия ва Россияро барои ба даст овардани Эрон баръало нишон дод.

Ҷанги Англияву Эрон дар солҳои 1856 — 1857 давоми сиёсати истилогаронаи мустамликадорони англис буд, ки мехостанд Эронро пурра ба мустамликаи худ табдил диҳанд. Англисҳо аввал як қатор шаҳру бандарҳои Эронро забт намуда пеш мерафтанд. Вале дар ҳамин вақт дар Ҳиндустон ҳаракатҳои озодихоҳӣ бар зидди истилогарони англис шурӯъ шуд ва ҳукуматдорони англис маҷбур шуданд, ки фавран бо Эрон созишнома баста лашкарҳои худро ба Ҳиндустон барои пахш кардани шӯришҳо фиристанд. Бинобар ин он ҳукуматдорони англис 4 марти 1857 дар Париж бо Эрон созишномаи сулҳ бастанд, ки мувофиқи он шоҳ ӯҳдадор шуд,

ки аскарҳои худро аз Ҳирот ва дигар маҳалҳои Афғонистон барорад ва мухторияти Афғонистонро эътироф кунад. Ҳукумати Англия бошад барои баровардани аскарҳои худ аз маҳалҳои забткардааш дар Эрон қарор баровард.

Ҳамин тавр шикасти Эрон дар ҷанг бо англисҳо бори дигар аз таназзули иқтисодӣ, ҳарбӣ ва сиёсии мамлакат шаҳодат медод. Ин ҳолат хавфи азимеро ба Эрон барои ба мустамликаи давлатҳои хориҷӣ табдил ёфтани он ба вуҷуд меовард ва барои ин дар ҳақиқат дар мамлакат ҳама гуна шароит муҳайё буд.

Чунон ки дидем, агар дар нимаи аввали асри XIX Эрон майдони кашмакашу талошҳои ҷангии мамлакатҳои хориҷӣ қарор гирифта бошад, дар нимаи дуюми асри XIX процесси ба мамлакат дохил шудани капитали хориҷӣ бо роҳи осоишта сурат мегирифт. «Дували Рус ва Англис, ки муҳосираи низомии Эронро аз салтанати Фатҳалишоҳ то авосити давраи подшоҳии Носириддиншоҳ бо ақди қарордодҳои Туркманчой ва Порис такмил карда буданд, дар майдони рақобати иқтисодӣ низ ҳаргиз аз пой нанишастанд ва... даст ба муҳосараи иқтисодии Эрон заданд ва ҳар як аз он ду давлат дар сояи рахнаи сиёсӣ дар умури дохилии Эрон ба касби имтиёзотӣ ноил шуданд. Аммо ин иқдомот дар ҳақиқат муқаддимае барои иқдомоти ояндаи ду давлати тавсиаталаб дар Эрон буд»,[4] — менависад таърихшиноси эронӣ Алиасғари Шамим.

Яке аз воситаҳои ба таври осоишта дохил шудани капитали хориҷӣ ба мамлакат ба вуҷуд омадани имтиёзоти (концессияҳои) давлатҳои капиталистӣ дар Эрон буд. Дар ин давра, ки капитализм ба дараҷаи олии худ — империализм мерасид, рақобати давлатҳои буржуазӣ боз ҳам бештар мешуд. Аз ин ҷост, ки илова бар Англияву Россия давлатҳои дигари буржуазӣ аз қабили Германияву ШМА барои ба тасарруфи худ даровардани Эрон талошу муборизаро пурзӯр намуданд.

Давлатҳои буржуазӣ бо мақсади ҳар чи бештар пайдо кардани мақом дар ин кишвар ба таъсиси банкҳо, имтиёзот, додани қарзҳо пардохтанд.

Аввалин имтиёзоте, ки дар Эрон давлати Англия ба даст овард, имтиёзи телеграф буд. Англия, ки мехост ҳукмронии худро дар Ҳиндустон устувор созад ва дар айни замон Эронро низ дар тобеияташ нигоҳ дорад, ба воситаи гузаронидани хати телеграф ин мақсади худро амалӣ гардони-

---

[4] Алиасғари Шамим. Эрон дар давраи салтанати Қоҷор, саҳ. 221.

дани буд. Ҳарчанд хатҳои телеграф ба Эрон тааллуқ доштанд, вале дар амал комилан ба Англия вобаста буда, ба манфиати онҳо хидмат мекарданд. Ҳукумати Англия бо баҳонаи кормандони телеграф сарбозони худро ба Эрон фиристода бо ҳар роҳ ба корҳои дохилии кишвар дахолат менамуд.

Пас аз имтиёзоти телеграф англисҳо талоши худро барои ба тасарруф даровардани боигариҳои табиии мамлакат равона намуданд. Яке аз ҳамин гуна имтиёзҳои хеле бузург имтиёзи маъруфи барон Ю. Рейтер буд, ки он буньёди роҳҳои оҳан, истеҳсоли нафт ва маодини дигар, коркарди ҷангал, кандани каналу чоҳҳо ва амсоли онҳоро фаро мегирифт ва ба муддати 70 сол қарор дода шуда буд. Ба Ю. Рейтер Носириддиншоҳ ҳамчунин ба мӯҳлати 60 сол имтиёзи Банки шоҳаншоҳии Форсро супорида буд.

Ю. Рейтер дар тиҷорати дохиливу берунии Эрон ҳуқуқи калоне дошта аз андозу боҷҳои гуногун озод буд. Ба шаҳодати таърихшиносон ҳукумати Эрон ба ин гурӯҳ соҳибимтиёзон гӯё боигариҳои табиии кишварро мефурӯхт.

Ҳарчанд ба ин имтиёзҳои бешуморе, ки ба англисҳо дода мешуд, ҳам мардум ва ҳам баъзе аз амалдорони дарбор бо назари эътирозомез менигаристанд ва норозигии худро баён менамуданд, бо вуҷуди ин имтиёзҳои нав ба нави дигар ба сармоядорони англис супорида мешуд. Ба ҷои як имтиёз имтиёзи дигаре ба вуҷуд меомад.

Имтиёзи маъруфи дигари сармоядорони англис, ки эътирози мардуми зиёдеро ба амал овард, имтиёзи Тальбот буд. Ширкати Тальбот, ки имтиёзи танбокуро соли 1891 ба даст оварда буд, дар як муддати кӯтоҳ коркарди танбокуро дар тамоми кишвар ба даст гирифт ва ҳатто ба корҳои дохилии мамлакат ҳам дахл мекардагӣ шуд. Ин ҳолат эътирози пурзӯри аҳолии зиёдеро ба вуҷуд овард ва шоҳ маҷбур шуд, ки ин имтиёзро барҳам диҳад.

Сармоядорони Россияи подшоҳӣ ҳам, ки дер боз ба сарватҳои табиии Эрон майл доштанд, намехостанд, ки аз сармоядорони Англия ақиб монанд. Бинобар ин онҳо ҳам барои ба даст овардани имтиёзҳо дар ин кишвар кӯшишу ҷадал менамуданд. Ҳанӯз соли 1879 имтиёзи сохтмони хатти телеграф ба онҳо дода шуда буд. Соли 1888 бошад Лианозов имтиёзи моҳидорӣ дар обҳои Эронро ба даст овард. Сармоядорони Россия ҳамчунин имтиёзоти дигар аз қабили ниқлиёту таовун, сохтмони роҳҳо ва таъсиси банкҳоро дар мамлакат ба дасти худ гирифтанд.

Илова бар Англияву Россия дар Эрон давлатҳои дигари

хоричӣ аз қабили Бельгия, Франция имтиёзҳо ба даст оварданд.

Азбаски дар дарбори шоҳ ҳар гуна бенизомиву бетартибӣ ҳукмрон буд, хазинаи давлат торафт холӣ мегашт ва ҳукумати Эрон маҷбур буд, ки аз давлатҳои хоричӣ қарз гирад. Ҳамин гуна қарзҳои хеле калонро Эрон аз Россия ва Англия гирифт, ки ин ҳам тобеияти кишварро ба давлатҳои хоричӣ бештар менамуд.

Бояд гуфт, ки дар ин давра Эрон ба мамлакатҳои хоричӣ аз қабили Англияву Россия на танҳо аз лиҳози иқтисодӣ тобеъ мешуд, балки аз ҳайси сиёсӣ низ торафт мутеи он мамлакатҳо мегардид. Ҳукумати Россия бо ин мақсад бригадаҳои низомии худро, ки ба онҳо афсарони рус роҳбарӣ мекарданд, дар Теҳрон ва шаҳрҳои дигар нигоҳ медошт. Ҳукумати Англия ва сармоядорони англис бошанд бо ҳар роҳ дар байни сарватмандону ҳокимони маҳаллӣ нифоқ андохта, ҳатто қабилаҳоро байни ҳамдигар ба низоъ вомегузоштанд ва ҷудоиро дар байни онҳо бештар менамуданд. Аз ҷумла англисҳо ба роҳбарони қабилаи булуҷҳо ёрии ҳарбӣ мерасонданд ва ин қабила ба муқобили давлат баромада аз додани андозу хироҷҳо саркашӣ мекард. Ҳукуматдорони англис, махсусан, дар таъқиби одамони равшанфикру аҳли ислоҳотхоҳи дарбор бисьёр корҳо мебурданд, ки дар ин бобат таърихшиноси маъруфи эронӣ Хонмалики Сосонӣ дар асараш «Дасти пинҳони сиёсати англис дар Эрон» бо далелҳои мӯътамад сухан рондааст.[5]

Намояндагони давлатҳои буржуазӣ дар давлати Эрон низ роҳ ёфта буданд. Танҳо аз бельгиягиҳо қариб 30 нафар дар корҳои гуногуни давлатӣ машғул буданд. Бисьёр корҳои давлатӣ бо хоҳишу раъйи хориҷиён иҷро мегардид ва шоҳу дарбориён ба аслиҳаи империалистони хоричӣ табдил ёфта буданд.

Пас аз он ки Носириддиншоҳ солҳои 1873, 1878, 1889 ба Россия ва дигар мамлакатҳои хоричӣ сафар кард ва бо сохти давлативу шароити он ҷойҳо шиносоӣ пайдо кард, ба ҷорӣ намудани баъзе навиҳо дар Эрон низ шурӯъ намуд. Аз ҷумла дар пешравии давлатҳои аврупоӣ чанд вазорати дигар ташкил намуд, мактабҳои тарзи нав кушод, ки дар онҳо фарзандони ашрофон таҳсил мекарданд. Либоси аҳли дарбор ба тарзи аврупоиёна гардонида шуд. Вале ҳамаи инҳо

---

[5] Хонмалики Сосонӣ. Дасти пинҳони сиёсати англис дар Эрон, чопи дуввум. Теҳрон, 1352.

тағъиротҳои зоҳирӣ буда, асоси иқтисоди феодалии мамлакат ва сохти давлатиро тағьир намедод.

Ҳамин тавр хеле пурзӯр шудани нуфузи капитали хориҷӣ дар Эрон боиси боз ҳам карахт шудани сохти феодалӣ дар кишвар гардида ба иқтисодиёт ва риштаҳои гуногуни ҳаёти мамлакат таъсири бад расонид ва аҳволи табақаҳои миёнаву поёни аҳолиро боз ҳам бадтар намуд.

Махсусан, аҳволи деҳқонон, ки аксари аҳолии мамлакатро ташкил медоданд, хеле тоқатфарсо буд. Чунон ки муҳаққиқи советӣ З. З. Абдуллоев барҳақ қайд менамояд «Фақри мудҳиш, беҳуқуқӣ, бедодгарии заминдорон ва маъмурияти давлатӣ — чунин буд манзараи деҳоти Эрон дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX».[6]

Дар нимаи дуюми асри XIX як қисми аҳолии мамлакат ҳамчунин дар шаҳрҳо зиндагӣ мекарданд. Вуруди капитали хориҷӣ ба ҳаёти шаҳрҳои мамлакат низ ҷунбише ба амал овард. Ин ҷунбиш, махсусан тавассути авҷгирии тиҷорату бозорҳо дар чаҳорьяки сеюми асри XIX боз ҳам бештар гардид. Ин боиси вусъат ёфтани шаҳрҳо, зиёд шудани аҳолӣ ва бунёд гардидани дӯкону корвонсаройҳо ва дигар иншооти калон мегардид.

Инкишофу сабзиши шаҳрҳо нишон медод, ки як қисми аҳолии деҳот ба шаҳрҳо гузашта ба корҳои тиҷоративу саноатӣ машғул мешаванд. Чунон ки муҳаққиқон таъкид мекунанд, ин ҳолат, албатта дар шароити таърихии Эрон қадаме ба пеш буд. Зеро инкишофи шаҳрҳо ва дар корхонаҳои калони саноатӣ ҷамъ шудани коргарон боиси баланд шудани шуури ҷамъиятӣ, ташаккули синфи коргар ва пурзӯр шудани эҳсоси худшиносии онҳо мегардид.

Дар ҳаёти шаҳрҳои Эрон дар ин давра, махсусан, тоҷирон мавқеи калон доштанд, онҳо бо деҳоти мамлакат низ робитаи қавӣ пайдо карда, маҳсулоти зиёди кашоварзиву онҳои хӯроквориро дар анборҳои худ ҷамъ оварда буданд. Дар натиҷа сол аз сол нархи ашьёҳои зарурӣ гарон мешуд.

Чунон ки З. З. Абдуллоев аз санадҳои архив мисол меорад, яке аз бойтарин тоҷирони мамлакат Ҳоҷимамад Ҳасани Аминуззарба, ки пас аз вафоташ дар соли 1896 мероси ӯ ба писараш Ҳоҷимамад Ҳусейн гузаштааст, зиёда аз 25 миллион туман дороиву сарват доштааст. Ин оила ба ҷуз корҳои тиҷоратӣ бо амалиёти банку гузоштани сармоя дар саноату муассисаҳои тиҷоратӣ ҳам машғул мешудааст ва бо

[6] Абдуллоев. З. З. Промышленность и зарождение рабочего класса Ирана. Баку, Изд-во Ан Азербайджанской ССР, 1963, с. 21

чанде аз бозорҳои берунӣ робита доштааст. Аминуззарба да тамоми шаҳрҳои Эрон гумоштагони худро дошт, ки онҳо б харидуфурӯши маҳсулот ва дигар корҳо машғул буданд. ҳамчунин дар Москваю Нижний Новгород, Марселу Лон дон, Париж ва дигар шаҳрҳои Аврупову Хитой идораву гу моштаҳо ва ё дӯконҳо доштааст.[7]

Вале Аминуззарба дар мамлакат танҳо набуд ва чуни сарватмандони калон дар шаҳрҳои гуногуни Эрон амал ме намуданд. Алоқамандона ба он ки Эрон ҳар чи бештар б бозори ҷаҳонӣ кашида мешуд, шумораи тоҷирони он да мамлакатҳои хориҷӣ меафзуд.

Қобили қайд аст, ки дар ин давра дар Эрон бозорҳо дохилӣ ҳам ба вуҷуд омаданд. Ин барои пешрафти иқтисо ди мамлакат ва ба бозори ҷаҳонӣ бештар ҷалб шудан бо ҳам мусоидат мекард.

Аз солҳои 80-уми асри XIX сар карда дар Эрон ширкат ҳои миллии тиҷоратӣ ташкил шуданд, ки ба тиҷорати до хиливу берунӣ машғул буданд. Ширкатҳои «Амния», «Ман сурия», «Форс», «Иттиҳодия», «Масъудия», «Умумӣ» аз қа били ҳамин гуна ширкатҳо ба шумор мерафтанд. Таъсис чунин ширкатҳо то андозае хукмронии хориҷиёнро дар бо зори Эрон маҳдуд менамуд.

Инкишофи тиҷорат ва умуман иқтисоди Эрон бартараф кардани ҷудоиву талошҳои байниҳамдигарии феодалҳо и дигар мамониатҳоро, ки дар ҳар қадам халал мерасониданд тақозо менамуд. Вале ин кор хеле ба сустӣ ҷараён меги рифт. Сокинони шаҳрҳо беҳуқуқ буда, ба торочу кашма кашҳои феодалҳои калону роҳзанон муқовамат карда нам тавонистанд ва ин ҳам то андоза ба инкишофи шаҳрҳо ха лал мерасонид.

Бо вуҷуди ин дар шаҳрҳои Эрон нишонаи муносиба ҳои капиталистӣ пайдо мешуд ва барои инкишофи капита лизм заминаҳо ба вуҷуд меомаданд. Дар шаҳрҳо баъ корхонаҳои саноатӣ сохта мешуданд. Дар Теҳрон ҳанӯз со ли 1858 фабрикаи ресандагӣ сохта шуда буд. Баъдтар да шаҳрҳои дигар заводҳои қанд, гӯгирд, бофандагӣ, шоҳибо фӣ ва ҳоказо ба кор даромаданд. Вале дере нагузашта и корхонаҳо ба рақобати молҳои аз хориҷа воридшаванд тоб оварда натавониста баста шуданд.

Дар натиҷаи ин коргарону ҳунармандони зиёде беко монда бо деҳқонони хонахаробшуда ҳамроҳ шуданд ва да ҷустуҷӯи кору қути лоямут ватанро тарк карда ба шаҳрҳо

---

[7] Ҳамон ҷо, саҳ. 34.

гуногуни Россия мерафтанд. Дар ибтидои асри XX шумораи одамоне, ки аз Эрон ба Россия рафта буданд, ба 200 ҳазор мерасид.

Яке аз муҳимтарин ҳодисаҳое, ки дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX дар ҳаёти иҷтимоии Эрон ба вуҷуд омад, ин пайдоиш ва ташаккули синфи коргар буд, синфе, ки аз қувваи асосии муборизаҳои озодихоҳиву инқилобҳо дар давраи капитализм ба шумор меравад.

Синфи коргар дар Эрони феодалӣ пеш аз ҳама аз ҳисоби деҳқонони хонахароб, ки дар натиҷаи зулму тааддии чандтарафа аз тамоми сармояи зиндагӣ маҳрум шуда, ба шаҳрҳо меомаданд, ба вуҷуд меомад. Ин процесс торафт афзун мегардид ва деҳқонон манбаи асосии синфи коргари Эрон ба ҳисоб мерафтанд.

Манбаи дигари ташаккули синфи коргари Эрон, ҳамон навъе ки муҳаққиқон муайян кардаанд, ҳунармандони устохонаҳо мебошад, ки онҳо қисмати коргарони боихтисосро ташкил медоданд. Зеро инҳо нисбат ба деҳқонон то андозае ба корҳои саноат омода буданд.

Аҳолии бенавою бехонумони шаҳрро, ки дар қашшоқиву гуруснагӣ мезистанд, манбаи дигари ташаккули синфи коргари Эронро ташкил медоданд.

Барои дуруст тасаввур намудани вазъияти давр, ки бешубҳа ба эҷодиёти адибони аср таъсири амиқе гузоштааст, ба назар гирифтани аҳволи коргарони эронӣ ҳам амри зарурист. Зеро чунон ки Ф. Энгельс қайд намудааст: «Аҳволи синфи коргар асоси ҳақиқӣ ва мабдаи ҳамаи ҳаракатҳои иҷтимоии замони ҳозира ба шумор меравад, чунки вай зуҳуроти равшан ва буррои мусибатҳои иҷтимоии ҳозираи мо мебошад».[8]

Коргарон маҷбур буданд, ки аз субҳ то шом бо меҳнати пурмашаққат машғул шаванд. Барои кору истироҳат бошад дар корхонаҳо шароите вуҷуд надошт. Ягон қонуну қоидаи муайяне набуд ва ҳар соҳиби корхона ба раъйу хоҳиши худ тартиботе муқаррар мекард, ки дар он манфиати коргарон тамоман ба эътибор гирифта намешуд. Занону бачагон низ баробари мардон машаққат мекашиданд. Соати корӣ дар корхонаҳо дар як рӯз ба 10—12 мерасид. Ба бехатарӣ дар коргоҳҳо тамоман эътибор дода намешуд. Музди кории коргарон бо вуҷуди меҳнати пуразоби бомашаққат ниҳоят ноҷиз буд ва барои таъмини маишати зиндагӣ кифоя намекард. Дар корхонаҳое, ки сармоядорони хориҷӣ соҳибӣ ме-

[8] Маркс К., Энгельс Ф. Сочинение, т. II, М., 1955, с. 238.

кардaнд, ба коргарони хориҷӣ, махсусан, англисҳо музди бештар дода, ба коргарони маҳаллӣ, ки баробари онҳо кор мекарданд, чанд баробар камтар маош дода мешуд, ки ин ҳам аз моҳияти истилокоронаи капитали хориҷӣ дар Эрон шаҳодат медиҳад.

Маоши ниҳоят кам аз як тараф аҳволи коргаронро хеле бад карда, аз тарафи дигар имкон намедод, ки дар саноат инкишофи техникӣ ба амал ояд. Аз ин ҳисоб сармоядорони хориҷӣ фоидаҳои калон ба даст меоварданд.

Ҳамаи ин аз вазнин будани аҳволи коргарон ва ба мол табдил ёфтани онҳо дар дасти сармоядорони хориҷиву кишвар далолат мекунад.

Тарзи ҳукмрониву сиёсати шоҳ ва дарбориён, ки боиси хеле бад шудани вазъияти иқтисодиву иҷтимоии мамлакат шуда буд, намояндагони пешқадами буржуазияи навзуҳури маҳаллиро мутаассир намуд ва боиси ба вуҷуд омадани ғояҳои миллатчигӣ гардид. Чунин ғояҳо, махсусан, дар байни зиёиёни мамлакат хеле ривоҷ пайдо кард.

Дар нимаи дуюми асри XIX яке аз ҳамин гуна намояндагони фаъоли буржуазияи маҳаллӣ Малкумхон буд. Вай пас аз гирифтани маълумот дар Париж ба Эрон баргашта дар вазорати корҳои дохилӣ машғули кор мегардад. Бо ташаббуси ӯ соли 1858 ҷамъияти пинҳонии «Одамият» ташкил мегардад, ки дар он зиёиёни дар Аврупо таҳсил гирифта муттаҳид шуда ғояҳои ислоҳоти сиёсӣ ва ба даст овардани баъзе ҳуқуқҳоро тарғибу ташвиқ менамуданд. Баъдтар Малкумхон бо таъсису интишори рӯзномаи «Қонун» пардохта, дар он ташкили парламент ва тариқи конституциониро талқин мекард. Дере нагузашта ҳукумат аъзоёни ҷамъияти мазкурро таъқиб намуда, рӯзномаи онҳоро баст.

Дар бедории шуури миллии эрониён беш аз ҳама мавқеи зиёиёни пешқадами Озарбойҷон, ки онҳо аз ғояҳои демокративу инқилобии маорифпарварони маъруфи рус таъсир мегирифтанд, хеле калон аст. Дар байни эрониён, махсусан, маорифпарвари озарбойҷонӣ Мирзо Фатҳалӣ Охундов хеле машҳуру маъруф буд. Ҳамчунин асарҳои баландғояи Абдурраҳим Толибов, Зайнулобидини Мароғаӣ ва амсоли инҳо дар бедории зиёиёни эронӣ роли калон бозидаанд.

Дар нимаи дуюми асри XIX дар Эрон низ монанди дигар кишварҳои Осиё дар байни буржуазияи майда ва рӯҳониён тарғиби ғояҳои панисломистӣ ва муттаҳид кардани ҳамаи мусулмонон хеле авҷ гирифт. Онҳо мусулмононро барои иттиҳод ва мубориза ба муқобили аҷнабиён даъват намуда, бо ҳамин то андозае эътирози оммаро ифода менамуданд.

Вале дар айни замон онҳо тарафдори барқарор мондани сохти феодалӣ буданд.

Дар ин давра дар шаҳрҳои Эрон як қатор анҷуманҳои махфӣ ташкил мешуданд, ки ғояҳои ислоҳоти буржуазиро дар кишвар тарғиб менамуданд.

«Анҷумани махфӣ», ки соли 1905 ташкил шуда буд, талаботи хеле муфассалеро ба ҳукумат пешниҳод намуд, ки таъсиси «адолатхона», ислоҳоти системаи андоз, ба тартиб овардани армия, муайян кардани ҳуқуқи коргарону хизматчиён, ба низом овардани тиҷорати дохиливу хориҷӣ, сохтмони корхонаҳои саноатӣ, мактабҳои даҳрӣ ва як қатор масъалаҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсии мамлакатро фаро мегирифт, ки ҳамаи инҳо асосан ҷанбаи буржуазӣ доштанд.

Дар даҳсолаи охири асри XIX ҳаракатҳои калони халқӣ дар Эрон аз нав шурӯъ шуданд. Агар аз шӯриши бобиён то ин давра хуруҷҳои хурд дар шаҳрҳои гуногун гоҳ-гоҳ сар мезада бошанд, акнун аз солҳои 90 сар карда ҳаракатҳои оммавии халқӣ ба рағми ба тобеияти давлатҳои хориҷӣ даромадани Эрон авҷ гирифт.

Соли 1891 ҳаракати хеле калони зиддиимпериалистӣ ба муқобили ширкати танбокуи Англия «Талбот» ба вуқӯъ пайваст, ки он яке аз калонтарин шӯришҳои он давра буда, як қатор шаҳрҳои Эронро аз қабили Теҳрон, Табрез, Исфаҳон, Шероз фаро гирифт.

Дар ин ҳаракат оммаи васеи халқ фаъолона иштирок намуд ва шоҳ маҷбур шуд, ки имтиёзи Талботро барҳам диҳад. Ин шӯриш барои инкишофи ҳаракатҳои зиддифеодаливу зиддиимпериалистӣ дар мамлакат такони азиме дод.

Дар зимни ҳамин гуна ҳаракатҳо 1 маи 1896 Носириддиншоҳ бо дасти панисломист Ризои Кирмонӣ кушта шуд ва ба сари тахт писари шоҳи мақтул Музаффариддиншоҳ нишаст. Вале Музаффариддиншоҳ, ки бо кӯшиши сармоядорони хориҷӣ ба тахт нишаста буд, сиёсати иртиҷоии падаражро давом медод ва дар натиҷа таъсири аҷнабиён дар иқтисоду саноати кишвар боз бештар гардид. Ин бошад эътирози аҳолиро боз афзунтар намуд ва ҳаракатҳои халқӣ вусъати бештар пайдо карданд. Ҳаракатҳои халқӣ, махсусан, дар корхонаҳое, ки ба онҳо сармоядорони англис соҳибӣ мекарданд, авҷ мегирифт.

Аҳолӣ, махсусан, барои барҳам додани гуруснагиву қашшоқӣ, ки дар натиҷаи пинҳон кардани ғалла дар анборҳои сармоядорон ба вуҷуд меомад, эътирози сахт нишон медоданд.

Соли 1905 тамоми мамлакатро исьёнҳои халқӣ фаро гирифта буд. Дар мамлакат барои ба вуҷуд омадани ҳаракатҳои васеи инқилобӣ заминаҳо муҳайё шуда буд. Барои алангa гирифтани чунин ҳаракатҳо революцияи соли 1905 рус такони бузурге шуд.

Таъсири муборизаҳои инқилобии рус ба Эрон на танҳо пас аз революцияи соли 1905, балки ҳанӯз пеш аз он паҳн шуда буд. Коргарони эронӣе, ки ба Россия омада буданд, дар ҳаракатҳои инқилобӣ иштирок намуда, обутоб меёфтанд ва сипас ба Эрон баргашта, ба ҳаракатҳои инқилобӣ роҳбарӣ мекарданд.

Баъди революцияи рус ҳаракатҳои васеи инқилобӣ дар Эрон якбора авҷ гирифт. Баҳонаи бевоситаи авҷи ин ҳаракати васеи оммавӣ бо фармони шаҳрдори Теҳрон ҷазо дода шудани 17 нафар тоҷири қандфурӯш гашта буд. Ҳамчун нишони эътироз тамоми дӯкону корхонаҳои Теҳрон баста шуданд. Аҳолӣ талабҳои худро ба ҳукумат пешниҳод кард. Шоҳ маҷбур шуд, ки барои иҷрои он талабот ваъда диҳад. Вале иҷро нашудани ваъда боиси боз ҳам авҷ гирифтани ҳаракатҳо дар тамоми Эрон шуд.

Шоҳ маҷбур шуд, ки талаби аҳолиро қонеъ гардонда, Айнуддавларо аз вазифаи нахуствазирӣ барканор намояд ва ба ҷои ӯ Насруллохон Мушируддавларо гузорад. 5 августи 1906 бошад фармони машрута (конституция) чоп гардид.

Дар фармони машрута шоҳ аз ҷумла навишта буд: «...Чунон мусаммам шудем, ки Маҷлиси шӯрои миллӣ аз мунтахабини шоҳзодагон ва уламо ва қоҷория ва аъёну ашроф ва малокин ва туҷҷор ва асноф ба интихоби табақоти марҳума дар дорулхилофаи Теҳрон ташкил ва танзим шавад, ки дар мақоми умури давлатӣ ва мамлакатӣ ва масолеҳи омма мушовара ва мадоқаи лозимро ба амал оварда ва ба ҳайати вузарои давлатхоҳи мо дар ислоҳоте, ки барои саодат ва хушбахтии Эрон хоҳад шуд, аъонату кӯмаки лозимро бинамояд...»[9]

Ҳарчанд дар ин фармон бисьёр ваъдаҳо зикр шуда буд, шоҳ барои амалӣ гаштани онҳо саъй намекард. Ҳамчунин чӣ навъе ки Аҳмади Касравӣ қайд мекунад, фармони мазкур якбора дастгирӣ карда нашуд.

«Вале чун фармони машрута берун омад, — менависад Аҳмади Касравӣ — ва онро чоп карда ва ба деворҳо часпониданд, кӯшандагон онро написандида ва бо хости худ

---

[9] Аҳмади Касравӣ. Таърихи машрутаи Эрон, чопи чаҳорум, бидуни соли табъ. Теҳрон, саҳ. 119.

созгор надиданд ва касоне фиристода чопшудаҳои онро аз деворҳо канданд. Зеро дар он номи «Тӯда» (халқ—М. М.) бурда нашуда ва аз он сӯи ҷумлаҳои он равшан намебуд».[10]

Чунон ки Аҳмади Қасравӣ иттилоъ медиҳад, шоҳ фармонро дубора таҳрир намуда хоҳиши кӯшандагонро ба инобат мегирад. Вале ҳанӯз худи маҷлиси шӯрои миллӣ даъват нашуда ва тартиби интихобот муайян нагашта буд.

Шоҳ бо таъсири ҳаракатҳои аҳолӣ маҷбур шуд, ки низомномаи интихоботро эълон кунад, вале мувофиқи он занон, деҳқонон, коргарон, аксари ҳунармандону тоҷирони майда ҳуқуқи интихоботро надоштанд.

Ниҳоят 7 октябри соли 1906 ҷамъомади нахустини Маҷлиси шӯрои миллӣ оғоз ёфт. Дар ҷамъомадҳои аввали худ маҷлис як қатор масъалаҳои муҳимро муҳокима намуд. 30 декабри соли 1906 дар яке аз ҷамъомадҳои Маҷлис Музаффариддиншоҳ Қонуни асосиро тасдиқ намуд, ки он қисмати аввали конститутсияи Эронро ташкил намуда, қоидаҳоро дар хусуси ҳуқуқу вазифаҳои маҷлис дар бар мегирифт. Қонун ҳокимияти шоҳро маҳдуд намуда, ҳалли ҳамаи масъалаҳои асосиро ба ӯҳдаи маҷлис вомегузошт. Дар навбати худ ба шоҳ низ баъзе гузаштҳо шуда буд.

8-уми январи 1907 Музаффариддиншоҳ ҳалок мешавад ва ба ҷои ӯ Муҳаммад Алӣ ба тахт мешинад. Муҳаммад Алӣ нисбатан шахси иртиҷоӣ буда, нисбат ба маҷлис ва қонуни асосӣ муносибати душманона дошт ва ин муносибати худро ошкоро ифода намуда мехост бо қуввai ҳарбӣ табаддулоте ба амал оварад.

Ин рафтори шоҳ ва иртиҷоиёни дарбор эътирози оммаи васеъи халқро бедор намуд ва дар шаҳрҳои гуногун ба муқобили ҳукумати шоҳӣ шӯришҳои ярокнок оғоз ёфтанд. Шоҳ маҷбур шуд, ки ба талаботи пешниҳодкардаи маҷлис розигӣ диҳад ва сохти конститутсионии давлатро қабул намояд. Бо ҳамин давраи аввали инқилоби Эрон поён ёфт.

Дар ин давраи инқилоб ҳанӯз коргарону деҳқонон мавқеи асосиро ишғол намекарданд. Онҳо дар давраи дуюми инқилоб, ки он зинаи баландтари ҳаракатҳои инқилобӣ буда, аз соли 1907 шурӯъ мешуд, хеле фаъолона баромад намуданд. Дар ҳама шаҳрҳо ҳаракатҳои оммавӣ ба муқобили зулму тааддии ҳокимону феодалҳо хеле авҷ гирифт. Бисёр ҳокимон ба чунин ҳаракатҳо тоб наоварда гурехтанд.

Мубориза бар зидди сармоядорони аҷнабӣ низ авҷи то-

[10] Ҳамон ҷо, саҳ. 120.

зае пайдо кард. Бо коркунону хизматчиёни сафоратхонаи Англия дар Исфаҳон, Кирмоншоҳ, Шероз ва шаҳрҳои дигар чандин бор задухӯрдҳо ба амал омад.

Дар ин давра аввалин корпартоиҳои коргарон дар таърихи Эрон ба вуҷуд омаданд. Коргарон талабҳои иқтисодӣ пешниҳод мекарданд. Дар Теҳрон комитетҳои иттифоқи касабаи касбу корҳои гуногун ташкил шуданд.

Дар мамлакат як қатор анҷуманҳои гуногун пайдо шуданд, ки онҳо ҳарчанд асосан ҷанбаи буржуазӣ доштанд, вале то андозае манфиатҳои демокративу инқилобиро ифода менамуданд. Дар соли 1907 танҳо дар Теҳрон зиёда аз 140 анҷуман амал мекард.

Дар чанде аз шаҳрҳои Эрон анҷумани муҷоҳидон ташкил шуд, ки онҳо барои истиқлоли миллӣ ва гузаронидани табаддулоти буржуазиву демократӣ мубориза мебурданд. Аъзоёни ин анҷуманҳо ба воситаи ташкилотҳои большевикии Закавказье бо инқилобиёни рус робита доштанд. Вале дере нагузашта ба ин анҷуманҳо низ одамони иртиҷоие роҳ ёфтанд, ки бар хилофи ҳаракатҳои инқилобӣ дар мамлакат баромад мекарданд ва мазҳабчигиву таъқиброталқин менамуданд.

Дар ин солҳо дар Эрон чопи рӯзномаву маҷаллаҳо низ авҷ гирифт. Дар ин бобат ҳангоми таҳқиқи ҳаёти маданӣ муфассалан таваққуф намуда, ҳоло танҳо ҳаминро таъкид мекунем, ки нашрияҳои ин давра бештар ҷанбаи демократӣ доштанд. Танҳо дар ин солҳо дар Эрон қариб 350 рӯзномаву маҷалла ба табъ мерасид.

Матбуоти демократии Эрон дар ин давра дар ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ нақши муҳиме бозида, аслиҳаи бурроие дар дасти қувваҳои демократӣ бар зидди иртиҷоъпарастон ва сармоядорони хориҷӣ буд.

Соли 1907 бо таъсири ҳаракатҳои демократӣ Маҷлис водор шуд, ки ба манфиати қувваҳои демократӣ як қатор тадбирҳо андешад. Аз ҷумла бисьёр ҳокимони иртиҷоӣ аз вазифаҳои масъул барканор шуданд. Вале як гурӯҳ аъзоёни маҷлис, ки намояндагони буржуазияву феодалҳо буданд, аз вусъати ҳаракатҳои инқилобиву демократӣ тарсида, ба муқобили анҷуманҳову муҷоҳидон амал мекардагӣ шуданд.

Шоҳ якҷоя бо гурӯҳҳои иртиҷоӣ барои барҳам додани машрута қувва ҷамъ мекард. Ӯ шахси иртиҷоӣ Аминуссалтанаро аз хориҷа даъват намуда ба ҷои Мушируддавла нахуствазир таин намуд. Ин боиси хурӯҷу исьёнҳои оммаи васеи аҳолӣ гардид. Аминуссалтана бо дасти яке аз фидоиён ба қатл расид.

Ин ҳодисаҳо шоҳро водор намуд, ки таълиқоти Қонуни асосиро, ки қаблан аз тасдиқи он худдорӣ карда буд, ба имзо расонад. Дар ин таълиқот як қатор нуктаҳои муҳимми демократӣ аз қабили озодии сухан, принципҳои буржуазии баробарӣ, озодии матбуоту ҷамъиятҳо ва амсоли инҳо зикр ёфта буданд.

Мазҳаби шиаи Ислом дини расмии давлатӣ эълон карда шуд. Ҳамчунин ҳуқуқҳои шоҳ дар ҳукмронии давлат, фармондеҳӣ бар лашкар, таъин кардани вазирон нигоҳ дошта мешуд. Нуктаҳои дар таълиқот зикршуда дар шароити онвақтаи Эрон, ки сохти феодалӣ ҳукмрон буд, аҳамияти калон доштанд.

Дар ин солҳо байни қувваҳои иртиҷоӣ, ки ба онҳо худи шоҳ роҳбарӣ мекард ва маҷлису қувваҳои демократӣ мубориэаи тезутунд мерафт. Кӯшиши шоҳ, ки дар охири соли 1907 мехост бо қувваи ҳарбӣ маҷлис ва анҷуманҳоро пароканда намояд, дар натиҷаи ҳаракатҳои яроқноки аҳолӣ ва муқобилияти қувваҳои демократӣ амалӣ нагардид.

Пас аз ин хуруҷу исьёнҳои аҳолӣ боз бештар гардид. Дар шаҳру ноҳияҳои гуногуни кишвар шӯришҳои коргарону деҳқонон сар мезаданд, анҷуманҳои нав ташкил мешуданд. Дар соли 1908 дар Эрон зиёда аз 200 анҷуман амал мекард.

Вале бояд гуфт, ки ҳаракатҳои инқилобӣ як роҳбарияти муайян надоштанд. Намояндагони маҷлис ҳам пайгирона амал намекарданд. Шоҳ аз вазъият истифода карда бо мадади давлатҳои Англияву Россияи подшоҳӣ ба муқобили қувваҳои инқилобӣ тайёрӣ медид. Ниҳоят охирҳои июни соли 1908 ӯ дар мамлакат вазъияти ҷангӣ эълон намуда, бо лашкари зиёд ба бинои маҷлис ҳуҷум овард. Маҷлис пароканда гардида аксари аъзоёни он ба қатл расонида шуданд. Зиёда аз 300 нафар аъзоёну депутатҳои маҷлис кушта шуданд. Як қисми аъзоёни маҷлис бошанд ошкоро ба тарафи шоҳ гузаштанд.

Баъди торумор шудани маҷлис ҳаракатҳои инқилобӣ ба Табрез кӯчид. Дар Табрез ба ин ҳаракатҳо асосан намояндагони табақаҳои демократӣ роҳбарӣ менамуданд. Дар ин ҳаракатҳо Саттор, ки ӯро чун «Пугачеви форсҳо» мешинохтанд, роли калон мебозид.

Соли 1908 инқилобиёни Табрез ба муқобили иртиҷоиён муборизаи сахт бурданд. Ба онҳо революционерҳои рус ва Закавказье мадад мерасонанд. Дере нагузашта дар Табрез ва дигар шаҳрҳои Эрон инқилобиҳо иртиҷоиёнро пеш карда ҳокимиятро ба дасти анҷуманҳо супориданд.

Шоҳ ва қувваҳои иртиҷоӣ барои мадад ба қувваи низо-

мии давлатҳои хориҷӣ муроҷиат намуданд, то ки ҳаракатҳои инқилобиро хомӯш созанд.

Дар инқилоби солҳои 1905 — 1911 Эрон ҳодисаҳои дар Табрез ба вуқӯъ омада аз ҳама муҳимтар ва бештар дорои ҷанбаи демократӣ буданд. Ба шӯриши Табрез на намояндагони помещику буржуазия, балки табақаҳои демократии аҳолӣ роҳбарӣ мекарданд.

Аз ҳаракатҳои инқилобии халқ истифода бурда, намояндагони либералии помещикҳову буржуазия бо ҳар роҳ кӯшиш менамуданд, ки ҳокимиятро ба даст гирифта, ба инкишофи минбаъдаи инқилоб имкон надиҳанд.

Аз ин ҷост, ки дар даъвати дуюми маҷлис, ки ноябри соли 1909 барпо гардид, ҳайати депутатҳо аз лиҳози баромади демократиаш аз даъвати аввал сусттар буд. Дар ин даъвати маҷлис ягон тадбири муҳим ва ё қонуни барҷастае қабул нагардид. Дар он гурӯҳҳои гуногун ба монанди «эътидолиюн», «демократҳо» ба вуҷуд омаданд.

Гурӯҳи демократҳо, ки он асосан аъзоёни ҳизби демократиро дар бар мегирифт, манфиатҳои буржуазияи миллиро ифода менамуд. Ин гурӯҳ барои ба худ ҷалб кардани коргарону деҳқонон як қатор талабҳои демократиро аз қабили кам кардани соати корӣ, муқаррар намудани рӯзҳои истироҳат, тақсимоти замини давлатӣ ва ҳоказо пешниҳод намуд. Вале онҳо ба мақсади худ ноил шуда натавонистанд. Роҳбари ин гурӯҳ Сулаймон Мирзои Искандарӣ буда, дар маҷлис махсусан Тақизода, Маликушшуаро Баҳор, Ҳусейнқулихони Наввоб фаъолияти калон зоҳир намуданд.

Органи чопии ҳизби демократӣ рӯзномаи «Эрони нав» буд.

Гурӯҳи «эътидолиюн», ки онҳо низ гурӯҳи худро ҳизб мешумориданд, намояндагони помещику феодалҳо ва буржуазияи моил ба давлатҳои хориҷӣ буда, қаноти рости маҷлисро ташкил медоданд.

Илова бар ин ҳизби «Иттиҳод ва тараққӣ» вуҷуд дошт, ки он хеле камшумор буда, манфиати ҳар ду гурӯҳро ифода менамуд. Дар байни аҳолӣ бошад гурӯҳҳое амал менамуданд, ки ҳарчанд ба ягон ҳизбе тобеъ набуданд, ба муқобили сиёсати давлат баромадҳо карда, манфиати буржуазияи майда, коргарону деҳқононро ифода менамуданд.

Дар бораи аксари ин ҳизбу гурӯҳҳо дар девони Амирӣ ишораву маълумотҳо мавҷуданд, ки дар мавқеаш аз назар хоҳем гузаронд.

Дар ин солҳои пурошӯб ҳукумат (вазирон) ҳар замон

иваз мешуд, вале аз он вазъият тағьири куллие намедид. Дар сиёсати берунии давлат бошад таваҷҷӯҳ ба Германияву ШМА афзун мегардид.

Машваратчиёни молиёти Америка, ки ба онҳо М. Шустер роҳбарӣ мекард, ба Эрон омада барои ба тасарруф даровардани кишвар аз тарафи капитализми ШМА шароит муҳайё менамуданд. Ӯ илова бар он ки дар молиёти Эрон соҳибихтиёр буд, махфиёна полицияро нигоҳ медошт, ки зиёда аз 12—15 ҳазор нафарро фаро мегирифт ва гӯё барои ҷамъоварии андозҳо амал мекард. Ӯ барои ташкили имтиёзҳои гуногуни америкоӣ дар Эрон як қатор корҳоро анҷом дод, ки ҳамаи он бар зарари иқтисоди миллии Эрон буд.

Соли 1911 ҳукумати шоҳӣ бо мадади қувваҳои ҳарбии Англия ва Россияи подшоҳӣ баромадҳои инқилобиро дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат пахш намуд. Матбуоти прогрессивӣ дар ҳама ҷо баста шуда, маҷлис пароканда гардид.

Ҳамин тавр инқилоби Эрон пахш гардид. Инқилоби солҳои 1905 — 1911, ки ҷанбаҳои зиддифеодаливу зиддиимпериалистӣ дошт, инқилоби буржуазӣ буда, қувваи асосии такондиҳандаи онро деҳқонон, коргарон, ҳунармандон ва буржуазияи миллӣ ташкил медод. Инқилоб ба сохти феодалӣ зарбаи сахте дода, мардумро ба мубориза бедор намуд ва давраи наверо дар ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ оғоз кард.

Яке аз сабабҳои асосии шикаст хӯрдани инқилоби Эрон пеш аз ҳама набудани роҳбарияти инқилобист.

Сабаби дигар он аст, ки дар шаҳрҳои асосии мамлакат коргарону деҳқонон нақши асосӣ надоштанд ва соҳибихтиёр набуданд.

Бар муқобили инқилоб на танҳо қувваҳои иртиҷоии дохили мамлакат мубориза мебурданд, балки давлатҳои империалистии хориҷӣ низ бо қувваи зиёди ҳарбӣ барои пахш кардани шӯришҳо кӯшиш менамуданд. Ин ҳам бешубҳа яке аз сабабҳои шикасти инқилоби солҳои 1905 — 1911 Эрон ба шумор мерафт. Инқилоби Эрон, ки бо таъсири инқилоби соли 1905 рус ба амал омада буд, аҳамияти байналхалқӣ касб намуда, ба ҳаракатҳои оммавии мамлакатҳои дигари Шарқ таъсир расонд.

Чунон ки маълум аст, моҳи августи соли 1914 дар Аврупо ҷанги якуми ҷаҳонӣ оғоз ёфт, ки яке аз сабабҳои он ҳамоно тақсими мустамликаҳо дар байни давлатҳои империалистӣ буд. Туркия низ пас аз чанд моҳ ба ин ҷанг ҳамроҳ шуд ва якҷоя бо Германия мехост Эронро ҳам ба ҷанг кашад.

Ҳануз дар ибтидои ҷанг бо ҳар баҳона давлатҳои хориҷӣ

лашкари худро ба хоки Эрон медароварданд. Ҳамин тавр дар солҳои ҷанг ҳарчанд Эрон мамлакати бетараф буд, вале он ҷоро давлатҳои Англияву Россияи подшоҳӣ ва Германия ба майдони ҷангу тохтутоз табдил дода буданд. Дар натиҷа мамлакат ба мустамликаи давлатҳои буржуазӣ мубаддал гашта буд.[11]

Ин боиси боз ҳам бадтар шудани аҳволи меҳнаткашон, харобии сарзамин, пастравии иқтисод гардид. Аз ин ҷост, ки ҳаракатҳои озодихоҳӣ аз нав дар мамлакат аланга гирифт. Ба ин ҳаракатҳо ҳизби демократӣ ва «Иттиҳоди ислом» барин созмонҳо мадад мерасониданд.

Аз вазъият истифода бурда давлатҳои хориҷӣ ба корҳои дохилии Эрон бештар дахолат мекардагӣ шуданд ва боиси бӯҳрони давлатӣ гардиданд.

Дар Шероз, Кирмон, Исфаҳон барин шаҳрҳои калони мамлакат бо кӯшиши омилони Германия ва ҳизби демократӣ ҳаракатҳои оммавӣ хеле авҷ гирифт, ки онҳо бештар ба муқобили Англия равона шуда буданд.

Ҳукумати Англия ва Россия якҷоя қувва ҷамъ намуда ҳаракатҳоро хомӯш намуданд.

Яке аз марказҳои ҳаракатҳои зиддиимпериалистӣ дар давраи ҷанги ҷаҳонӣ дар Эрон қисмати кӯҳсори музофоти Гелон буд, ки партизанҳо ҷангалзори он ҷойро мавқеи худ қарор дода буданд. Аз ин ҷост, ки он муборизон ҷангалиҳо ном гирифта буданд ва ба онҳо Кӯчакхон роҳбарӣ мекард. Ба ҷангалиҳо омилони Германияву Туркия бо яроқу аслиҳа мадад мерасониданд. Нахуствазир Муставфиюлмамолик низ онҳоро дастгирӣ менамуд.

Моҳи феврали 1917 дар Россия революцияи буржуазӣ-демократӣ ба вуқӯъ пайваст. Ҳарчанд сиёсати Россия нисбат ба Эрон тағьир наёфта буд, вале худи воқеаҳои революционӣ, аз тахт ронда шудани подшоҳи рус таваҷҷӯҳи мардуми Эронро ба он сарзамин бештар намуда, боиси авҷ гирифтани шӯришҳо гардид. Ҳаракату мубориза, махсусан ба муқобили Англия хеле сахт шуд. Дар Теҳрон «Кумитаи муҷозот» ташкил гардид, ки ба таъқиби фардии ҳукуматдорони маҳаллию Англия роҳбарӣ менамуд.

Дар ин солҳо аскарони русе, ки ба табааи Эрон дохил шуда буданд, Советҳо ташкил намуда, корҳои тарғиботӣ мебурданд. Онҳо бо Советҳои шаҳрҳои Боку, Тифлис, Тош-

---

[11] Қ. Асадуллоев, Ҳ. Назаров, Т. Муҳиддинов. Таърихи нав ва навтарини мамлакатҳои Шарқи Миёна. Душанбе, 1973, саҳ. 56—58.

кент робита пайдо карда, намоишҳо ташкил менамуданд. Ҳизби демократи Озарбойҷон дар конференцияи худ кумитаи марказӣ ташкил дод, ки ба он инқилобчии маъруф Муҳаммади Хиёбонӣ роҳбарӣ мекард.

Ҳамин тавр бо таъсири революцияи рус дар Эрон ҳаракатҳои озодихоҳиву зиддиимпериалистӣ хеле вусъат пайдо карда, ҳизби коргарӣ ба вуҷуд омад ва барои боз ҳам ривоҷ гирифтани ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ заминаҳо муҳайё гаштанд.

Чунин буд шарҳи мухтасари вазъияти иҷтимоӣ ва сиёсӣ-иқтисодии Эрон то оғози Революцияи Кабири Социалистии Октябрь, ки давраи наверо дар таърихи башар муждагонӣ дод.

Ногуфта намонад, ки инқилоби машрута ва воқеаҳои инқилобии ибтидои асри XX Эрон ба ҳаёти сиёсиву иҷтимоии мамлакат таъсири амиқе гузошт. Ҳарчанд онҳо ғалаба накарданд, вале мавқеи онҳо дар бедории мардум хеле калон аст. Аммо баъзе муҳаққиқон ба моҳияти он баҳои сазовор надодаанд. Масалан, таърихшиноси эронӣ Алиасгари Шамим менависад: «Инқилоби машрута асари амиқе дар вазъи иҷтимоӣ ва табақотии миллати Эрон ба вуҷуд наёвард ва бар асари он инқилоб шароити иқтисодӣ ва ҳатто иҷтимоии зиндагии мардум тағьир ҳосил накард ва дар вазъи табақоти кишвар ва равобити иҷтимоии табақоти коргар ва заҳматкаш бо табақоти мумтоза ва корфармо тафовути махсусе нисбат ба он чи дар давраи истибдод буд, падид наёмад».[12]

Ин фикри қатъии муҳаққиқ, чунон ки дар фавқ дидем, ба ҳақиқати воқеӣ рост намеояд. Бинобар ин ҳақ ба ҷониби муҳаққиқи дигари эронӣ Яҳьёи Ориянпур аст, ки аҳамияти инқилобро ҳам таъкид кардааст: «Хулоса, инқилоби машрутияти Эрон агарчи зарбати сангини худро бар пайкари истибдод ворид кард ва маҷлису қонунро дар кишвар барқарор сохт, вале аз феодализм ва империализм шикаст хӯрд».[13]

**Ҳаёти маданӣ**. Вазъияти сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодии Эрон, ки ба таври иҷмолӣ шиносо шудем, ба ҳаёти маданӣ, ба адабиёту санъат, илму матбуот ва дигар соҳаҳои ҳаёти рӯҳонии мардуми кишвар низ таъсири худро гузошт.

Муҳимтарин ҳодисае, ки дар ҳаёти мадании Эрон дар нимаи дуюми асри XIX ба вуқӯъ пайваст, пайдоиши ҷараён ё равияи маорифпарварӣ буд. Пайдоиши ин равия дар Эрон

[12] Алиасгари Шамим. Эрон дар давраи салтанати Қоҷор, саҳ. 434.
[13] Яҳьёи Ориянпур. Аз Сабо то Нимо, ҷ. 2. Теҳрон, 1351, саҳ. 10.

ба тақозои ҳаёти иҷтимоиву сиёсии мамлакат сурат гирифта буд. Чунон ки дар боло зикр шуд, вобаста ба роҳ ёфтани капитали хориҷӣ ба Эрон, робитаи давлат бо мамолики хориҷии буржуазии Аврупо ривоҷ пайдо намуд. Дар айни замон дар муқоиса бо он мамлакатҳо қафомондагии сохти давлатии Эрон ба зуҳур мерасид. Бинобар ин гурӯҳе аз табақаҳои ҳукмрон зарурати ба тарзи мамлакатҳои аврупоӣ гузаронидани як қатор islоҳотро дарк намуданд, ки сарвари он Мирзо Тақихон Амири Кабир буд. Пайдоишу ривоҷи ғояҳои маорифпарварӣ ҳам дар Эрон бо фаъолияти ӯ ҳамбастагии зич дорад. Амири Кабир бо мақсади гузаронидани ислоҳот, аз қафомонӣ баровардани мамлакат ва ташкили давлати мутамарказ дар пайравӣ аз давлатҳои дигар, махсусан Туркия як қатор тадбирҳо андешид. Аз ҷумла ӯ гурӯҳи калони ҷавононро барои гирифтани маълумот ба хориҷа фиристод. Дар навбати худ ба Эрон мутахассисону муаллимони хориҷӣ даъват шуда буданд, ки дар мактабҳои ба тарзи нав кушодашуда ба наврасони эронӣ аз илмҳои даҳрӣ дарс мегуфтанд. Бо ташаббуси бевоситаи Амири Кабир 28 декабри 1851 донишкадаи олии «Дорулфунун» таъсис гардид, ки дар он асосан фанҳои дақиқу табиатшиносӣ омӯхта мешуданд. Ташкили ин донишкада барои ривоҷи маорифпарварӣ дар мамлакат таъсири калон расонд. Бисьёр китобҳои оид ба химияву физика, ҳандасаву ҳисоб, ҷуғрофияву таърих ва амсоли инҳо ба забони форсӣ тарҷума шуданд. Ба ин восита тарҷума аз забонҳои хориҷии аврупоӣ дар ин давра ривоҷ пайдо кард. Ҳамчунин як қатор асарҳои бадеӣ аз забонҳои англисиву франсавӣ, немисӣ ва амсоли инҳо ба форсӣ тарҷума шуданд, ки онҳо барои нашъунамои маорифпарварӣ хидмати калоне расониданд.

Дар «Дорулфунун», ки аввалин раиси он донишманд ва адиби барҷастаи эронӣ Ризоқулихони Ҳидоят буд, инчунин асарҳои гуногун роҷеъ ба таъриху ҷуғрофия, луғатҳои тафсириву чандзабона ҳам эҷод мешуданд. Умуман ин донишкада барои равнақи илму маданият ва инкишофи маориф дар мамлакат таъсири калон расонид.

Ҳукумат як қатор тадбирҳои дигари маданиро ҳам ҷорӣ намуд, ки яке аз онҳо таъсиси чопхонаҳо буд. Чопхонаи аввалини китобнашркунӣ соли 1812 дар Табрез ба истифода дода шуда буд. Баъдтар дар Теҳрон ва дигар шаҳрҳои мамлакат чопхонаҳои литографӣ ва сурбӣ сохта шуданд. Дар ин чопхонаҳо баробари китобҳои динӣ ҳамчунин асарҳои даҳрии илмиву бадеӣ интишор меёфтанд. Ин чопхонаҳо барои инкишофи адабиёт мадади зиёд расониданд.

Дар мамлакат аввалин театру мактабҳои мусиқӣ ташкил шуданд. Драмаҳои адибони хориҷӣ тарҷума гардида ба саҳна гузошта мешуданд.

Санъати тасвирӣ низ дар ин давра баъзе тағьиротҳо пазируфт. Дар асарҳои мусаввирон ҳаёти коргарону ҳунармандони шаҳрҳо тасвир мешуданд. Санъати аккосӣ (суратгирӣ) низ такмил ёфт.

Чунон ки қайд шуд, маорифпарварӣ аз муҳимтарин падидаҳои иҷтимоиву мадании Эрон дар ин давра ба ҳисоб мерафт.

«Бо мундариҷаи худ, — навиштааст эроншиноси советӣ А. М. Шойтов, — маорифпарвари Эронро пеш аз ҳама ҳамчун ҳаракати ғоявии буржуазияи прогрессивӣ, ки ба муқобили феодализм равона шудааст, муайян намудан мумкин аст».[14]

Маорифпарварии Эрон бо хусусиятҳои худ ба маорифпарварии мамлакатҳои дигари Ғарбу Шарқ монанди Франция, Англия, Россия ва Туркия буда, бо таъсири ин кишварҳо ба вуҷуд омада, ташаккул ёфтааст. Дар пайдоиш ва инкишофи маорифпарварӣ анъанаҳои дохилии худи маданияти Эрон низ мавқеи калон доранд. Дар ин бобат мулоҳизаҳои муаллифони «Адабиёти Шарқ дар замони ҳозира» ҷолиби диққат аст. «Агар давраи аввали ташаккули Маорифпарварӣ, — менависанд онҳо, — ки таърихан ба охири асри XVIII — нимаи аввали асри XIX рост меояд, таҳти аломати пайгирии анъанаҳои худӣ мегузашта бошад, пас дар нимаи дуюми сада хусусияти муҳимми маорифпарварии Эрон таъсири маданияти Аврупои Ғарбӣ ва Россия мебошад».[15]

Муаллифони мазкур дар маорифпарварии нимаи дуюми асри XIX Эрон мавҷудияти ду ҷараёнро таъкид мекунанд. Ба ҷараёни аввал давомдиҳандагони ҳамон ҷараёни ғоявии адабӣ дохил мешуданд, ки ба бидъату озодандешиҳои Саноиву Низомӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ барин адибону донишмандони гузашта пайравӣ намуда, ба андешаҳову идеалҳои хаёлӣ таъбир мекарданд.

Ҷараёни дуюм онҳоеро дар бар мегирифт, ки ба тадқиқи илмии оламу ҳастӣ машғул шуда, ба Ибни Синову Форобӣ, Берунииву Хайём барин мутафаккирони давраи Эҳёе пайравӣ мекарданд ва ба дастовардҳои илмиву фарҳангии мар-

[14] Шойтов А. М. Идеи просветительства в периодической литературе конца XIX в. и кн. «Просветительство в литературе Востока», сборник статей, М., Наука, 1973, с. 68.

[15] Литература Востока в новое время, М., Изд-во МГУ, 1975, с. 202.

думи Ғарб такья менамуданд. Онҳо донишро аз дин ҷудо намуда, баробарии зану мард, озодии гражданӣ ва машрутаро иддао доштанд.

Муаллифони китоби мазкур яке аз тафовутҳои асосии маорифпарварии Эронро аз Аврупо дар он донистаанд, ки дар маорифпарварии Эрон масъалаи ваҳдати мутаносиби мабдаи рӯҳониву моддӣ, Ақл ва Табиат вуҷуд надошт. Ба маорифпарварии Эрон интернационализм, иттиҳоди ҳамаи заҳматкашон, барои муайян кардани қадри инсон муҳим набудани дину мазҳаби ӯ, роҳи ҷустуҷӯи сулҳ барин хусусиятҳо хосанд.

Хусусияти дигари фарққунандаи маорифпарварии Эронро муаллифони китоби мазкур дар он медонанд, ки аз сабаби хеле устувор будани анъанаҳои адабӣ ғояҳои маорифпарварӣ «ба назм хеле бо душворӣ ва ба шакли суст дохил шуда, ба наср хеле осон ворид гардид».[16] Аз ин ҷост, ки насри дидактикӣ дар ин аср ривоҷ пайдо кард.

Дар ин давра публицистика ҳам хеле инкишоф ёфт, ки дар ин бора дар зимни суханронӣ доир ба матбуот батафсилтар таваққуф хоҳем кард.

Дар ҳаёти мадании кишвар дар ин солҳо як қатор тозагиву навиҳо ба амал омад. Дар мамлакат бемористонҳои давлатӣ сохта ба истифода дода шуданд, барои пешгирии бемориҳо баъзе тадбирҳои ҷузъӣ ҷорӣ гардид. «Вале ҳамаи ин навиҳо, — чунон ки Д. С. Комиссаров дуруст таъкид менамояд, — масъалаҳои асосиро ҳал намекард. Дар Эрон эҳтиёҷ ба табаддулоти иҷтимоӣ пухта расида буд».[17]

Ҳамаи ин навиҳо ва ғояҳои маорифпарварӣ ба адабиёти ин давра низ таъсири амиқе гузошт.

**Ҳаёти адабӣ.** Дар адабиёти мобайни асри XIX форсӣ ҳанӯз инкишофи зоҳирии назм мушоҳида мешуд. Давлати қоҷор, ки ҳанӯз ба футур нарафта буд, адибонро ба дарбор ҷалб менамуд. Аз ин ҷост, ки дар ин давра ҳам монанди асрҳои пешин ду равияи ба ҳам зид дар арсаи адабиёт амал мекард. Равияи аввал ҳамон равияи дарборӣ, ки нисбатан шумораи бештари адибонро дар бар гирифта дар доираи дарборҳо вуҷуд дошт. Ба равияи дуюм бошад, иддае аз адибони пешраве, ки ба доираҳои дарбор алоқае надоштанд, ворид мешуданд ва онҳо равияи оппозициониро ташкил медоданд. Шоири оташинзабону фошкунандаи ахлоқи

---

[16] Ҳамон ҷо, саҳ. 204.

[17] Брагинский И., Комиссаров Д. Персидская литература. Краткий очерк. М., 1963, с. 74.

разили табақаҳои ҳукмрони ҷамъият Яғмои Ҷандақӣ (1776 — 1860) ва Абунаср Фатҳуллохони Шайбонӣ (1825 — 1890), Мирзо Оқохони Кирмонӣ (1853—1896) барин шоирону нависандагони пешқадам, ки инкишофи ҷараёни маорифпарварӣ ҳам бо фаъолияти инҳо вобаста аст, ба ҳамин равия дохил мешуданд. Дар эҷодиёти ин адибон танқиди зулму истибдод, мазамматӣ кирдорҳои ношояму разолати ҳокимони давр ва дигар иллатҳои сохти феодалӣ мавқеи намоёнро ишғол мекард.

Дар эҷодиёти адибони доираҳои дарбор мадҳу ситоиши ҳокимон, тасвири пуробуранги зиндагии пуршукӯҳи дарбориён барин мавзӯъҳо ифода мегашт ва ҷараёни бозгашти адабӣ идома меёфт. Албатта, на ҳамаи шоироне, ки дар доираҳои дарбор эҷод мекарданд, танҳо ба чоплусиву мадҳу ситоишгарӣ машғул мешуданд. Дар ашъори Қоонӣ, Фурӯғии Бастомӣ, Муҳаммадхон Маликушшуаро барин шоирон баёни як қатор андешаҳои иҷтимоиву сиёсӣ дар зимни қасоиду ғазалҳо ба мушоҳида мерасад. Бо вуҷуди ин дар мавзӯоти эҷодиёти ин шоирон тағйиротҳои ҷиддӣ кам ба назар мерасад.

Наср дар ин солҳо хеле суст инкишоф меёфт ва асосан аз рисолаҳои хурду «Парешон»-и Қоонӣ барин асарҳое, ки дар пайравии «Гулистон»-и Саъдӣ офарида шуда буданд, муншаот ва навиштаҳои гуногуни пароканда иборат буданд. Вале як хусусияти муҳимми асарҳои насрии ин давра он буд, ки дар онҳо ба соддатар намудани услуби баён диққат дода мешуд. Дар ин бобат, махсусан, хидмати яке аз маорифпарварони маъруф, падари Адибулмамолики Амирӣ Мирзо Абулқосим Қоимақоми Фароҳонӣ, ки мансаби баланди давлатӣ дошт, хеле калон аст. «Қоиммақоми Фароҳонӣ, — менависад Д. Комиссаров, — бешубҳа дар ислоҳи забон ва услуби форсӣ қадами ҷасуронае гузошта, бо ҳамин ба инкишофи насри нави форсӣ мусоидат кард. Вале ин тағйирот, ки он ҳам ба услуби муншаот дахл дошт, ҳанӯз барои ташаккули насри нави форсӣ заминаи кофие ба вуҷуд намеоварад».[18]

Тағйироти нисбатан чашмрас дар адабиёти форс дар нимаи дуюм ва охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX ба вуҷуд омад. Ин тағйирот бештар дар наср зоҳир гардида буд.

Адабиёти нимаи дуввуми асри XIX, ки бо номи адабиёти

---

[18] Брагинский И. С., Комиссаров Д. Персидская литература, с. 82—83.

давраи «бедорӣ» машҳур аст, ҳамбаста бо вазъияти пурошӯби давр, ки зикраш дар боло гузашт, дорои хусусиятҳои нав гардид.

Чунон ки қайд шуд, агар дар давраҳои гузашта назм бештар инкишоф ёфта, мақоми баландтаре дошта бошад, дар ин давра наср мавқеи асосиро ишғол намуд. Ин пеш аз ҳама ба тараққии матбуот ва рӯзноманигорӣ дар ин давра алоқаманд аст. Бинобар ин ҳоло зарур аст, ки дар бораи матбуоти даврии форсӣ андаке муфассалтар таваққуф намоем, зеро бидуни ба назар гирифтани матбуоти даврӣ дуруст дарк кардани адабиёти давр душвор аст.

Аксари муҳаққиқон пайдоиши нахустин рӯзномаи форсиро ба соли 1850 — 1851 вобаста медонанд. Аз ҷумла А. М. Шойтов менависад: «Нахустин рӯзномаи форсӣ «Рӯзномаи вақоеъи иттифоқия» соли 1851 ба чоп шурӯъ кард».[19] Яҳьёи Ориянпур бошад дар асоси санадҳои тозаи ба даст овардааш вуҷуд доштани рӯзномаҳоро дар Эрон пеш аз ин сана ҳам таъкид намуда, таърихи интишори аввалин рӯзномаи форсиро «25 муҳаррами соли 1253 ҳ. қ. (мутобиқ ба аввали моҳи маи 1837)»[20] медонад. Ин рӯзнома беном буда, тавассути шахси равшанфикру маорифпарвар Мирзо Солеҳи Шерозӣ бо чопи сангӣ интишор мeёфтааст.

Рӯзномаи мазкур баъди чанд муддат мавқуф мешавад ва сипас «Рӯзномаи вақоеъи иттифоқия» бо супориш ва таҳти назари Амири Кабир чоп мегардад. Дар ин рӯзнома муҳимтарин масъалаву воқеаҳои мамолики Аврупои Ғарбӣ ва Шарқ шарҳ меёфтанд.

Пас аз даҳ сол рӯзномаи мазкур бо номи «Рӯзномаи давлати алайҳи Эрон» нашр мешавад. «Рӯзномаи илмияи давлати алайҳи Эрон», «Рӯзномаи давлати Эрон», «Тарбият», «Хулосат-ул-ҳаводис», «Ҳаким-ул-мамолик», «Рӯзномаи миллатӣ» «Рӯзномаи Табрез», «Алҳадид», «Эҳтиёҷ», «Адаб» (ки онро Адибулмамолики Амирӣ нашр мекард) ва «Камол», «Ахтар», «Қонун», «Сурайё», «Парвариш», «Ҳабл-ул-матин» барин рӯзномаҳо дар Эрон ва хориҷ аз он чоп мешуданд, ки адибони пешқадами давррo дар атрофи худ ҷалб карда буданд.

Нашри рӯзномаҳо, махсусан, дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX, яъне дар давраи вусъати ҳаракатҳои инки-

---

[19] Шойтов А. М. Зайн-ал-абидин Марагаи и его роман. В кн. Зайн-ал-абидин Марагаи. Дневник путешествия Ибрагим-бека или его злоключения по причине фанатической любви к родине, М.—Л., 1963, с. 234.

[20] Яҳьёи Ориянпур. Аз Сабо то Нимо... ҷ. 2, с. 236.

лобӣ ва машрута, ки озодихоҳон ба озодии нисбии сухан ва матбуот ноил гардиданд, боз ҳам бештар шуд.

Аввалин рӯзномае, ки пас аз эълони машрута дар Эрон интишор ёфт, рӯзномаи «Маҷлис» буд. Дар ин рӯзнома илова бар хабарҳои гуногуни сиёсиву иҷтимоӣ, қарордодҳои маҷлиси шӯрои миллӣ ва амсоли инҳо ҳамчунин ашъори мудири рӯзнома Адибулмамолик дарҷ мегардид.

Баъди интишори «Маҷлис» чопи рӯзномаҳо дар Теҳрон ва дигар шаҳрҳои Эрон аз нав ривоҷ пайдо кард. Рӯзномаҳои «Ватан», «Нидои Ватан», «Нидои ислом», «Қашкӯл», «Қалиди сиёсӣ», «Тамаддун», «Субҳи содиқ», «Сироти мустақим», «Рӯҳ-ул-қудс», «Рӯҳ-ул-амин», «Алҷамол», «Ал-ҷаноб», «Оинаи айбнамо», «Ҷоми Ҷам», «Забони миллат», «Ироқи Аҷам», «Одамият», «Гулистони саодат», «Қосим-ул-ахбор» ва амсоли инҳо аз рӯзномаҳое буданд, ки дар ин давра нашр мегардиданд.

Дар баъзе аз рӯзномаҳои зикршуда илова бар хабару мақолаҳои сиёсӣ шеъру навиштаҳои адабӣ низ ба табъ мерасид. Дар ин бобат, махсусан, рӯзномаҳои «Ҳабл-ул-матин», «Театр», «Сури Исрофил» қобили таваҷҷӯҳ будаанд.

Ҳарчанд миқдори рӯзномаҳо хеле зиёд буд, вале чунон ки Яҳъёи Ориянпур таъкид мекунад, кормандони он рӯзномаҳо «роҳи дурусти кору кӯшишро намедонистанд», «ғолиби нависандагон аслан намедонистанд чӣ менависанд ва барои кӣ менависанд».[21]

Сабку тарзи баёни мақолаҳо ҳам хеле душвор буда, ба омма хуб фаҳмо набуд.

Вале дере нагузашта қариб ҳамаи он рӯзномаҳо баста шуданд ва баъди чанде сукут боз баъзеи онҳо ба чоп расиданд. «Ҳабл-ул-матин», «Эрони нав», «Истиқлоли Эрон», «Баҳлул» аз ҷумлаи рӯзномаҳое буданд, ки дар давраи дуюми машрута дар Теҳрон интишор меёфтанд. Дар Табрез бошад рӯзномаи «Шафақ» ба табъ мерасид, ки нависандаи он Ризозода Шафақ буд.

Муҳимтарин нашрияи ин давра, ки дар ҳаёти адабиву фарҳангии Эрон мақоми шоистае пайдо кардааст, маҷаллаи «Баҳор» мебошад. Нависандаи ин маҷалла донишманду адиби соҳибистеъдод Мирзо Юсуфхон Эътисомулмулк падари шоира Парвини Эътисомӣ будааст. Ӯ донишманди фозиле буда забонҳои туркӣ, арабӣ, франсавиро хеле хуб медонистааст ва аз илмҳои фиқҳ, ҳикмат, калом, адаб ва амсоли инҳо огоҳии комил доштааст. Эътисомулмулк тарҷу-

21 Ҳамон ҷо, саҳ. 24, 25.

мони забардасте будааст, ки асарҳои зиёдеро аз осори адибони маъруф Шиллер, Виктор Гюго, Жюль Верн ва монанди онҳо ба форсӣ тарҷума кардааст. Бисьёр тарҷумаҳои ӯ дар маҷаллаи «Баҳор» ба табъ мерасидаанд. Ба ин маҷалла, ки дар пешрафти адабиёту маданияти Эрон дар он давра хидмати калоне ба ҷой овардааст, бисьёр муҳаққиқон аз ҷумла Маликушшуаро Баҳор баҳои баланд додаанд.

Аз ҳайси адабӣ рӯзномаҳои «Театр» ва «Сури Исрофил» низ қобили таваҷҷӯҳ буданд. Рӯзномаи «Театр», ки муҳаррири он Мирзо Ризохон Таботабоӣ буд, аксаран дар шакли муколамаву драмавӣ чоп гардида зулму тааддии ҳокимонро тасвир менамуд.

Рӯзномаи «Сури Исрофил» ҳодисаи муҳимме на танҳо дар машрутаи Эрон, балки дар ҳаёти адабии кишвар низ ба шумор мерафт. Ин рӯзнома, ки яке аз кормандони асосиаш Алиакбари Деҳхудо буд, бештар асарҳои бадеии ҳаҷвиву танқидӣ чоп мекард. Махсусан, гӯшаи «Чаранду паранд», ки навиштаҳои он ба қалами Деҳхудо тааллуқ дошт, шеъру ҳаҷвияҳои ҷасуронаи пуробурангеро фаро мегирифт. Забону услуби он навиштаҳо хеле соддаву фаҳмо буд. «Аҳамияти гӯшаи ҳаҷвии «Сури Исрофил, — менависад Қ. Чайкин, — на танҳо барои рӯзноманигории Эрон, балки барои адабиёти он ҳам хеле бузург аст».[22]

Чунон ки Қ. Чайкин дуруст таъкид карда буд, аҳамияти калони «Сури Исрофил», «Насими Шамол» барин рӯзномаҳо боз дар он аст, ки тавассути онҳо дурдонаҳои эҷодиёти шифоҳии халқ ба адабиёти хаттӣ роҳ ёфт ва мақоми шоистаи худро пайдо кард.

Аз гуфтаҳои болоӣ пайдост, ки дар ин давра жанрҳои публицистика дар адабиёти Эрон мақоми калонро ишғол мекард. Адибон дар рӯзномаҳо ба тақозои шароити иҷтимоӣ асосан бо мақолаву хитоба, ҳаҷвияву фельетонҳо баромад мекарданд. «Ҳамин тавр, — навишта шудааст дар «Адабиёти Шарқ дар замони нав», — публицистика дар Эрон барои ташаккули адабиёти нав нисбат ба ҳар як мамлакати дигари Шарқи Миёнаву Наздик нақши хеле калонтаре бозид. Дар воқеъ насри нав ҳамчун публицистика тавлид ёфт».[23]

Омили дигаре, ки ба ташаккули насри нави форсӣ таъ-

---

[22] Чайкин К. Краткий очерк новейшей персидской литературы, М., 1928. Ҳамчунин ниг.: Фатими М. М. Жизнь и творчество Али Акбара Деххода. Тбилиси, 1975, с. 57—92.

[23] Литература Востока в новое время..., с. 207.

сири амиқе бахшид, тарҷумаи асарҳои бадеӣ аз забонҳои хориҷӣ буд. Тарҷума аз забонҳои аврупоӣ пеш аз ҳама ҳангоми таъсиси «Дорулфунун» тавассути тарҷумаи китобҳои дарсӣ оғоз ёфт. Баъдтар асарҳои таърихӣ монанди «Таърихи Пётри Қабир», «Шарли дувоздаҳум», «Искандари Македонӣ», «Таърихи Наполеон»-и Вальтер Скотт, «Таърихи Эрон»-и Сарҷон Малькум аз франсавӣ тарҷума шуданд. Пас аз ин тарҷумаи романҳои таърихӣ авҷ гирифт. Романҳои «Се туфангдор», «Қант Монте-Кристо», «Малика Моргу», «Луи чаҳордаҳум ва понздаҳум»-и Александр Дюмаи падар, «Тельмок»-и Фенелон, «Жиль Блаз»-и Лесаж, «Кулбаи ҳиндӣ»-и Бернардена де Сен Пьерра, «Мусофарати Гулливер»-и Свифт, «Робинзон Крузо»-и Дефо, «Саргузашти Ҳоҷибобои Исфаҳонӣ»-и Ҷеймс Мориер, романҳои илмии Жюль Верн ва амсоли инҳо асарҳое буданд, ки дар ин давра ба форсӣ гардонда шуданд.

Тарҷумаи асарҳои мазкур асосан аз забони франсавӣ сурат мегирифт. Тарҷума аз забони русӣ танҳо дар ибтидои асри XX падид омад.

Аксари асарҳои зикршуда мазмунан ва ба таври озод тарҷума мешуданд. Мутарҷимон аз худ иловаҳо дохил мекарданд ва асарро ба завқи хонандаи эронӣ мувофиқ менамуданд. Аз ин ҷост, ки онҳо бисьёр унсурҳои забони гуфтугӯии форсиро ба асарҳои тарҷумавӣ дохил мекарданд. «Ҷунон кӣ агар ин тарҷумаҳо набуд, — менависад Ориянпур, — шояд иншои адабии имрӯз, ки ба забони муҳоварии омма наздик ва дар ҳамон ҳол аз зебоии насри адабии Урупо бархӯрдор аст, ҳаргиз ба вуҷуд намеомад».[24]

Мутарҷимон, махсусан, ба он асарҳои адибони Ғарб таваҷҷӯҳ ҷалб мекарданд, ки дар он асарҳо бештар образу мазмунҳои ба мардуми Эрон шинос ва ё воқеаҳои дар ин сарзамин ҷараён доштаро фаро мегирифт. Намунаи барҷастаи чунин асарҳо «Саргузашти Ҳоҷибобои Исфаҳонӣ»-и Ҷеймс Мориер буд. Романи мазкур соли 1824 дар Лондон ба табъ расида буд. Онро Мирзо Ҳабиби Исфаҳонӣ соли 1880 ба форсӣ тарҷума намуд. Муаллифи роман, ки солҳо дар Эрон зиндагӣ карда буд ва бо ҳаёти мардум хуб шиносоӣ дошт, прототипи қаҳрамони асосии асарашро яке аз шиносҳои худ қарор дода буд. Дар роман аҳволи мардуми қашшоқи Эрон тасвир гардида иллатҳои сохти феодалӣ, кирдорҳои ношоями ҳукуматдорону рӯҳониён мавриди мазаммат қарор гирифта буд.

---

[24] Яҳёи Ориянпур. Аз Сабо то Нимо, ҷ 1. саҳ 260.

Мутарҷим ба роман бисьёр ҷузъиёти вобаста ба хулқу атвор, урфу одат, дину мазҳаби эрониёнро дохил намуда, баъзе лаҳзаҳоеро, ки ба хонандаи эронӣ, махсусан, ба эътиқоди ӯ таъсири сахт мерасонд, нармтар кардааст. «Дар натиҷа «Ҳоҷибобо» таркиби ду маданият гардид ва на танҳо ба ганҷинаи адабиёти англис, балки бештар ба ганҷинаи адабиёти форс дохил шуд».[25] Аз ин ҷост, ки романи мазкур ба чандин насли хонандагони эронӣ таъсири калоне расонидааст.

Омили муҳимми дигаре, ки ба ташаккулу пешрафти адабиёти нави форсӣ мадади зиёд расондааст, бешубҳа адабиёти Озарбойҷон буд. Ин таъсири пурбаракат, махсусан, дар наср ва намоишномаанавис (драматургия) равшан мушоҳида мешавад.

Дар адабиёти охири асри XIX ва ибтидои асри XX Эрон таъсири эҷодиёти нависанда, драматург, файласуфи барҷастаи Озарбойҷон Мирзо Фатҳалӣ Охундов хеле бузург аст.[25а] Маорифпарварони туркзабони Эрон бо асарҳои Охундов барвақт шинос буданд. Хонандагони форсзабон бошанд бо эҷодиёти ин маорифпарвари бузург тавассути тарҷумаҳои Мирзо Ҷаъфари Қарочадоғӣ ошно гаштанд. Маорифпарвари эронӣ Қарочадоғӣ ду драмаи Охундовро ба форсӣ тарҷума намуда, онҳоро ба худи муаллифи асарҳо мефиристад. Муаллиф хуб тарҷума шудани онҳоро ба форсӣ маълум менамояд. Сипас, соли 1874 маҷмӯаи асарҳои Охундов дар Теҳрон бо чопи литографӣ ба табъ мерасад. Ин маҷмӯа панҷ намоишнома, повести фалсафии «Ситораҳои гумроҳ», «Ҳикояти Юсуфшоҳ» ва чанд мақолаи муаллифро дар бар мегирифт. Дар муқаддимаи маҷмӯа, ки ба қаламми мутарҷими он тааллуқ дошт, қайд шуда буд, ки асарҳои Охундов ба забони форсӣ бори аввал нашр мегарданд ва онҳо барои бархам додани иллатҳову норасоиҳои ҷамъиятии Эрон мадади зиёд хоҳанд расонд. Дар ҳақиқат, дар асарҳои М. Охундов норасоиву қафомонии феодалӣ, ҷоҳиливу гумроҳӣ, бесаводиву таассуби динии рӯҳониён барин иллатҳои ҷамъияти феодалӣ, ки дар ҳаёту воқеияти Эрон низ пурра ҷой доштанд, ба таври хеле ҷолибу муассир тасвир шуда буданд. Масъалаҳои мураккаби иҷтимоӣ дар драмаҳои М. Ф. Охундов тавассути ҳаҷву мутоибаи обдор, лаҳзаҳои ҳаётиву воқеии барои ҳар инсони оддӣ шиносу наздик баён карда мешуд. Тарҷумаи марғубу дилкаш, соддаву равони Қароҷадо-

---

[25] Литература Востока в новое время, с. 209.

[25а] Дар ин бора муфассалтар муроҷиат шавад. Мамед-заде Г. Р. М. С. Ахундов и Восток. АДД, Баку, 1967.

ин бошад боиси боз ҳам мақбултар шудани асарҳои М. Охундов гардида, шӯҳрати онҳоро боз ҳам бештар намуданд. Бинобар ин тарҷумаҳои мазкур аз тарафи мардум чун асарҳои асили миллӣ қабул гардид ва ин тарҷумаҳо низ барои ташаккули насри нави форсӣ ва намоишноманависӣ дар Эрон хидмати шоистае ба ҷой оварданд.

Афкору андешаҳои маорифпарварӣ ва сабку равияи эҷодии Мирзо Фатҳалӣ Охундовро дар насри форсӣ беш аз ҳама Мирзо Малкумхон (1833—1908), Зайнулобидини Марогаӣ (1837 — 1910) ва Абдураҳим Толибов (1834 — 1911) идома доданд. Чунон ки зикр шуд, дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX наср беш аз пеш ривоҷ меёфт ва мавқеи собиқаи назмро дар адабиёти форс ишғол менамуд. Азбаски дар ин давра дар Эрон оромиву осоиштагӣ набуд, озодфикрону инқилобиҳо таъқиб мешуданд, аксари озодихоҳон аз мамлакати худ фирор карда, барои озодии кишвар дар берун аз он мубориза мебурданд. Вале фаъолияти онҳо бо ҳаёти мардуми Эрон сахт алоқаманд буд.

Дар пешрафти насру публицистикаи форсӣ дар ин давра хидмати Мирзо Малкумхон хеле калон аст. Ӯ дар Исфаҳон дар оилаи сангтароши арманӣ таваллуд ёфтааст. Дар даҳсолагӣ ба Франция рафта илмҳои гуногунро аз худ кардааст. Баъди баргаштан ба Эрон Малкумхон мутарҷими хусусии Носириддиншоҳ таъин гардид. Бо кушода шудани «Дорулфунун» ӯ ба сифати мутарҷим дар он кор мекард. Малкумхон дар корҳои гуногуни сафорату давлат дар Миср, Берлин, Лондон, Рим ва шаҳрҳои дигар хидмат намудааст.

Малкумхон баъди сафар ба Париж, ки дар ҳайати вакилони Эрон ба дарбори Наполеони саввум рафта буд, рисолае ба номи «Китобчаи ғайбӣ ё дафтари танзимот»-ро навишт ва пас аз чанде маҳфили «Фаромӯшхона»-ро ташкил намуд. Ба ин маҳфил, ки бо иҷозати худи шоҳ ташкил шуда буд, бисьёр равшанфикрони мамлакат ва иддае аз шоҳзодагону дарбориён ҳам ҷамъ меомаданд. Дар ин маҳфил масъалаҳои машрутаву ҷумҳурихоҳӣ таблиғу ташвиқ мешуд. Бинобар ин дере нагузашта аз тарафи давлат баста шуд. Малкумхонро ба Лондон бадарға карданд. Баъди баргаштан ӯ маҳфилро бо номи «Одамият» идома дод. Малкумхон бо Фатҳалӣ Охундов робитаи зиче дошт.

Нозимулисломи Кирмонӣ дар китоби худ «Таърихи бедории эрониён» Малкумхонро яке аз бедоркунандагон ва аз роҳбарони озодхоҳон дониста менависад: «Мақоми принц

Малкумхон дар Эрон ҳамон мақоми Вальтер ва Жан Руссо ва Виктор Ҳугу аст дар миллати Франса».[26]

Вале мухолифони ӯ бо ҳар роҳ мехостанд вайро сиёҳ кунанд ва бадкору ватанфурӯш ба қалам диҳанд.

Ақидаҳои пешқадами Малкумхон дар бораи мақоми инсон дар ҷамъият, масъалаҳои гуногуни маориф, маданият, илм, сиёсат ва амсоли инҳо дар рисолаҳои ӯ «Усули одамият», «Нидои адолат», «Тавфиқи амонат», «Ҳуҷҷат», «Мифтоҳ», «Калимоти мутахаййила», «Китобчаи ғайбӣ ё дафтари танзимот», «Рафиқ ва вазир», «Усули тараққӣ», «Шайх ва вазир», «Фирқаи каҷбинон» ва дар як қатор номаву асарҳои дигараш ифода ёфтаанд.

Дар асарҳои худ Малкумхон сохти феодалиро маҳкум намуда, бо қувваи ақлу хирад пеш бурдани ҳама гуна корҳоро талқин мекунад. Ба қалами Малкумхон ҳамчунин як қатор намоишномаҳоро нисбат медиҳанд, ки дар онҳо низ иллатҳои сохти давлатӣ, қафомонии мамлакат мазаммат карда мешавад.

Асарҳои Малкумхон аз лиҳози сабки нигоришу забон низ ҷолиби диққат буданд. Онҳо аз калимаву ибора, таъбирҳои гуфтугӯии халқӣ саршор буда, барои ташаккули забони асарҳои бадеӣ таъсир расонидаанд. Аз ин ҷост, ки худи Малкумхон ҳам ба масъалаи забон, хат, имло диққати ҷиддӣ медод ва барои саводнокии мардум тағйири хати арабиро зарур мешуморид.

Зайнулобидини Марoғаӣ аз маорифпарварони маъруфи Эрон буда, муаллифи яке аз аввалин романҳои публицистии форсӣ ба шумор меравад. Зайнулобидин дар Озарбойҷони ҷанубӣ дар оилаи бозургон таваллуд ёфтааст. Ӯ аз ҷумлаи шахсони озодфикрест, ки дар ҷавонӣ ба ҳаракати озодихоҳон ҳамроҳ шудаанд. Ӯ ба шаҳрҳои гуногуни Аврупо, Туркия, Россия сафар карда дар шаҳрҳои мухталиф зиндагӣ кардааст.

Романи Зайнулобидини Марoғаӣ «Саёҳатномаи Иброҳимбек ё балои таассуби ӯ» аз се қисмат иборат буда, тасвири саргузашти як тоҷири ҷавонеро, ки шаҳрҳои гуногуни Эронро саёҳат мекунад, дар бар мегирад. Қаҳрамони роман дар ҳама ҷо ҳаёти пурмашаққати мардум, зулму истибдоди ҳокимон, тороҷгарии онон, тақдири талхи аҳолии бенаворо мушоҳида мекунад. Яҳёи Ориянпур таъсири романҳои иҷтимоии нависандагони русро дар ин асар мушоҳида намуда навиштааст:

«Ин нахустин румони асили иҷтимоӣ аз навъи урупоӣ

[26] Иқтибос аз китоби «Аз Сабо то Нимо», ҷ. 1, саҳ. 319.

дар забони форсӣ аст, ки зиндагонии мардуми Эронро ҳамчунон, ки буда, ташреҳ карда ва аз ин ҳайс шабоҳати зиёде ба румони «Нуфуси мурда» таълифи Николай Гоголь — нависандаи бузурги рус пайдо мекунад. Наметавон тасаввур кард, ки муаллиф аз тарҳи нотамоми нависандаи рус иттилоъ доштааст. Аммо ба таври ҳатмӣ осори классикҳои рус дар таълифи ин китоб даҳолат ва таъсири зиёд дошта ва нависанда тарзи интиқод аз ҳаёту маишати миллӣ ва фош кардани уюби ҷомеа ва тасвири вазъи замони худро аз онон омӯхта аст».[27]

Ин роман то ба наздикӣ (соли 1966) дар Эрон чоп нашуда буд ва ҳар касе, ки онро мутолиа мекард, таъқиб мешуд.[28]

Чунон ки муҳаққиқон қайд кардаанд, ин роман, ки аз тарафи нависандаи касбӣ навишта нашудааст, аз лиҳози мазмуну ғояи баланди иҷтимоӣ ҷолиби диққат буда, вале ҳамчун асари бадеӣ норасоиҳои зиёде дошт. Вале ин асар бо ғояҳои баланди худ на танҳо дар ҳаёти иҷтимоии Эрон, балки дигар мамлакатҳои Шарқ таъсири амиқе расонида барои бедории мардуми мазлуми Шарқ мусоидат намудааст.

Маорифпарвари дигари Эрон, ки дар ташаккули насри форсӣ хидмати босазое кардааст, Абдураҳим Толибов мебошад.

Толибов илова бар таълифи як қатор китобҳои дарсии химия, физика, нуҷум ва амсоли инҳо чанд асари бадеӣ низ эҷод кардааст. Асари маъруфи Толибов «Сафинаи толибӣ ё китоби Аҳмад» мебошад, ки дар шакли суолу ҷавоби падару писар навишта шуда, моҳияти бисьёр масъалаҳои илмӣ, кашфиёту ихтироoти гуногунро шарҳ медиҳад. Муаллиф дар таълифи асар аз китобҳои зиёди русиву аврупоӣ истифода кардааст. Китоб ба забони соддаву равони ба фаҳми хонандагон наздик навишта шудааст. Муаллиф дар зимни суҳбатҳо суханро ба воқеияту ҳаёти иҷтимоии Эрон мекашад ва норасоиҳои мавҷударо гӯшрас месозад.

Асари дигари Толибов «Масолик-ул-мӯҳсинин» аст, ки сафарномаи хаёлии як гурӯҳ ҷавононро, ки бо мақсадҳои илмӣ ба қуллаи кӯҳи Дамованд рафтаанд, дар бар мегирад. Ин ҷо ҳам дар зимни мусоҳабаи ҷавонон масъалаҳои гуногуни ахлоқиву иҷтимоии давр шарҳ ёфтаанд.

---

27 Яҳьёи Ориянпур. Аз Сабо то Нимо, ч. 1, с. 310.

28 Ин роман бо кӯшиши эроншиносони советӣ Шойтов А. М. ва Михалевич Г. П. ба русӣ тарҷума ва нашр шудааст. Барои маълумоти бештар роҷеъ ба аҳамияти асар ба охирсухани Шойтов А. М. ба нашри русии он муроҷиат шавад.

«Масоили ҳаёт» ном асари Толибов бошад давоми «Китоби Аҳмад» мебошад. Зеро қаҳрамони ин асар ҳам Аҳмад буда, ин китоб низ аз суолу ҷавоби ӯ бо падараш таркиб ёфтааст. Китобро рӯҳияи некбинонае фаро гирифтааст, ки вақте мерасад мардуми Шарқ озод гардида дар сулҳу осоиш зиндагӣ мекунанд.

Ҳамин тавр, дар асарҳои се намояндаи нависандагони маорифпарвари Эрон танқиду фошсозии иллатҳои сохти иҷтимоии мамлакат, қафомонии давлату тарзи идораи он ва амсоли инҳо мавқеи муҳим дорад. Чунон ки донишманди эронӣ Аҳмади Қасравӣ таъкид мекунад, асарҳои маорифпарварони мазкур дар бедории мардуми Эрон хидмати калоне ба ҷой овардааст: «Як чизи дигаре, ки мебояд аз ангезаҳои бедории эрониён шумурд, китобҳои Толибов ва «Саёҳатномаи Иброҳимбек» мебошад. Инҳо низ кори бисьёре карда».[29] Дар баробари ин дар ғояву мундариҷаи асарҳои онон тафовутҳоро ҳам мушоҳида кардан мумкин аст. Агар Малкумхон дар асарҳои худ аз танқиди нуқсонҳои фардҳои ҷудогона берун набарояд, пас Толибов ва Марофаӣ иллатҳои иҷтимоиро ҷасурона фош намуда, ғояҳои озодиву демократиро баён менамуданд. Агар Малкумхон ба маданияти Аврупои Ғарбӣ майл дошта бошад, Марофаӣ ва Толибов ба Россия ҳусни таваҷҷӯҳ доштанд. Чунон ки Д. Комиссаров таъкид мекунад, Марофаӣ ва Толибов намояндагони равияи пешқадами маорифпарварии Эрон буда, Малкумхон бошад намояндаи равияи мӯътадили он буд.[30]

Чунон ки дидем, бо тақозои замон дар охири асри XIX ва, махсусан, дар ибтидои асри XX наср дар адабиёт ва маданияти Эрон мавқеи дараҷаи аввалро ишғол намуд ва беш аз пеш ривоҷ ёфт. Вале назм ҳарчанд мақоми пешинаи худро аз даст дода буд, бо вуҷуди ин пеш мерафт ва хусусиятҳои тозаро касб мекард.

Дар ибтидои асри XIX ҷараёни бозгашти адабӣ дар назм хеле ривоҷ ёфта буд,[31] вале дар нимаи дуюми аср ин ҷараён ҳам суст гардид ва ба талаботи замони пурошӯб посух дода наметавонист. Яҳьёи Ориянпур дар ин бобат бо андаке муболиға менависад: «Шеъри Эрон аз ҷунбиши маъруф ба

---

[29] Аҳмади Қасравӣ. Таърихи машрутаи Эрон, чопи чаҳорум, Теҳрон, бидуни зикри соли табъ, саҳ. 44.

[30] Брагинский И. С., Комиссаров Д. Персидская литература, с. 88.

[31] Доир ба пайдоиш, ташаккул ва хусусиятҳои «бозгашти адабӣ» дар рисолаи дигари муаллифи ин сатрҳо маълумоти муфассалтаре дода шудааст. Ниг.: М. Муллоаҳмадов. Нишот ва Миҷмар, Душанбе, «Дониш», 1983, саҳ. 16—19.

«бозгашт» суде набурд. Бозгашт шеъри форсиро аз сабки хиндӣ раҳоӣ бахшид ва ба аҳди гузашта риҷъат дод. Вале аз гуяндагони ин давра, ки мехостанд нақши устодони ҳақиқии рӯзгорони гузаштаро ифо кунанд, ҷуз муште намунаҳои тақлидӣ ва татаббӯъӣ ба ёдгор намонд».[32]

Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX ҳамбаста бо ривоҷи ҳаракатҳои инқилобиву машрутахоҳӣ, суст шудани дарбор, хеле зиёд шудани миқдори рӯзномаҳову пешрафти рӯзноманигорӣ ва омилҳои дигар назм ба мардум наздиктар шуд ва доираи хонандагон васеътар гардид. Зеро барои ифодаи эҳсосу афкор, орзуву омол ва андешаҳои гуногуни инсон шеър василаи муносибе буд. Дар рӯзномаву маҷаллаҳои бешуморе, ки дар шаҳрҳои гуногуни мамлакат ба табъ мерасиданд, илова бар хитобаву мақолаҳои публицистӣ, ахбор, ҳамчунин шеърҳо, ҷой дода мешуданд. Ин шеърҳо бештар ҷанбаи хитобӣ дошта, бо мақсади тарғибу ташвиқи ғояҳои озодихоҳӣ эҷод мегардиданд. Гурӯҳе аз шоирон кӯшиш менамуданд, ки анъанаи қадимии назми форсиро, ки дар тӯли асрҳо ба вуҷуд омада буд ва завқи мардум ба он унс гирифта буд, барҳам диҳанд. Бинобар ин чунон ки Е. Э. Бертельс таъкид карда буд: «Дар натиҷа адабиёт ба ду лагери мухолиф — кӯҳнапарастон ва инқилобиюн ё мутаҷаддидин ҷудо шуд».[33]

Шоирони навпардоз ба анъанаи бои гузаштаи адабиёти форсӣ беэътиноӣ намуда, бештар ба эҷодиёти шифоҳии халқ такья мекарданд, ё ба шаклҳои шеърии адабиёти халқҳои Аврупо, махсусан, франсавӣ тақлиду пайравӣ менамуданд.

Дар шеърҳое, ки дар равияи сурудҳои халқӣ дар ибтидои асри XX навишта шуда буданд, ҳарчанд баъзе фикру андешаҳои ҷолиби сиёсиву иҷтимоӣ ифода меёфтанд, вале мутаассифона, тарзи баён, шеърият, образҳои дилчаспе надоштанд ва аз лиҳози шакл хеле урьён ба назар мерасиданд. Яке аз ҳамин гуна шеърҳоро Е. Э. Бертельс тарҷума карда дар асари худ овардааст. Матни форсии онро Яҳьёи Ориянпур низ нақл кардааст, ки ҳоло бо зикри чанд банди он, ки дорои мазмунҳои сиёсиву иҷтимоист, иктифо менамоем:

...Дар мотаму дар зорӣ то кай?
Ашк аз ду басар ҷорӣ то кай?
Шармандагиву хорӣ то кай?
То чанд раво ин хунҷигарӣ, то кай?
Ҳу, ҳақ, мададе, мавло назаре!...

---

[32] Яҳьёи Ориянпур. Аз Сабо то Нимо, ҷ. 2, саҳ. 28—29.

[33] Бертельс Е. Э. Очерк истории персидской литературы. — Л., 1928, с. 142.

Миллат ғофил, душман дар кор,
Ин як дар хоб, он як бедор,
Ин як мадҳуш, он як ҳушьёр,
З-ин сон гардад қавме сипарӣ,
Ҳу, ҳақ, мададе, мавло назаре!

Бигрифта аду кошонаи мо,
Аз худ донад ин хонаи мо,
Пур карда шикам аз донаи мо,
Бар хирмани мо барзад шараре
Ҳу, ҳақ, мададе, мавло назаре...!

Моро бояд шамшеру туфанг,
Зӯру дили шер, нирӯи наҳанг,
Бозуи ялон андар гаҳи ҷанг,
На гунаи зард, на чашми таре,
Ҳу, ҳақ, мададе, мавло назаре...[34]

Ҳарчанд ин қабил шеърҳо, ки онҳоро Яҳьёи Ориянпур «ашъори матбуотӣ» номидааст, аз лиҳози шеърияту бадеият норасоиҳои зиёд доштанд ва фасоҳату балоғати ашъори гузаштаро доро набуданд, бо вуҷуди ин дар онҳо то андозае таъсири воқеаву ҳодисоти замон ҳис мешавад ва онҳо барои муайян кардани рӯҳияву аҳволи мардум дар он даврони пурошӯб мадад мерасонанд.

Шеърҳои мазкур асосан дар шаклҳои мусаммату мустазод, ки дар назми форсӣ қабл аз ин ҳам вуҷуд дошт ва тасниф, ки дар ибтидои асри XX аз назми шифоҳӣ ба матбуот роҳ пайдо кард ва дар эҷодиёти шоири озодихоҳ Орифи Қазвинӣ ба ҳадди камол расид ва шаклҳои наве, ки дар тақлид ба ашъори аврупоиён ба вуҷуд омада буданд, эҷод мешуданд. Азбаски ашъори матбуотӣ ҳанӯз ҷамъоварӣ нашудааст, танҳо аз рӯи намунаҳои ҷудогонаи онҳо, ки имрӯз тавассути асарҳои тадқиқотӣ дастрасанд, хусусиятҳои онҳоро муайян кардан душвор аст.

Дар ин давра, ки рӯҳияи ба амал овардани табаддулот дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ аҳли замонро фаро гирифта буд, як гурӯҳ адибон кӯшиш менамуданд, ки дар адабиёт, махсусан назм низ як табаддулоти қатъиеро ба вуҷуд оранд. Вале чунин табаддулоти қатъӣ дар назм амалӣ нагардид.

Азбаски кӯшишҳои навпардозон дастоварди намоёне наовард, бисьёр шоирон ба давом додани анъанаҳои қадимаи назм пардохтанд ва эҷоди қасидаву ғазал барин шаклҳои маъмули назм боз ривоҷ пайдо кард.

Иддае аз шоирон саъй доштанд, ки дар қолаби маъму-

---

[34] Яҳьёи Ориянпур. Аз Сабо то Нимо, ҷ. 2, саҳ. 20—21.

ини назм мавзӯъ, ғоя ва матлабҳои тозаи марбут ба ҳаёти иҷтимоии замонро ифода намоянд. Гурӯҳи дигари шоирон бошанд ба навпардозиҳои ҷузъӣ пардохта ба ҷой додани калимаву истилоҳҳои нави техникиву фарҳангӣ, ки бештар аз забонҳои ғарбӣ дар ҳамон овон маъмул шуда буд, ба шеърҳояшон қаноат менамуданд ва ин кӯшиши худро навпардозӣ ба қалам медоданд. Мутаассифона, ин ҳолат гузашта аз шоирони ҳаваскор ба ашъори шоирони барҷастаи кишвар низ роҳ ёфта буд. Масалан, дар ғазали Маликушшуаро Баҳор, ки бо байти зер оғоз меёбад, ҳамин ҳолат мушоҳида мешавад:

Дилфиребон, ки ба Русияи ҷон ҷо доранд,
Мустабидона чаро қасди дили мо доранд.

Дар мақтаи шеър бошад шоир ин шеъри худро «сухани тоза» қаламдод мекунад:

Сухани тоза аҷаб нест зи табъи ту Баҳор,
Қи ҳама машриқиён мантиқи гӯё доранд.[35]

Бо вуҷуди он ки дар назми охири асри XIX ва ибтидои асри XX табаддулоти қатъиву навпардозии куллие ба вуҷуд наомад, дар ашъори шоирони маъруфи давр муҳимтарин масъалаҳои ҳаёти мардум, ватандӯстиву озодихоҳӣ барин мавзӯъҳои хеле ҷолиб инъикоси худро ёфтанд.

Яке аз донишмандони маъруфи Эрон Аҳмади Қасравӣ, ки ба шеъру шоирӣ умуман ва ба назми классикии форсу тоҷик, хусусан, ҳусни таваҷҷӯҳе надошт ва ашъори бузургтарин суханварони гузашта амсоли Саъдиву Ҳофиз, Ҷалолиддини Румиву Ҷомӣ, Хайёму Убайди Зокониро ёвагӯии беҳуда шуморида, яке аз омилҳои қафомониву дар ғафлат будани мардум мешуморид, гоҳо шеърҳоеро, ки дар ин давра дар мавзӯъҳои озодии ватан, мубориза барои истиқлол суруда шуда, ҷанбаи хитобавию публицистӣ доштанд, меписандид. [36] Ӯ ин қабил шеърҳоро «ашъори ватанӣ» меномад ва дар ин бора дар «Таърихи машрутаи Эрон» менависад:

«Эрониён аз солиёни дароз гирифтори шеър будаанд ва аз ин кор зиёнҳои бисьёр бурдаанд. Вале гоҳе низ шеър-

---

[35] Ҳамон ҷо, саҳ. 122—123.

[36] Андешаҳои нигилистонаи Аҳмади Қасравӣ доир ба назми классикии форсу тоҷик, махсусан, дар рисолаҳои ӯ «Ҳофиз чӣ мегӯяд?», «Дар пеpомуни шеъру шоирӣ» равшан ифода ёфтаанд.

ҳои безиён сурудаанд, ки мо аз онҳо ин чакомаҳои ватаниро мешуморем».[37]

Аҳмади Касравӣ вазифаи асосии шеърро танҳо дар хидмати бевосита дар корҳои иҷтимоиву сиёсӣ иборат донистa, ба моҳияти эстетикии он эътибор намедод. Аз ин ҷост, ки ӯ дар ҳамин шеърҳои ватандӯстӣ низ танҳо афкору андешаҳои сиёсиву иҷтимоиро ҷолиб мешумораду бас. Дар ин гуна шеърҳои меҳандӯстӣ ҳам — менависад ӯ, — шоирон мекӯшиданд «ҳамеша маъниро фидои сухан гардонанд ва дар ин чакомаҳо низ ҳамин рафторро кардаанд ва ин аст шумо мебинед дар як чакомаи сибайтӣ, ки суруда шуда, беш аз чаҳор, ё панҷ маънии дуруст нест. Бо ин ҳол худи кор некист ва бисьёр беҳтар пардохтан ба ғазалҳои бемағз буда...»[38] Аз ҷумла ӯ аз чакомаи Ҳоҷӣ Муҳаммад Исмоил Мунири Мозандаронӣ байтҳои зеринро чун порчаи беҳтарини шеър иқтибос меорад:

Анкабут ар лона дорад, одамӣ дорад ватан,
Анкабӯтосо ту ҳам андар ватан торе битан.
Бахри ҳифзи лонаи худ метанад тор анкабут
З-анкабӯте кам най, эй ғофил аз ҳифзи ватан.
Ақли кулл меҳри ватанро маънии имон шумурд
Маънии имон бувад меҳри ватан беребу занн.
Шайх агар маънӣ(и) ватан нашнохт, маъзураш бидор
Ин ватан номаш бувад Эрон, биё бишнав зи ман.

Шеъри дигареро, ки ба қалами Мирзо Ҳасанхони Бадеъ тааллуқ дошта, бо байти зерин оғоз меёбад, Аҳмади Касравӣ аз ҷумлаи беҳтарин намунаҳои «ашъори ватанӣ» меҳисобад:

Чаро наменигарӣ ҳолати фигори ватан?
Чаро намешунавӣ нолаҳои зори ватан?[39]

Дар ҳақиқат, чунон ки аз мисолҳои болоӣ ҳам аён мегардад, дар ин гуна шеърҳо, ки асосан дар рӯзномаҳо дарҷ мегардиданд, мавзӯъҳои ватандӯстиву мубориза бар зидди истилогарони аҷнабӣ, озодии ватану ҳимояи ҳуқуқи инсон ва амсоли инҳо ифода мешуданд ва ин шеърҳо барои бедории мардум, ба ҳаракатҳои озодихоҳӣ рӯҳбаланд намудани онҳо таъсир мерасониданд.

---

[37] Аҳмади Касравӣ. Таърихи машрутаи Эрон, чопи чаҳорум. Теҳрон, с. 46.
[38] Ҳамон ҷо, ҳамон саҳифа.
[39] Ҳамон ҷо, ҳамон саҳифа.

Дар ҳамин давра ҳамчунин шоироне қадам ба арсаи адабиёт ниҳода буданд, ки анъанаҳои беҳтарини адабиёти гузаштаи халқҳои форсизабонро бомуваффақият идома дода, кӯшиш менамуданд, ки дар мавзӯъ ва мундариҷаи шеъри форсӣ навоварие ворид созанд ва шеърро ба ҳаёти иҷтимоӣ, рӯйдодҳои муҳимми замона ҳамовоз намоянд. Ҳарчанд чунин навовариҳо ҳанӯз хеле суст сурат мегирифт ва ба ин замонаи пурошӯб ҳам имкон намедод, вале муҳимтар аз ҳама он аст, ки иддае аз шоирон ба ин кор иқдоми боҷуръатона намуданд, ки ин баъдтар ривоҷ пайдо карда, самараҳои хуб дод ва ба пешрафти назми демокративу реалистии форс замина ва асоси воқеӣ гузошт. Маликушшуаро Баҳор, Алиакбари Деҳхудо, Орифи Қазвинӣ, Саид Ашрафи Гелонӣ, Эраҷ Мирзо барин шоирон аз ҳамин қабил буданд. Адибулмамолики Амирӣ, ки дар фаслҳои минбаъдаи рисола ҳаёт ва эҷодиёти ӯ мавриди баррасӣ қарор мегирад, ба зумраи ҳамин гуна суханварони маъруф, ки дар таҳаввулу пешрафти назми форсӣ дар ибтидои асри XX саҳми бузурге гузоштаанд, дохил мешавад.

**Тарҷумаи ҳоли Амирӣ.** Дар навиштани шарҳи ҳоли Адибулмамолик, чунон ки изҳор шуд, сарчашмаи мӯътамад пеш аз ҳама тарҷумаи ҳолест, ки худи шоир бо қаламаш сабт кардааст. Бинобар ин мо ҳам ин ҷо пеш аз ҳама ба он истинод хоҳем кард.

Бино ба қавли шоир номи ӯ Муҳаммадсодиқ буда, бо унвони Мирзо Содиқхон шӯҳрат ёфтааст. Кунияи ӯ ба муносибати фарзандаш Исо, ки дар синни дусолагӣ соли 1308 ҳ. 1890 м. бо бемории обила вафот кардааст, Абӯисо будааст.

Падари шоир Ҳоҷӣ Мирзо Ҳасан ном дошта писари Мирзо Маъсум мутахаллис ба Муҳит будааст, ки ба шеъргӯӣ шуғл дошта, дар тазкираҳои маъруфи давр аз қабили «Ганҷи шойгон», «Анҷумани хоқон» ва амсоли инҳо ёд шудааст. Бародари Мирзо Маъсум Мирзо Абулқосими Қоиммақом яке аз донишмандону сиёсатмадорон ва аз аҳли илму адаби давр ба шумор мерафт. Ӯ чандин сол соҳиби девони муншаот ва вазири Муҳаммадшоҳи Қоҷор шуда дар пешрафти иқтисоду маданияти Эрон саҳми бузурге гузоштааст. Мақоми Мирзо Абулқосими Қоиммақом дар ҳаёти адабии Эрон ва шеъру шоирии замонаш хеле баланд буд.

Модари падари Адибулмамолик, яъне модаркалони шоир духтари ҳамин шахси донишманд Мирзо Абулқосими Қоиммақом будааст.

Мирзо Абулқосими Қоиммақом пас аз фавти падараш

Мирзо Исо Қоиммақом ба вазифаи садорат соҳиб мешавад. Ин ҳодиса соли 1834 ба вуқӯъ пайваста буд. Баъди як сол моҳи сафари соли 1351 ҳ. мутобиқи соли 1835 м. бо иғвои ҳосидону бадхоҳон ӯ бо фармони Муҳаммадшоҳ дар боғи Нигористон кушта мешавад.

Ҳамон навъе, ки дар шарҳи ҳоли ба қалами Адибулмамолик сабт ёфта қайд шудааст, дигар хешовандону ақрабои ӯ ҳам аз аҳли илму фазл ва шеъру адаб будаанд. Адибулмамолик хешовандони маъруфу фозили худро ёд карда, шаҷараи аҷдодонашро ба сиву шаш пушт то Алӣ ибни Ҳусайн мепайвандад, ки то ҷӣ андоза саҳеҳ будани онро ҳукм кардан душвор аст.

Маълумоти Адибулмамолик, махсусан, дар бобати таваллуди худаш хеле саҳеҳ аст. Аз ҷумла ӯ менависад: «Аммо валодати ин банда аз қарори зоиҷаи марҳум Мирзо Мунаҷҷимбошии Хуросонӣ, ки аз асотиди фан буд, нигошта 12 дақиқа ба тулӯъи офтоб монда, рӯзи панҷшанбеи чаҳордаҳуми шаҳри муҳаррамулҳароми санаи 1277 ҳиҷрӣ мутобиқи санаи 1860 милодӣ аз қарори тасреҳ дараҷаи толеъ ба намудори Батлимус воқеъ шуда».[40]

Ба муносибати таваллуди Адибулмамолик яке аз дӯстони оилаи падари ӯ рубоие сурудааст, ки дар он таърихи таваллуди вай бо ибораи «пайғамбари пок» ба ҳисоби абҷад ифода ёфтааст:

Фархунда нажоди Содиқ он ахтари пок
Дорои нажоди фарруху гавҳари пок
«Пайғамбари пок» соли мелодаш шуд
Чун ҳаст зи хонадони пайғамбари пок.[41]

Чунон ки аз иқтибоси дар фавқ нақлшуда маълум мегардад, таваллуди Амирӣ соли 1860 сурат гирифтааст.

Зодгоҳи Амирӣ деҳаи Қозарони наздики Султонобод будааст.

Падари шоир дар синни 14-солагии Амирӣ соли 1874 чашм аз ҷаҳон мепӯшад. Аз ӯ чаҳор писар ва ду духтар боқӣ мемонанд. Содиқхон писари сеюми падар буд. Як бародару як хоҳари ӯ ҳангоми навиштани шарҳи ҳолаш аз дуньё гузашта будаанд. Чунон ки Амирӣ менависад, як хоҳари ӯ аз аҳли адаб буда дар шеърнависӣ қувваозмоӣ мекардааст.

---

вон). саҳ. يب

[40] Девони комили Адибулмамолики Фароҳонии Қоиммақомӣ, бо тасҳеҳ ва ҳавошии Ваҳиди Дастгардӣ, Теҳрон, 1345 (минбаъд: Амирӣ, Де-

[41] Ҳамон ҷо.

«Ин хоҳарам, ки дар қайди ҳаёт аст, — менависад, ӯ, — аз занони адибаи Эрон ба шумур меравад. Номаш Фотимахонум аст ва «Шоҳин» тахаллус мекунад. Шеъраш ба тароватӯ ҳаловат машҳур шуда ва дар хотимаи китоби «Ҳайрати Ҳассон» қасидае аз вай сабт гашта».[42]

Азбаски падари шоир қарзи зиёд доштааст, пас аз фавти ӯ Носируддавла Абдулҳамид Мирзо фарзанди калонии шоҳзода Фирӯз Мирзо, барои мусодара кардани молу мулки онҳо кӯшиш менамояд. Ниҳоят Содиқхон ва бародару хоҳаронаш ба вазъи ногуворе меафтанд ва соли 1876 Содиқхон бо яке аз бародаронаш пиёда ба Қум ва аз он ҷо бо ранҷу азоби фаровон ба Теҳрон меравад. Дар бораи ранҷу азиятҳои кашидаашон аз ҷумла худи шоир менависад: «Ва ба андак зоде, ки кифофи мусофарати пиёдагонро кофӣ буд, аз бероҳа ба Қум рафта ва дар он сафар дучори шадоид ва балои сахт гашта бо пои пур аз обила ва либоси чиркини жулида ва ранҷур ба Қум расидем. Китоби дуое, ки ба хатти Мирзо Аҳмади Табрезӣ аз мероси падар ҳамроҳ доштам, ба баҳои хас фурӯхта ва дар саҳобати сорбонони исфаҳонӣ ба Теҳрон рафтем. Ҳангоми вуруди мо дар Теҳрон, ҳавои он ҷо сард буд...»[43]

Дар Теҳрон низ зиндагии Содиқхон ва бародараш хуш намегузашт. Онҳо дар хонаи яке аз хешовандонашон ҷой мегиранд. Вале ӯ ба онҳо эътиборе намедиҳад ва мадади кофие намерасонад. Модару хоҳаронашон низ ба Теҳрон меоянд ва зиндагии онҳо боз ҳам сахттару пуразобтар мегардад.

Содиқхон дар Теҳрон дар хонаи хешовандон хеле бо азобу ранҷ рӯз мегузаронад ва ҳадафи таънаву бадгӯиҳои фарзандони он хешовандонаш мегардад. Ӯ барои аз ин ҳолати ногувор халосӣ ёфтан кӯшишҳо ба кор мебаст, вале ҳар дафъа натиҷаи дилхоҳе намедод. Ниҳоят ӯ дар мадҳи шоҳзода Таҳмосп қасидае навишта, дар муқаддимаи он аз рӯзгори нохушу ногувораш шикоят мекунад ва он қасидаро ба шоҳзодаи мазкур медиҳад. Шоҳзода ӯро хеле хуб пазироӣ карда ба шеъраш баҳои баланд медиҳад ва ӯро ба хидмат даъват менамояд.

Содиқхон, ки аз хурдӣ ба илмҳои гуногун рағбати калон дошт, дар як муддати кӯтоҳе бо парастории падари донишмандаш илмҳои гуногунро аз худ карда буд ва махсусан, дар шеъру шоирӣ вуқуфи комил дошт. Аз ин ҷост, ки шеъ-

---

[42] Ҳамон ҷо, саҳ. ﯾﺐ

[43]. Ҳамон ҷо, саҳ. ﯾﺞ

ри шогирдонаи ӯ аз шеъри шоирони баркамол мондание надошт ва он боиси тааҷҷуби дарбориён гардида мавриди таҳсини онҳо қарор гирифт.

Дар ин давра, махсусан, шиносоии Содиқхони ҷавон бо Ҳасаналихон Амир Низоми Гаррусӣ ки вазири донишманду фозил ва хайрхоҳи аҳли илму адаб буд, ба ӯ мадад расонид. Содиқхон, ки то ин дам бо тахаллуси «Парвона» шеър менавишт, ба шарафи эҳтироми ин вазир бо нисбати номи ӯ ба худ тахаллуси «Амирӣ»-ро қабул намуд.

Ба қобилияту истеъдоди баланди шоирии Содиқхони ҷавон воқеаи ҷолибе, ки худи ӯ аз сар гузаронда дар шарҳи ҳолаш қайд намудааст, низ дарак медиҳад. Ҳангоме ки шоири ҷавон боре дар ҳузури Таҳмоспқулимирзо буд, Мирзо Алимуҳаммад Сафо ном шахси донишманду хаттоти машҳур ба ҳузури шоҳзода меояд ва Содиқхонро он ҷо дида ба таърифи ӯ шурӯъ менамояд. Зимнан дар сӯҳбати онҳо сухан аз бадеҳагӯӣ ба миён меояд.

Содиқхони ҷавон ҳам омодагии худро дар санҷиши бадеҳагӯӣ изҳор мекунад ва аз шоҳзода хоҳиш мекунад, ки ба ӯ ягон қофияро фармояд то вай фавран ба таври бадеҳа шеър гӯяд. Шоҳзода мефармояд, ки байтҳои зерини Абулфараҷи Руниро нахуст тақтеъ карда баҳрашро муайян кунад ва сипас ба ин вазну қофия шеъре иншо кунад:

Шаҳ боз ба ҳазрат расид ҳин
Якрон маро барниҳед зин
То х(в)ай кунад аз шарми ӯ замон
Чун тай кунам аз наъли ӯ замин.

«Гуфтам: ин ду байт, — менависад Амирӣ дар шарҳи ҳолаш, — аз баҳри қариби ахраби мақсур аст ва тақтеаш «мафъулу мафоилу фоилот» бошад. Шоҳзода аз касрати шигифтӣ ҳайрон монд ва гуфт: «Ин гуна касон дар кишвари мо бадбахт зиянд». Пас истод ва иртиҷолан шеър ҳамегуфтам ва Мирзо Абдулкарими муншӣ суханонамро менавишт ва абьёт ин аст:

Таҳмосп худованди ростин
Дорад яму кон дар остин...»[44]

Ҳозирон ба истеъдоди фавқулоддаи шоири ҷавон таҳсинҳо хонда ӯро дар фазлу ҳунар аъҷубаи аср ва фавқулоддаи даҳр меноманд ва вайро дар фазлу ҳунар ба бобояш Мирзо Абулқосим Қоиммақом монанд мекунанд.

———————

[44] Ҳамон ҷо, саҳ. یو

Шоҳзода сипас Содиқхонро ба писараш Ғуломҳусайнхон, ки ҳукмрони ноҳияи Тусиркон буд, месупорад. Шарҳи ҳоли Амирӣ бо қаламӣ худаш бо баёни вазъи рӯзгораш то соли 1294/1877 м., ки дар ин давра ӯ ва модару бародаронаш аз тамоми замину молҳои меросмондаи падараш маҳрум монда буданд ва замину молҳо дар байни ҳокимон тақсим гашта буд, хотима меёбад.

Амирӣ соли 1314 ҳ./1896 м. аз тарафи шоҳ ба лақаби ифтихории Адибулмамолик соҳиб шуд. Худи ҳамин сол ҳангоме ки Амир Низоми Гаррусӣ аз нав пешкори Озарбойҷон таъин мегардад, Амирӣ ҳамроҳи ӯ ба Табрез меояд. Соли 1316 ҳ./1898 м. дар ин шаҳр мадрасаи Луқмония кушода мешавад ва Амирӣ ноиби раиси он мадраса таъин мешавад. Ӯ дар ҳамин давра дар баробари таълими илмҳои гуногун дар мадрасаи мазкур ба фаъолияти рӯзноманигорӣ низ шурӯъ мекунад ва ба нашри рӯзномаи «Адаб» оғоз менамояд.

Пас аз он Адибулмамолик раҳсипори Теҳрон мешавад. Вале ӯ ҳанӯз вориди шаҳр нагардида аз асп меғалтад ва дасташ мешиканад. Ин воқеаи ногувор, ки ба фаъолияти хеле пурсамари шоир дар ин давра халале расонид, боиси таассуфи дӯстону наздикони шоир ва аҳли илму адаб мегардад ва баъзеи онҳо барои изҳори ҳамдардӣ ба ин муносибат шеърҳо иншо менамоянд. Аз ҷумла Амир Низом менависад:

Ёр омаду гуфт: «Хаста медор дилат,
Доим ба умед баста медор дилат.
Моро ба шикастагон назарҳо бошад
Моро хоҳӣ шикаста медор дилат».

Гавҳар Маликхонум ба ин муносибат навиштааст:

Эй баҳри улуму эй дури беҳамто,
Дасти ту бибаст дасти олам ба қафо.
Дасти ту агар шикаст аз осеби қадар,
Умед, ки дил нашканадат кайди ҳазо.[45]

Маликулкаломи Курдистонӣ ном шоир бошад дар ин бобат фармудааст:

Чун ёфт сипеҳри дун бар озори ту даст,
Ҳам дасти туро шикасту ҳам рӯи ту хаст.
Барбаст дари айш ба рӯи ман аз он-к
На дасти туро, дили маро ҳам бишикаст.[46]

---

[45] Ҳамон ҷо, саҳ.

[46] Ҳамон ҷо.

Баъди сиҳат шудан Амирӣ аз нав ба нашри рӯзномаи «Адаб» давом медиҳад.

Соли 3317 ҳ./1899 м. Амирӣ аз Табрез ба сӯи Кавказ сафар мекунад. Сипас аз он ҷо ба Осиёи Миёна, аз ҷумла ба Хоразм меравад ва чанд муддат дар назди писари хони Хева Муҳаммад Аминхон қарор гирифта, пас аз чанде ба Машҳад бармегардад ва дар он ҷо аз соли 1318 ҳ./1900 м. то соли 1320 ҳ./1902 м. чопи рӯзномаи «Адаб»-ро идома медиҳад.

Соли 1321 ҳ./1903 м. ӯ боз ба Теҳрон бармегардад.

Соли 1323 ҳ./1905 м. бошад ӯ аллакай муқими Бодкӯба (Боку) мешавад ва дар ин шаҳр замимаи форсии рӯзномаи туркии «Иршод»-ро ба нашр медиҳад.

Чунон ки дар бобҳои аввали кор аз назар гузаронидем, ин солҳо давраи хеле пурошӯб ва авҷи ҳаракатҳои инқилобиву машрутахоҳӣ дар Эрон буд. Одамони равшанфикру озодихоҳ наметавонистанд аз ин ҷӯшу хурӯши ҳаракатҳои инқилобӣ, ки тақрибан тамоми мамлакатро фаро гирифта буд, дар канор монанд. Адибулмамолики Амирӣ аз ҷумлаи равшанфикроне буд, ки бо тамоми кӯшишу ғайрат дар ҳаёти иҷтимоии давр ширкат меварзид. Бешубҳа ба тақозои замон аст, ки Амирӣ дар ин солҳо дар баробари навиштани қасидаву шеърҳои ватанхоҳиву озодиталабӣ ба рӯзноманигорӣ, ки дар ин давра барои бедории мардум ва таблиғоту ташвиқоти онҳо воситаи хеле муҳим ва зарурӣ буд, даст зад ва ин соҳаи фаъолияти худро пурзӯр намуд. Амирӣ дар рӯзномаҳое, ки интишор медод, мақолаву китобҳои публитсистии худро нашр менамуд ва хонандагонро бо вазъи пурошӯби замон ва вазифаҳои минбаъдаи мардум барои ба даст овардани ҳуқуқҳои демократӣ шиносо менамуд.

Беҳуда нест, ки вақте бо талабу дархости аҳолии озодихоҳ ҳукумати Эрон маҷбур шуд соли 1324 ҳ./1906 м. Маҷлиси шӯрои миллиро ифтитоҳ намояд, Амирӣ зуд ба Теҳрон омада сардабири рӯзномаи «Маҷлис» гардид. Амирӣ, ки ифтитоҳи маҷлисро бо хушҳолии зиёд истиқбол карда буд, дар шумораи аввалини рӯзномаи мазкур қасидаи худро дар таҳнияту тавсифи маҷлис ҷой дод, ки он бо байтҳои зерин оғоз меёбад ва шодиву тараби шоир ва ҳамаи озодихоҳонро иброз медорад:

Шод бош, эй Маҷлиси миллӣ, ки бинам анқариб,
Аз ту ояд дарди миллатро дар ин даврон табиб.

Шод бош, эй Маҷлиси миллӣ, ки аз ту чира гашт
Дасти масҷид бар калисо, нури фарҳон бар салиб.

Шод бош, эй Маҷлиси миллӣ, ки Эрон аз ту ёфт
Давлати даври шубоб андар паи аҳди нашиб.[47]

Амирӣ дар вазифаи сардабирии рӯзномаи мазкур ҳафт моҳ кор кард. Пас аз он дар мобайни соли 1325 ҳ./1907 м. ӯ рӯзномаи «Ироқи Аҷам»-ро таъсис дод. Вале ин рӯзнома дер давом накард ва Амирӣ пас аз чанд муддат сардабири рӯзномаи «Эрони давлатӣ» гардид.

Соли 1327 ҳ./1909 м. Амирӣ ҳамроҳи гурӯҳи калони муҷоҳидони мусаллаҳ ба Теҳрон дохил мешавад. Соли 1329 ҳ./1911 м. якчанд моҳ ба Гелон рафта боз ба Теҳрон бармегардад ва ба хидмати адлия дохил мешавад. Ӯро ба раёсати адлияи Симнон, ки нав ташкил шуда буд, таъин менамоянд. Дар ин давра ба сари Амирӣ фалокати наве меояд. Духтари ӯ, ки дар Хуросон ба шавҳар баромада буд, вафот мекунад. Ин ба шоир хеле таъсири амиқ мерасонад ва ӯ ҳамаи корҳоро вогузошта чанде ба аккосӣ (суратгирӣ) машғул мешавад.

Дар соли 1331 ҳ./1912 м. Амириро раиси сулҳияи Совҷабулоғи Теҳрон таъин месозанд. Соли 1332 ҳ./1913 м. вазорати дохила ӯро ба вазифаи мудирии рӯзномаи нимрасмии «Офтоб» мансуб мекунад. Пас аз ду сол ӯ боз ба корҳои адлия мегузарад ва маъмури адлияи Арок мешавад.

Соли 1335 ҳ./1916 м. бошад маъмури адлияи Язд мегардад. Вале дар ин ҷо саломатии ӯ бад мешавад ва дучори сактаи ноқис мегардад. Амирӣ пас аз он ба Теҳрон бармегардад ва соли 1336 ҳ./1917 м. дар синни 58-солагӣ аз олам чашм мепӯшад. Ӯро дар ҳуҷраи Мирзо Абулҳасани Қоиммақом дар маҳалли Абдулазим дафн мекунанд.

Дар бораи тарҷумаи ҳоли шоир санаду маълумоти дигарро аз ашъори худи ӯ, ёддошту хотираҳои хешовандону дӯстон ва амсоли инҳо низ пайдо кардан мумкин аст. Аз ҷумла чунон ки Ваҳиди Дастгардӣ дар муқаддимаи девони шоир қайд мекунад, дар бораи Амирӣ бародари хурдии вай Оқо Сайидалии Асғари Қоиммақомӣ чанд маълумоти муфид додааст. Мувофиқи гуфтаи ӯ Амирӣ соли 1297 ҳ./1879 м. ба Исфаҳон сафар карда чанд муддат дар он ҷо надими Соримуддавла будааст. Соли 1298 ҳ./1880 м. Адибулмамолик духтари Ҳасанхони Фароҳонӣ ном шахсро ба занӣ гирифтааст. Аз ин зани худ Амирӣ се духтар ва як писар ёфтааст. Вале ҳамаи онҳо вафот кардаанд ва Амирӣ зани дигаре гирифтааст. Аз зани дуюмаш ӯ соҳиби духтаре мегар-

[47] Ҳамон ҷо, саҳ. 53.

дад, ки вайро ба ноибуттавлияи Хуросон ба занӣ медиҳад. Мутаассифона, ин духтари шоир ҳам дар синни бистсолагӣ аз ҷаҳон чашм мепӯшад.

Соли 1305 ҳ./1887 м. Адибулмамолик ба Қум омада ду сол дар он ҷо иқомат ихтиёр кардааст. Ӯ дар ин ҷо дар сохтмони Алиобод ҳамчун сарриштадор хидмат намудааст. Пас аз он ҳамроҳи Амир Низом ба Табрез сафар кардааст.

Чунон ки гуфтем, маълумоту санадҳои тарҷумаиҳолиро дар ашъори худи Адибулмамолик ҳам пайдо кардан мумкин аст, ки онҳо барои равшан намудани бисьёр лаҳзаҳои рӯзгори ӯ аз аҳамият холӣ нестанд.

Амирӣ аз хурдсолӣ ба омӯхтани илмҳои гуногун ва забонҳои мухталиф шавқу ҳаваси зиёд доштааст. Ӯ забонҳои арабӣ, туркӣ, русӣ, франсавӣ, англисӣ ва амсоли инҳоро хеле хуб медонистааст. Махсусан, забон ва адабиёти арабро вай хеле хуб аз худ карда будааст. Чунон ки дар мавқеаш хоҳем дид, Амирӣ дар шеърҳои худ на танҳо калимаву иборaҳои арабиро хеле зиёд истеъмол менамуд, балки шеърҳои арабӣ низ дорад ва дар қасоиди ӯ байту мисраъҳои арабӣ кам нестанд, ки ҳамаи ин аз вуқуфи комили ӯ аз забон ва маданияти араб гувоҳӣ медиҳад.

Ба ин ҳамчунин ишораҳои зиёди шоир ба суханварони маъруфи араб низ шаҳодат медиҳад. Масалан, дар байтҳои зер ӯ аз як қатор шоирони маъруфи араб ёд мекунад:

> Гул чу зебосанамон чеҳра биёрояд,
> Мурғи дилшефта ӯро ба гуфтор ояд.
> Ҳамчунон Антара, к-ояд ба бори Айла
> Ё Фараздақ, ки ба наздики Навор ояд.[48]

Дар байтҳои болоӣ Антара ва Фараздақ номи шоирони маъруфи давраи ҷоҳилияти араб буда, Айла ва Навор зан ё маъшуқаҳои онҳоянд.

Ҳамин гуна ҳолатро дар байти зерин ҳам мушоҳида кардан мумкин аст:

> Зи насҷи фикри ту пӯшад Мутарразиву Ҳарирӣ
> Қисо ба дӯши Қисоӣ, кулаҳ ба фарқи Мубаррад[49]

Донишмандиву истеъдоди баланди Амириро, чунон ки дар боло ҳам қайд кардем, ҳамаи ҳамзамононаш эътироф намудаанд. Тибқи анъанаи фахрия дар қасидаҳои худи шоир

---

[48] Ҳамон ҷо, саҳ. 152.
[49] Ҳамин ҷо, саҳ. 163.

ҳам ишораҳои сареҳе ба ин масъала мушоҳида мешавад. Дар ин бобат дар яке аз қасидаҳояш Амирӣ менависад:

Бандаат низ манастам, ки ҳаме номам
Аз адибону ҳакимон ба шумор ояд.
Шеърро бо луғати порсиву тозӣ
Ҳар чи гӯям ҳама нағзу сутвор ояд...
Шоирӣ донам беҳтар зи Лабид, аммо
Шеър зинат бувадам, не, ки шиор ояд.
Ҳам арӯзияму ҳам мусиқидонам,
Гарчи з-ин ҳар ду маро яксара ор ояд.
Ҳам ба ҷуғрофиву ҳайат набувад кафвам
Чун сухан бар сари қонуну мадор ояд.
Ман ҳамедонам тағьири фусул аз чӣ
В-ихтилоф аз чи бар-ин лайлу наҳор ояд...
Ман Қалимастам, агар ҳикмат Ниластӣ,
Ман Халиластам, агар дониш нор ояд...

Чунон ки аз байтҳои боло бармеояд, Амирӣ дар илмҳои гуногун аз қабили ҷуғрофия, ҳайъат, нуҷум ва амсоли инҳо вуқуфи комил доштааст.

Дар қасидаҳои Амирӣ ҳамчунин дар бораи тарзи зиндагӣ, муҳити ихтилофангезу нооромаш, бадгӯии ҳосидону суханчинон, тӯҳмату бӯҳтонҳои дарбориён нисбат ба ӯ ва як қатор масъалаҳои марбут ба тарҷумаи ҳоли ӯ маълумоту асноди муфиде ба даст овардан мумкин аст, ки дар зимни таҳлили ашъори шоир ба чанде аз онҳо ишора хоҳад шуд.

## Боби II

## МУНДАРИҶАИ ҒОЯВӢ ВА МАВЗӮОТИ ЛИРИКАИ АМИРӢ

**Мероси адабӣ.** Адибулмамолики Амирӣ аз адибони хеле пурмаҳсули асри XIX ва ибтидои асри XX Эрон ба шумор меравад. Чунон ки дар фаслҳои пешина зикр шуд, фаъолияти эҷодии Амирӣ пурдомана ва серсоҳа буда, ҷиҳатҳои гуногун ва риштаҳои мухталифи эҷодиро дар бар мегирад. Дар хусуси фаъолияти рӯзноманигории ӯ дар зимни баёни тарҷумаи ҳол сухан рафт. Тадқиқи ин соҳаи фаъолияти Амирӣ ҳоло хеле душвор аст. Зеро аз як тараф мақолаву китобаҳои публицистии ӯ ҷамъоварӣ нашудааст, аз тарафи дигар худи он маҷаллаву рӯзномаҳо дастрас нестанд. Вале ин ҷо зикри ин нуқта зарур аст, ки фаъолияти пурдоманаи рӯзноманигории Амирӣ ба эҷодиёти бадеии ӯ таъсири амиқе гузоштааст. Бинобар ин ҳангоми таҳлили ашъори шоир ба ин масъала низ бояд таваҷҷӯҳ кард.

Соҳаи асосии фаъолияти эҷодии Адибулмамолики Амирӣ, ки ба ӯ шӯҳрат бахшида, номашро дар таърихи тамаддуни Эрон сабт намудааст, ҳамоно шоирист. Фаъолияти шоирии Амирӣ басо вусъатнок ва рангин буда, аз сурудани шеърҳои хурди фард, ки танҳо аз як байт иборатанд, то манзумаҳои тӯлонии зиёда аз сад байтиро фаро мегирад. Амириро бешубҳа метавон аз пурмаҳсултарин шоирони қарнҳои охири Эрон донист. Осори бадеии ин шоири пурмаҳсул ба туфайли кӯшишҳои пойгиронаи донишманд ва шоири соҳибзавқи эронӣ Ваҳиди Дастгардӣ ҷамъоварӣ шуда, дар шакли девон мураттаб ва нашр гардидааст.

Вале ҷамъоварии ашъори Амирӣ хеле барвақт шурӯъ шуда буд. Худи шоир ба масъалаи гирдоварии ашъораш таваҷҷӯҳе надоштааст ва шеърҳои ӯ ба таври пароканда дар маҷаллаву рӯзномаҳо дарҷ шуда, дар дафтарҳои гуногун сабт мегаштаанд. Аз ин ҷост, ки пас аз вафоти шоир дӯстдорону ҳаводорони ашъори ӯ аз паи ҷамъоварии онҳо шу-

ранд. Яке аз мухлисони ашъори Амирӣ донишманд Хонмалик Ҳусейнии Сосонӣ буд, ки аз аввалинҳо шуда ба ин кор иқдом намуд. Пас аз вафоти шоир ӯ зуд барои пайдо кардани девонҳои ашъораш сайъ мекунад. Чунон ки муҳаққиқ дар огоҳномааш қайд намудааст, аз сабаби ихтилофоти байни ҳамсари шоир ва хоҳари ӯ барои ба даст овардани девон мушкилоте пеш меояд. Хонмалики Сосонӣ аз ин рӯҳафтода нашуда ҷустуҷӯйҳои худро идома медиҳад ва ҳатто ҳангоме ки дар Берлин зиндагӣ мекард, огоҳиномае нашр намуда аз тамоми ҳаводорони адабиёт хоҳиш мекунад, ки ҳар чи абьёту ашъоре, ки аз Амирӣ дар даст доранд, ба ихтиёри ӯ супоранд. Ӯ бо мақсади осон шудани кор матлаи ашъори шоирро, ки дар даст доштааст, дар огоҳинома зикр менамояд.

Аз муқаддимаи ба ин огоҳинома навиштаи муҳаққиқ маълум мегардад, ки ӯ бо Амирӣ робитаи хешовандӣ дошта, аз наздик бо вай шиносо будааст ва чанде аз ашъорашро шоир ба ӯ тақдим кардааст. Ҳангоми нашри огоҳинома ба Хонмалики Сосонӣ ҷамъоварии тақрибан панҷуним ҳазор байт шеъри Адибулмамолик муяссар гаштааст. Дар ин бобат худи ӯ менависад: «Акнун ба мӯҷиби сурате, ки дар зайл ба назари хонандагони мӯҳтарам мерасад, қариб панҷ ҳазору понсад байт аз ашъори марҳум Адибулмамолик дар назди ҳақир (Хонмалики Сосонӣ — *М. М.*) ҷамъ шудааст»...[1]

Қорҳои минбаъдаи Хонмалики Сосонӣ дар бобати ҷамъоварии ашъори Амирӣ маълум нест. То он ҷое, ки ҳоло хабар дорем, бо кӯшиши ӯ девон ва ё мунтахаби ашъори шоир ба табъ нарасидааст.

Ташаббуси Хонмалики Сосониро шоир ва донишманди дигари эронӣ Ваҳиди Дастгардӣ идома медиҳад. Ӯ ба дарьёфти девони шоир, ки тақрибан аз 19 дафтари ҷунгмонанд иборат будааст, ноил мегардад. Илова бар он аз сафинаву баёзҳои мухталиф шеърҳои парокандаи шоирро ҷамъоварӣ мекунад ва сипас ба чопи девони мукаммали Амирӣ мепардозад. Дар ҳақиқат, девони мураттабкардаи Амирӣ то андозае пурраву комил буда, чунон ки худи Ваҳиди Дастгардӣ ҳам қайд мекунад, «ин девон ҷомеътарин дафтари шеъру адабист, ки дар қуруни авохир тадвин ва табъ шуда».[2]

Ҳарчанд матни чопи мазкур илмиву танқидӣ нест, вале

---

[1] Хонмалик Ҳусейнии Сосонӣ. Огоҳинома аз ҷамъоварии ашъори донишманди даврон ва устоди суханварон Адибулмамолик Мирзо Содиқхон Қоиммақомӣ, Берлин, 1923, саҳ. 2.

[2] Девони комили Адибулмамолик Фароҳонии Қоиммақомӣ, ба тасҳеҳ ва ҳавошӣ ва эҳтимоми Ваҳиди Дастгардӣ. Теҳрон, чопи 2, 1345.

он ҳоло мукаммалтарин чопи девони шоир буда, дорои хусусиятҳои ҷолиб аст. Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки аксари шеърҳои девон дорои унвон буда соли таълифу сабаби навишта шудани онҳо низ зикр шудааст, ки ин барои тадқиқу таҳлили амиқи онҳо кӯмак мерасонад.

Мураттиби девон Ваҳиди Дастгардӣ, ки аз донишмандони маъруф буд, ба калимаву ибораҳои мушкилфаҳми шеърҳо дар поварақ шарҳу тавзеҳи дақиқе додааст.

Чунон ки Хонмалики Сосонӣ ва Қ. Чайкин қайд кардаанд, Амирӣ ду девони ашъор доштааст, ки ашъори ду давраи эҷодиёти ӯро фаро мегирифтаанд.[3] Вале дар ин хусус Ваҳиди Дастгардӣ маълумоти муфассале намедиҳад. Ваҳиди Дастгардӣ дар муқаддимаи девон доир ба муаллафоти Амирӣ сухан ронда аз асарҳои зерини ӯ хабар медиҳад, ки мутаассифона, ҳоло дастрас нестанд: «Сайқал-ул-миръот»— оид ба ҷуғрофия, «Самоъ-уд-дуньё» — дар илми ҳайат, «Тобиши меҳр» (аз ин асар танҳо порчаи хурде боқӣ мондааст), «Фалак-ул-машҳун», «Тӯҳфат-ул-волӣ» — оид ба илми арӯз, «Мақомоти Амирӣ», «Рашаҳот-ул-ақлом», «Рисола дар икди аномил».

Ҳамин тавр Адибулмамолик Амирӣ аз хурдӣ ба навиштани шеър шурӯъ намуда дар муддати умри на он қадар тӯлонии худ осори бои бадеӣ боқӣ гузоштааст, ки қариб 30 ҳазор байтро дар бар мегирад.

## ОҲАНГҲОИ ИҶТИМОӢ ДАР АШЪОРИ АМИРӢ

Чунон ки дар фаслҳои аввал дидем, ҷараёни зиндагӣ ва фаъолияти гуногунсоҳаи Амирӣ ба давраи хеле пурошӯбу ноороми таърихи Эрон рост омадааст. Таҳаввулоти сиёсиву иҷтимоӣ, воқеаҳои таърихии давр ба ҷаҳонбиниву ҷаҳонфаҳмӣ ва олами шоирии Амирӣ низ таъсири амиқе гузоштаанд. Амирӣ, ки чун дигар шоирони ҳамватанаш дар мактаби назми классикӣ парвариш ёфта буд, фаъолияти шоирии худро бо навиштани шеърҳои хурди лирикӣ ва мадҳияҳо шурӯъ кардааст. Қасидаҳои мадҳии шоир асосан дар тақлиду пайравии шоирони гузашта навишта шуда барои тамрину сайқали малакаву маҳорати шоирӣ аз як тараф ва таъмини маишати зиндагӣ аз тарафи дигар буданд ва чу-

---

[3] Хонмалики Сосонӣ. Огоҳинома... саҳ. 1.; Чайкин Қ. Краткий очерк новейшей персидской литературы, М., 1928, с. 28.

иои ки дар мавқеаш хоҳем дид, дар онҳо хусусиятҳои тоза-ву қолибро камтар метавон мушоҳида кард.

Воқеаву ҳодисаҳои пурхурӯши давр Амирӣ барин шоиреро низ, ки қадамҳои аввалинашро дар адабиёт бо пайравӣ ба роҳу услуби эҷодии гузаштагон шурӯъ карда буд ва анъанаи қадимии қасидасароиро идомаву ривоҷ медод, ба гирдоби худ кашиданд. Ӯ ҳам монанди як қатор равшанфикрони замонаш моҳияти ҷунбишҳои инқилобӣ ва ҳодисаҳои муҳимми сиёсиву иҷтимоиро дарк мекард ва дар шеърҳои худ таҷассум менамуд. Аз ин ҷост, ки бисьёр муҳаққиқон ба эҷодиёти Амирӣ чун инъикоскунандаи муҳимтарин ҳодисаву воқеаҳои иҷтимоии давр ва баёнгари масоили муҳим тавассути образҳои бадеи шоирона баҳо додаанд. Аз ҷумла эроншиноси рус Қ. Чайкин ба эҷодиёти Адибулмамолик баҳои баланд дода, ӯро «аввалин шоири бузурги граждании Эрони муосир дар давраи гузариш меҳисобад».[4] Амирро аз аввалин шоироне медонад, ки ба ҳодисаву воқеаҳои замони инқилоб ҳамсадо гашта орзуву омол, ҳаяҷону эҳсосоти мардумро дар он замон тасвир кардааст.

Бояд гуфт, ки ба ин фаъолияти рӯзноманигории Амирӣ ҳам таъсири судманде расонидааст. Чунон ки дар фасли гузашта дидем, Амирӣ ба рӯзноманигорӣ бо ҷидду ҷаҳде машғул шуда дар интишори чандин рӯзнома ширкати бевосита ҷустааст ва бисьёре аз шеърҳои худро ҳам бори аввал дар он рӯзномаҳо дарҷ намудааст.

Ширкати фаъолонаи равшанфикрон ва пеш аз ҳама рӯзноманигорон дар чопу интишори рӯзномаву маҷалла ва варақаҳои гуногун ва бо ҳамин восита тарғибу ташвиқи инқилоб аз хусусиятҳои хоси он давра ба шумор мерафт. Адабиётшиноси Эрон Ҳамиди Зарринкӯб ҳам ба ин ҷиҳати давр ишора кардааст: «Рӯиҳам рафта вақоеи иҷтимоӣ ва сиёсӣ, ки аз авохири салтанати Носириддиншоҳ то сукути Аҳмадшоҳ ва барқарории истиқрор ва амният ба василаи Ризошоҳ рӯй медиҳад, ба шакле дар шеъри форсӣ мунъакис мешавад. Ба ҳамин ҷиҳат аст, ки шоир аз гӯшаи инзиво хориҷ мешавад ва худро дар сарнавишти мардум шарик медонад. Дар воқеъ шеър навъе ҷанбаи иҷтимоӣ пайдо мекунад ва муқаддимае мешавад барои таҳаввулоте, ки баъдан дар шеъри форсӣ ба вуҷуд меояд ва мунҷар мешавад ба шеъри имрӯз ё шеъри нав».[5]

Адибулмамолики Амирӣ дар як манзумаи хеле кӯтоҳи

---

[4] Чайкин Қ. Краткий очерк новейшей персидской литературы, с. 10.
[5] Ҳамиди Зарринкӯб. Ҷашмандози шеъри нави форсӣ. Теҳрон, 1358, саҳ. 27.

худ аз таъсис ва интишори рӯзномаи нимрасмии «Офтоб» башорат дода, яке аз мақсадҳои асосии онро аз тарғиби адолату дониш иборат медонад:

Паи тарвиҷи дину донишу дод,
Ҳамехоҳам кунун доди сухан дод.
Зи ёрони ватан дорам таманно,
Ки бе миннат ба авноллоҳ таъоло.
Зи ин авроқи рангин баҳра гиранд,
Қусуре гар шавад, узрам пазиранд.[6]

Ҳамин тавр фаъолияти рӯзноманигории Амирӣ барои инкишофи афкору андешаҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва пурқувват шудани ҷанбаҳои иҷтимоии ашъори ӯ таъсири муфид расонидааст.

Пеш аз он ки дар бораи андешаҳои сиёсиву иҷтимоии Амирӣ сухан ронем, лозим аст роҷеъ ба андешаҳои шикоятомези шоир, ки ҳанӯз ба дараҷаи танқиди норасоиҳои иҷтимоӣ нарасида буданд, таваққуф намоем. Ин то андозае барои шиносо шудан ба инкишофи тадриҷии ҷаҳонбиниву назари сиёсиву иҷтимоии шоир ҳам мадад мерасонад.

Дар қасидаҳои давраи аввали эҷодиёти шоир, ки ғолибан аз мадҳияҳо иборат буданд, шикояти ӯ асосан, ҷанбаи шахсӣ дорад. Дар мадҳияе, ки соли 1309 ҳ. навишта шудааст ва зоҳиран ба аввалин ҳимоятгару мамдуҳаш Амир Низоми Гаррусӣ бахшида шудааст, шоир аз дурии ӯ ва аз гирифтор шудан ба ранҷи бадхоҳонаш шикоят мекунад:

Фарьёд, эй мир, дарди ҳиҷрон то кай?
Алғавс, эй хоҷа, сури ҳирмон то чанд?
Аз кафи бедавлатони давлати Эрон
Чанд бинӯшам шарангу хасм хӯрад қанд?
Гар нарасам бар дарат, замонаи ғаддор
Пӯст биҳоҳад зи устухонам барканд.[7]

Дар як қатор шеърҳои дигари шоир аз ҳосидони ӯ шикоят шудааст. Аксари ҳосидони ӯ шоирони доираи дарбор буданд, ки аз пешрафтҳои Амирӣ дар дарбор ҳасад мебурданд ва дар ҳаққи ӯ бадгӯиҳо мекарданд. Дар ин қабил шеърҳо шоир пас аз шикоят қосидони худро мазаммат намуда ба мамдӯҳонаш хитоб месозад, ки ба бадгӯиҳои онон бовар накунанд.[8] Вале тадриҷан шоир бо муҳити дарбор амиқтар шиносо мешавад ва ихтилофҳои муҳити дарбор ба ӯ низ

---

[6] Амирӣ. Девон, саҳ. 623.
[7] Ҳамон ҷо, саҳ. 163.
[8] Ниг.: Ҳамон ҷо, саҳ. 385, 419.

бетаъсир намемонад. Дар қитъае Амирӣ аз вазъи ногувораш шикоят карда бенавоию қашшоқӣ, бебизоативу нодорӣ, бекориву сарсонии худро ба қалам медиҳад:

То ба кай баҳри ду нон саҳраи дунон бошам?
Дард аз он беҳ, ки залил аз паи дармон бошам.
Мурданам саҳлтар ояд, ки зиям бо ғаму дард,
Сӯхтан беҳтар аз он аст, ки бирьён бошам...
Ҳаст фармон ба кафу нест зи фармуда нишон,
То ба кай чашм ба раҳ гӯш ба фармон бошам?[9]

Ҳамин вазъи ногувори моддиву маишӣ боиси рӯҳафтодагиву маъюсии шоирон ва аз ҷумла Амирӣ гардид. Беҳуда нест, ки бисьёр шоирони асрҳои гуногун аз беқадрии шеър ва умуман ҳунар дар назди амалдорону ҳокимони давр шикоятҳо кардаанд. Амирӣ низ дар яке аз шеърҳояш ба ҳамин масъала ишора намуда зимнан ранҷу азоби шоирону суханварони маъруфро аз замонҳои қадим то давраи ӯ таъкид мекунад:

Сурӯши ҳушам дар гӯш гуфт, к-эй нодон,
Зи шеър ком маҷӯ в-аз сухан мурод маҳоҳ.
Магар надидӣ он шоирони доноро
Чӣ гуна ҳол шуд аз гардиши замона табоҳ,
Ҳама ба гетӣ буданд бо шиканҷаву дард,
Ҳама зи гетӣ рафтанд бо таронаву оҳ.[10]

Дар ин шеър ҳарчанд шоир аз сухану шеър шикоят мекунад, вале пай бурдан душвор нест, ки мақсади шоир пеш аз ҳама нишон додани беқадрии сухану суханварон дар назди аҳли ҳукмрон мебошад. Инро махсусан, байти охирини шеър, ки бадбахтӣ будани насиби донишмандони Шарқро таъкид мекунад, ба субут мерасонад:

Сапедии ҳама олам зи Машриқ аст, валек
Насиби доно дар Машриқ аст рӯзи сиёҳ.[11]

Амирӣ, ки аз шеъру шоирӣ то андозае маъюс шуда буд, ба таври ҷиддӣ рӯй ба рӯзноманигорӣ ниҳод. Вале рӯзноманигорӣ ҳам ба дардҳои моддиву маънавии шоир шифо намебахшанд. Аз ин ҷост, ки ӯ аз рӯзноманигорӣ ҳам шикоят намуда ранҷу азобҳои аз ин шуғл кашидаашро ба қалам медиҳад ва таъкид мекунад. ки ҳарчанд рӯзномаи ӯ номи «Озодӣ»-ро дорад, вале харидоре пайдо намекунад:

---

[9] Ҳамон ҷо, саҳ. 358—359.
[10] Ҳамон ҷо. саҳ. 476.
[11] Ҳамон ҷо.

Замона баски зи ифлосу фақру тавбаву таб
Навохт бар сари ман чӯбу тозиёна ҳаме.
Дилам сарочаи ғам шуд чунон ки пиндорӣ,
Ки мурғи ғам ба дилам баста ошьёна ҳаме..
Зи рӯзнома чӣ гӯям, ки қадри хомаи ман
Аз ӯ шикаста ба зоти ҳақи ягона ҳаме...
Чу номи расмият «Озодияш» гирифта ба табъ
Касе намехарад ӯро ба ним она ҳаме.[12]

Дар зимни ашъори шоир ҳамчунин шикоят аз рӯзгор, фалак, нобаробарии иҷтимоӣ, зулму золимии ҳокимон, ашхоси амалдор ва амсоли инҳо мушоҳида мешавад. Аз ҷумла дар зимни қасидае шоир бо муқоисаи худ бо вазир ба нобаробарии иҷтимоӣ ишора мекунад:

Ман аз гуруснагӣ андар фиғону вазир аз серӣ
Ҳамеша баҳр маро ҳаст ҷазру баҳр варо мадд.[13]

Дар қитъае, ки ба шоҳзода Шуоъуссалтана бахшида шудааст, Амирӣ аз харобии мулку вазъи ногувори раият афсӯс меҳӯрад ва аз зулму ҷаври ҳокимон шикоят карда аз шоҳзода хоҳиш менамояд, ки ин ҳолро ба шоҳ маълум созад:

Эй малиқ, аз баҳри кирдигор ба шаҳ гӯй
Шаммае аз ҳоли бекасону фақирон.
Ҳокими ҳар хитта бандагони худоро
Мебифурӯшад чу бардагону асирон.
Дар даҳани аждаҳо шуданд раият
Аз ситами золимону ҷаври амирон.[14]

Ишораҳои зиёде ба вазъи ногувори мардум дар зимни мадҳи шоҳону вазирон ба назар мерасад. Дар ин байти мадҳияе шоир диққати мамдӯҳро ба авзои мулк ҷалб менамояд:

Пайкари ин мулк ӯру ганҷ холӣ аз дирам
Пойҳо монда тиҳӣ аз мӯза, сарҳо аз кулоҳ.[15]

Чунон ки дар боби аввал дидем, дар он давра Эрон ба арсаи талаву тороҷи истилогарони аҷнабӣ табдил ёфта буд. Сармоядорони хориҷӣ вазирону ҳокимони маҳаллиро ба бозича табдил дода, мардуми меҳнаткашро гирифтори зулму асорати чандҷониба мекарданд. Дар қасидае Амирӣ

---

[12] Ҳамон ҷо, саҳ. 508.
[13] Ҳамон ҷо, саҳ. 164.
[14] Ҳамон ҷо, саҳ. 417.
[15] Ҳамон ҷо, саҳ. 448.

нафрати худро ба ин вазъи ногувор ифода намуда, вазирони тамаллуқкорро сахт ба зери тозиёнаи танқид мегирад ва онҳоро ба таваҷҷӯҳ ба ҳоли мардуми бенаво даъват менамояд:

Эй насими фазли ҳақ, ин мурдагонро зинда фармо,
Эй самуми қаҳри яздон, ин вазиронро бимирон.
Қ-ин вазирон пеши мо гурганду пеши душманон саг,
Бар аҷониб тоҷбахшонанду аз мо боҷгирон.
Эй вазир, охир гар инсонӣ тариқи мардумӣ пӯ
В-ар мусулмонӣ, бипурс аз ҳолати ихвону ҷайрон.[16]

Дар девони Амирӣ шеърҳое ҳастанд, ки зоҳиран ба мавзуъҳои таърихиву мифологӣ бахшида шудаанд. Вале пай бурдан душвор нест, ки мақсади шоир танҳо баёни қисса набуда, балки бо ин роҳ ифода намудани афкору андеша ва ғояҳои муҳимми замонавист. Масалан, дар маснавии «Хоҳиши симурғ аз Рустам барои паём бурдан ба Баҳманшоҳ», шоир зимнан масъалаҳои гуногунеро ба миён мегузорад, ки барои замони ӯ низ хеле ҳассос буданд. Аз ҷумла бедодиву ситамкории шоҳ нисбат ба халқ мазаммат мешавад:

Раият зи ҷаври ту баста шуданд,
Ҳама ҷуфти тимору андӯҳ шуданд.[17]

Пӯшида нест, ки ин хитоби шоир пеш аз ҳама на ба шоҳони мифологӣ, балки ба шоҳони замонаи шоир равона шудааст. Ё худ аз ин байтҳо вазъи деҳоти харобу валангори замони шоирро мушоҳида кардан мумкин аст:

Деҳу русто ҷумла бойир шудаст,
Раият ғуломи акобир шудаст.
Раҳ аз дузд вайрон, деҳ аз кадхудой,
Зару сим ноёбу деҳқон гадой.[18]

Ширкат дар ҳаёти иҷтимоӣ, фаъолияти пурҷӯшу хурӯши рӯзноманигорӣ доираи назар ва ҷаҳонфаҳмии Амириро вусъат бахшиданд. Қитъаи тӯлоние, ки соли 1910 дар даврони инкилоб суруда шудааст, аз таҳаввулу инкишофи тафаккуру фаҳмиши иҷтимоии Амирӣ гувоҳӣ медиҳад. Шоир бо эҳсоси баланди ватанпарварӣ бо дили пурдард аз вазъи ногуворе, ки ватанаш мубталои он шудааст, таассуф мехӯрад ва дар дили ҳамватанонаш эҳсоси ватандӯстиву муҳо-

---

[16] Ҳамон ҷо, саҳ. 420.
[17] Ҳамон ҷо, саҳ. 658.
[18] Ҳамон ҷо, саҳ. 659.

физати хоки диёр аз душманони аҷнабиву дохилиро бедор кардани мешавад. Бояд гуфт, ки дар шеърҳои давраи аввали эҷодиёти Амирӣ тарғибу ташвиқи дин зиёд мушоҳида мешавад. Шоир дар мавридҳои гуногун аз дину шариат баҳс мекунад, барои тасдиқу таъйиди фикр аз қуръон иқтибосу мисолҳо меорад.

Вале дар қитъаи мазкур на танҳо ташвиқи дин ба назар намерасад, балки ҳатто дар байти аввали он як нишонаи норизоӣ аз дин низ мушоҳида мешавад:

Аз ду чашмам об як сӯ гашта ҷорӣ, хун зи як сӯ,
Дасту поям баста дин аз як тараф, қонун зи як сӯ[19]

Дар ин давра ба Эрон як қатор давлатҳои сармоядорӣ монанди Англия, Франция ва Россия чашми тамаъ дӯхта буданд. Шоир дар байте ба ин ҳолат ишораи нозуке мекунад:

Дӯст аз роҳе ба кини мову душман аз тарикқе
Питер як сӯ дар камини мову Нопилюн зи як сӯ.[20]

Сармоядорони хориҷӣ боигариву сарватҳои кишварро тавассути роҳи оҳане, ки бо кӯшиши худи онҳо сохта шуда буд, мекашониданд:

Ҳар чи дар ҷайби аҷоиз буду дар киси аромил
Роҳ(и) оҳан аз тариқе мебарад вогун зи як сӯ.[21]

Эрон дар он замон бӯҳрони азими сиёсиву иқтисодиро аз сар мегузаронд. Мардум бенавою қашшоқ, мулк харобу валангор шуда, бадбахтиву бесарусомонӣ дар кишвар ҳукмрон гашта буд:

Гирдамон деворе аз бадбахтиву ғафлат кашида
Фақри бепоён зи сӯе, қарзи се мильюн зи як сӯ.[22]

Дар дохили кишвар кашмакашу зиддиятҳои байни партияву гурӯҳҳои сиёсӣ бӯҳрони сиёсиро боз ҳам амиқтар мекард ва боиси сусттар шудани иқтидори давлат ва ба тасарруфи давлатҳои хориҷӣ даромадани бисьёр нуқтаҳои ҳассоси иқтисодиёти он мегардид:

---

[19] Ҳамон ҷо, саҳ. 442.

[20] Ҳамон ҷо, саҳ. 443. Питер — Пётр, шоҳи Россия. Нопилюн — Наполеон, императори Франция.

[21] Амирӣ. Девон, саҳ. 443.

[22] Ҳамон ҷо.

Наварӯси мулкро кобин кунанд аз баҳри хасмон
«Эътидолиюн» зи сӯе, «инқилобиюн» зи як сӯ.[23]

Ба ин тариқ Амирӣ дар як шеър бо ишора бошад ҳам, ба муҳимтарин ва ҳассостарин масъалаҳои ҳаёти иҷтимоии кишвараш дахл кардааст.

Дар шеърҳои Амирӣ танқиди аҳли ҳукмрони давр, соҳибмансабону амалдорон ҷои намоёнро ишғол мекунад. Дар шеъри қитъамонанде шоир воқеаи таърихиеро, ки дар асри XVI дар замони шоҳ Таҳмоспи Сафавӣ рӯй додааст, нақл мекунад ва сипас ба баёни мақсади асосӣ гузашта аз ҳокимони давр шикоят мекунад ва золимиву харобкории ононро нишон медиҳад. Дар қисмати аввали шеър ҳикоят мешавад, ки соли 1574 сафири Португалия барои бастани аҳдномаи дӯстӣ ба назди шоҳи Эрон Таҳмосп меояд ва тӯҳфаҳои зиёде пешкаш месозад. Вале Таҳмосп он тӯҳфаҳоро қабул намекунад ва сафирро ҳамчун намояндаи давлати душмане, ки ба кишвар харобиҳо оварда буд, аз дарбор меронад. Шоир Таҳмоспро ҳамчун ҳимоятгари Ватан ситоиш намуда барои шоҳони давр, ки ихтиёри мамлакатро ба дасти сармоядорони Англияву Русияи подшоҳӣ гузошта буданд, намунаи ибрат медонад:

Кунун зи мурдани Таҳмосп шашсаду чилу анд,
Гузашта сол камобеш зери чархи кабуд.
Ба шарқу ғарби ҷаҳон ин ҳикоят аз таърих,
Қасе нахонд, ки ӯро ба фаррухӣ настуд.
Яке ҳикояти дигар кунун фароз орам,
Ки ҳар ки хонд ба чеҳр аз ду дида хун полуд.
Дар ин ду сол, ки аз ҷавру фитна дар Эрон,
Ҳаво самумфишон гашту об заҳролуд,
Зимоми кишвар дар дасти он касон уфтод,
Ки ҳар чи буд, шуд аз дасти озашон нобуд.
Се-чор кӯдаки ҷилфи ҷавон, ки будандӣ,
Қам аз канизаки аштону наварӯси ғуруд.
Гирифта дасти вазорат, кушуда дасти аду,
Ба хуну сарвату номуси мардумон паи суд.[24]

Шоир бо як ҷасорат бар хилофи раъю манфиати халқ амал кардани шоҳу вазирони Эрон ва ҳамкорони хориҷии онҳоро ошкор намудааст. Ҳокимон барои айшу нишоти худ ҳама имкониятҳоро фароҳам оварда барои халқи заҳматкаш бошад азобу уқубатҳоро пеш меоварданд:

Кушудан дари эшон бубаст боби нишот,
Дари азоби абадро ба рӯи халқ кушуд.

---

[23] Ҳамон ҷо, саҳ. 444.
[24] Ҳамон ҷо, саҳ. 142.

Чу ранги шарм ба рухсори эшон набуд падид,
Нигоҳшон зи дили халқ занги ғам наздуд,
Паи харобии Эрон чунон камар бастанд,
Ки як ба даст намонд аз ҳама фарозу фуруд.[25]

Дар байтҳои охири шеър шоир андешаҳои худро ҷамъбаст намуда, ҳамкориву дӯстии ҳокимони Эрону Россияи подшоҳиро ба дӯстии гургу саги гала монанд мекунад ва ин дӯстиро, ки боиси харобӣ мегардад, маҳкум менамояд.

Вазъи ногувори Эрон дар натиҷаи кашмакашҳои давлатҳои сармоядорӣ дар таркиббанди Амирӣ низ ба тасвир омадааст. Шоир харобу валангор шудани кишвар ва хору низор гаштани мардумро ба қалам дода, сипас аз номи зани гирьён мегӯяд:

Зани дилхаста оғози сухан кард,
Таҳиёти Ҳасан бо Булҳасан кард,
Пас он гаҳ шиква аз даври замон кард,
Ба зорӣ арзи ғамҳои кӯҳан кард.
Бигуфт: Эй шаҳ, ман Озарбойҷонам,
Ки хасм афрӯхт озарҳо ба ҷонам.[26]

Шоир дар ин шеъри тӯлонӣ шаммае аз бадкориҳои душманони дохиливу хориҷии кишварро, ки ҳатто аз хароб кардани ёдгориҳои қадимии таърихӣ, маданӣ ва динӣ рӯй наметофтанд, бо дарду алами зиёд ҳикоят мекунад ва садои эътирози худро нисбат ба бесаруссомониву беадолатиҳо баланд менамояд.

Адибулмамолики Амирӣ муддате дар дарборҳо хидмат карда, бо аҳли ҳукмрони давр, тарзи кору зиндагӣ, ахлоқу аъмоли онҳо хеле хуб шинос шуда буд. Аз ин ҷост, ки танқиди замон дар ашъори Амирӣ пеш аз ҳама бо конкретӣ буданаш фарқ мекунад. Дар як қатор шеърҳои шоир танқиди аҳли ҳукмрони давр, вазирону амалдорони гуногун ҷой дода шудааст. Дар қасидаи кӯтоҳе Амирӣ бевосита аз матлаъ вазирони даврашро сахт танқид мекунад ва онҳоро рӯйрост авбошу дузд меномад:

То дар миёни авбош тақсим шуд вазорат,
Карданд мамлакатро сармояи тиҷорат...
Шуд он хабиси ақтаъ қуттои ризқи мардум,
Кард он палиди аъвар дар корҳо назорат.[27]

Шоир ошкоро таъкид мекунад, ки вазирону амалдорон

---

[25] Ҳамон ҷо.
[26] Ҳамон ҷо, саҳ. 527—528.
[27] Ҳамон ҷо, саҳ. 104.

зоҳиран аз истиқлолу озодӣ сухан меронанд, вале дар амал барои истилогарони аҷнабӣ роҳ кушода ба халқу ватани худ хиёнат мекунанд:

Хонанд мушти ҷуҳҳол «ё марг», «ё истиқлол»,
В-андар забони атфол талқин шуд ин иборат.
Гуфтанд муддаиро, к-аз баҳри бурдани мулк,
Аз мо ба сар давидан аз ту ба як ишорат.
Душман ба хонаи мо нохонда гашт ворид,
Хӯрду дариду чопид бо тундиву ҷасорат.[28]

Дар қасидаи дигар Амирӣ аввал вазири умури дохиларо бидуни тарсу ҳаросе ба зери тозиёнаи танқид мегирад. Шоир на танҳо худи вазир, балки ҳамаи атрофиёну ҳамкорони ӯро чун қаллобу дузд мазаммат менамояд:

Ҳар ки мебинӣ ту бар гирди вазири дохила,
Дастаки дузд асту дар дар зоҳир шарики қофила.[29]

Ба ин минвол аҳли дигар вазоратхонаву мансабдорони муассисаҳои гуногун дучори танқиди шоир мегарданд. Ҳавзаи молияро шоир водии пурхавфе медонад, ки девону гургон дар он ҷой гирифтаанд. Маркази адлия бошад ба ҳаммоми бесақфу бом монанд мешавад. Ба ҳамин тартиб вазирони ҷанг, телеграф, маориф мавриди мазаммат қарор меёбанд. Шоир вазиронро на ободкунандагони кишвар, балки харобкорони мулк медонад:

Ин вазирон карда андар мамлакат коре, ки кард,
Барқ бо хирман, шарар бо пунба, гург андар гала.[30]

Маҷлиси шӯрои миллӣ ҳам асосан аз одамони нолоиқе таркиб ёфта будааст, ки ғами ободии кишвару беҳбудии халқро намехӯранд. Аз ин ҷост, ки Амирӣ аъзоёни маҷлисро ба рӯбаҳу хирс барин ҳайвоноти вахшӣ монанд мекунад:

Маҷлиси шӯрои миллӣ ҷангале шуд, к-андар он,
Рӯбаҳон озоду харгӯшон раҳо, хирсон яла.[31]

Шоир ба хулоса мерасад, ки барои ободии кишвар ва беҳбудии вазъи мардум аз байн рафтани ин тоифа вазирону амалдорон зарур аст:

---

[28] Ҳамон ҷо, саҳ. 105.
[29] Ҳамон ҷо, саҳ. 456.
[30] Ҳамон ҷо.
[31] Ҳамон ҷо, саҳ. 457.

Гар набошанд он вазирон мешавад кӯтаҳ фасод,
В-ар бимиранд ин вакилон мешавад арзон ғал(л)а.[32]

Амирӣ дар қитъае Муҷируссалтана ном амалдореро, ки мудом ба фақирон зулм карда хуниононро мемакад, мазаммат менамояд. Шоир бо як танқиди нешдор ӯро дар дуздиву ғоратгарӣ аз вазири дохила кам намедонад ва ба мушҳои анбор, ки шуғлашон дуздист, монанд мекунад:

Чашми дуздон аз рухи эшон барад
Равшанӣ баъд аз вазири дохила...
Он чи кардаст ӯ ба ман ҳаргиз накард,
Муш дар анбору гург андар гала.[33]

Амирӣ, ки солҳо дар муассисаҳои адлия кор карда буд, беш аз ҳама бо вазъи идораҳои адлия, кору аъмол ва фикру зикри кормандони он идораҳо ошноӣ дошт. Аз ин ҷост, ки ӯ ба таври қатъӣ аҳли идораи олии мушовараи адлияро ҷоҳилу нодон мешуморад:

Фарьёд аз ин мушовара (и) олӣ,
Қ-аз ҷоҳилон пур, аз уқало холӣ.
Шаҳрест, зулму ҷавр дар он қозӣ,
Мулкест, ҷаҳлу ҳамқ дар он волӣ.[34]

Шоир таъкид менамояд, ки дар ин идора касе ғами риояи адлу адолатро намехӯрад. Ҳама барои ба даст овардани мансабу вазифа мубориза мебаранд ва дар ин роҳ ҷадалу талоши қавӣ доранд:

Бозори динфурӯшиву худкомист,
Дукони ғайбгӯиву раммолӣ...
Баҳри вазифа чун магасонастанд,
Гирди тағори даккаи баққолӣ.[35]

Амирӣ аз мушоҳидаи кори идораҳои адлия ба хулосае меояд, ки ин идораҳо ба ҷои ҷорӣ кардани адолат, баръакс боиси ривоҷи зулму харобкорӣ дар мамлакат мегарданд. Зеро ба ин идораҳо аксар одамони нолоиқу нобакор ба кор гуморида мешуданд:

Магзар аз канори адлия,
Ки харобаст кори адлия....

---

[32] Ҳамон ҷо, саҳ. 458.
[33] Ҳамон ҷо, саҳ. 465.
[34] Ҳамон ҷо, саҳ. 489.
[35] Ҳамон ҷо, саҳ. 490.

Ҳар кучо як дане бадгуҳарест,
Мебидон ёри ғори адлия.[36]

Амирӣ дар яке аз қасидаҳои худ тасвири конкретии яке аз муассисаҳои маъруфи адлияи он замон «Сулҳияи балад»-ро анҷом додааст ва ба он «Интиқод аз авзои адлия» ном гузоштааст. Чунон ки аз унвонаш ҳам бармеояд, дар ин қасида идораи мазкур ва кормандони он, ки бештар аз қозиёни риёкору фиребгар иборатанд, мавриди мазамммати сахт қарор гирифтаанд. Дар ин шеър мисли қасидаҳои шоирони пешин тавсифу ташбеҳҳои мутантану рангин зиёд нест. Шоир кӯшиш намудааст, ки ҳақиқатро ба таври объективонаю воқеӣ нишон диҳад. Бинобар ин шоир аз аввал ба тасвири объектҳо пардохта, пеш аз ҳама ҳолати танаффуромези он идораи адлияро ба қалам медиҳад. Дар поёни қасида бошад хислатҳои манфури кормандони «ломазҳабу палиду нобалад», ришвахӯру риёкор тасвир мегардад ва қасида бо чунин байтҳо, ки ифодагари нафрату адовати шоир ба идораи мазкур ва кормандони он мебошад, анҷом меёбад:

Бод аз кирдигор бар ин қозиёни дун,
Дашноми бениҳояту нафрини лояъад.
Тоқу равоқи адлияро барканад сутун,
Он к-ӯ фарошт сақфи саморо било амад.
Хоҳӣ, ки ёбӣ аз ситами қозиён амон,
Худро фикан ба зери пари духтари Аҳад.[37]

Яке аз қитъаҳои Амирӣ ба танқиди сахту ошкорои вазири адлияи замонааш бахшида шудааст. Дар ин шеър шоир ҳатто аз зикри алфози қабеҳу дашномҳои сахт худдорӣ намекунад. Шоир ӯро шахсан ба куллӣ ба вазифа нолоиқ мешуморад ва аз мушоҳидаҳое, ки ҳангоми кор дар он вазоратхона карда буд, ба хулосае меояд, ки на танҳо вазир, балки дигар амалдорону коргузорони он ҷо ҳам риёкору ситамгаранд:

Аз ин гурӯҳи ситамгар дар идораи адл,
Ҳалифи ботилу бо ӯ ба моида аҳлоф.
Тане се-чор паи машварат барангезад,
Диҳад бар эшон дастуре аз нифоқу хилоф.[38]

Ин гурӯҳи ситамкору ҷоҳил мудом одамони донишманд-

---

[36] Ҳамон ҷо, саҳ. 467.
[37] Ҳамон ҷо, саҳ. 145.
Духтари Аҳад — яке аз фоҳишаҳои маъруфи замони шоир.
[38] Амирӣ. Девон, саҳ. 697.

ро азоб медиҳанд ва онҳоро шоир ба сагони тамаъкор монанд мекунад. Шоир ҳамчунин яке аз кирдорҳои ношоистаи ин гурӯҳро, ки дар он давра хеле ривоҷ доштааст, яъне ришвагириро ҳам хеле сахт мазаммат менамояд:

Даруни маҳкама бар нозу ишва афзоянд,
Аз он сипас, ки ситонанд ришва қадри кифоф.[39]

Қитъаи дигари Амирӣ, ки «Дар накӯҳиши вазири адлияи вақт ва ситоиши хеш» ном дорад, низ ба ҳамин мавзӯъ бахшида шудааст. Амирӣ дар ин шеър бо омезиши танқиду ҳаҷву мутояба образи вазиреро офаридааст, ки дорои хислатҳои золимиву авомфиребӣ, бадкирдориву зиштӣ буда, бо мағруриву маккорӣ, бӯҳтонгариву бедодӣ аз ҳамагон фарқ мекунад. Аз ин ҷост, ки шоир хоби ин вазири бадро аз бедориаш авлотар медонад:

...Ки ҳам вазир ба хоб аз нифоқу шар дур аст,
Ҳам аз балои вай осудаанд халқи ҷаҳон.
Чу ӯ ба хоб равад, чашми фитна дар хоб аст,
Зияд замона таносон ба маҳдӣ амну амон.
Туӣ, ки хонаи бедод кардаӣ ободь
Чунон ки аз ситамат боғи дод шуд вайрон.
Зи бас чунину чунон кардаӣ ба халқ бадӣ,
Туро бибояд кардан басе чунину чунон.[40]

Шоир барои аёнӣ шудани матлаб ба мисоли конкретӣ муроҷиат мекунад ва ҷавру зулми нисбат ба худи ӯ содир намудаи вазирро баён месозад:

Маро зи панҷаи ҷаврат зи баъди панҷаҳ сол,
Саро чу хонаи гӯр асту боғ чун зиндон.
Ба кунҷи ғам зи ҷафои ту хун хӯрам гӯӣ,
Ки ман ҷанинаму гетӣ ҳамебувад зиндон.[41]

Маълум мешавад, ки вазир Амириро баъди ду соли интизорӣ ва хидмат дар Нишопуру Симнон ба Совҷабулоғ ном мавзеи хурде фиристодааст.

«Қитъа дар накӯҳиши Амҷадуссултони номӣ, ки дар адлия муованат дошта» аз ҷумлаи пуршӯртарин шеърҳои Амирӣ дар мавзӯъҳои иҷтимоиву сиёсӣ буда бо эҳсоси баланд навишта шудааст. Дар ин шеър мазаммати хислатҳои шахсӣ бо танқиди нуқсонҳои ҷамъиятӣ ба ҳам омадааст. Зеро дар шеър на танҳо хислатҳои ҷудогонаи шахсии Амҷадус-

---

[39] Ҳамон ҷо, саҳ. 697.
[40] Ҳамон ҷо, саҳ. 409.
[41] Ҳамон ҷо, саҳ. 410.

султон, балки фаъолияти ҷамъиятии вай, ки аз ҷумлаи соҳибмансабон буд, ба зери танқид гирифта шудааст. Мазамммати хислатҳои шахсии ӯ ҳам маҳз барои тақвияти ҳамин масъала сурат гирифтааст. Аз худи байти аввали шеър, ки на ба матлаъ, балки аз лиҳози мазмун ба мақтаъ, ки натиҷаи муҳокимаву мулоҳизаҳо мебошад, монандӣ дорад, пафоси танқиди сиёсиву иҷтимоӣ равшан мушоҳида мешавад. Шоир бо оҳанги ҷасуронаву қатъӣ хитоб мекунад:

Беҳ нахоҳад гашт ҳаргиз кори девони адолат,
То ки дорад Амҷадуссултон дар он маснад дахолат.[42]

Аз байти дуюми шеър Амирӣ хислатҳои баду манфури Амҷадуссултонро амсоли ҳарисиву шақоват, ҷоҳиливу фиребгарӣ, золимиву фитнагарӣ, тамаъкориву бедодгарӣ баён намуда, фазоҳату қабоҳати ӯро ошкор месозад:

Амҷадуссултон магӯ, дарьёчаи ҳирсу шақоват,
Амҷадуссултон магӯ, дебочаи кайду ҷаҳолат,
Ҷаҳлро тафсиру унвон, ҳирсро миқьёсу мизон,
Ҷаврро буньёду буньён, зулмро афзору олат.
Маслакаш зулму тариқаш фитнаву расмаш татовул,
Мазҳабаш бедоду оинаш тамаъ, динаш залолат.[43]

Шоир барои пуртаъсир баён кардани танқид санъатҳои тавсифу тарсеъ, ташбеҳу истиора ва образҳои хуби шоиронаро бамаврид истифода кардааст. Ба ин минвол дар байтҳои минбаъда хислатҳои дигари манфури вай мазаммат мешавад. Шоир Амҷадуссултонро аз Заҳҳоқ, ки рамзи золимиву беадолатист, бедодтару ситамгартар мешуморад.

Амирӣ аз мавқеи табақаи меҳнаткаш истода, аз ҳамин дидгоҳ ба ин амалдори золим баҳо медиҳад ва аз нуқтаи назари муносибаташ ба мардум кӣ будани ӯро нишон медиҳад:

Ҳаққи мардумро кунад зоеъ, зиҳӣ маҷду шарофат,
Зулму бедод аст аз ӯ шоеъ, зиҳӣ қадру ҷалолат...
Аз заифон вақти ҳоҷат мол хоҳад бо самоҷат,
Кина тӯзад бо луҷоҷат, ришва гирад бо разолат.[44]

Оҳангу пафоси иҷтимоиву сиёсӣ доштани танқиди шоир дар ин қасида аз он ҳам пайдост, ки бо мисоли Амҷадуссултон барин як нафар шахси бадкору нолоиқ бесомониву бе-

---

[42] Ҳамон ҷо, саҳ. 103.
[43] Ҳамон ҷо.
[44] Ҳамон ҷо, саҳ. 103.

тартибии давлат, ногувории вазъиятро таъкид намудааст. Шоир дар ин шеър нафрату адовати равшанфикрони замонашро ба амалдорон ифода мекунад. Ҳатто оҳангу интонацияи шеър дар ин ду байт ба туфайли истифодаи хитобу нидову такрор ва кӯтоҳ шудани тақтеъҳову тундтар гаштани суръат ҳаяҷону нафрат ва қаҳру ғазаби шоирро равшану возеҳ ифода кардаанд:

Эй бузургон, ин чӣ роҳ аст, ин чӣ расм аст, ин чӣ оин?!
Эй вазирон, ин чӣ шакл аст, ин чӣ вазъ аст, ин чӣ ҳолат?!
Булъаҷаб марде кафили кори девонхона бошад,
Қ-эҷ нашносад раҳу расми кафолат аз сафолат.[45]

Шоир гаштаю баргашта ба таври мукаррар кирдорҳои ношояму хулқи бади Амҷадуссултонро таъкид месозад ва ӯро бадкору бадрафтор ва соҳиби фисқу фуҷур ба қалам медиҳад. Дар охир шоир ба ҷои дуо аз вазир хоҳиш мекунад, ки чунин шахсони хабису бадкирдорро аз вазорат дур намояд:

Эй вазир, аз баҳри яздон бекасонро истиъонат,
В-аз барои ҳақ гурӯҳе хастагонро истимолат.
Ин хабисро з-ин адолатхона боре шустушӯ кун,
Ё таҳорат деҳ мар ӯро з-инқилобу истиҳолат.[46]

Ҳарчанд дар қасида, чунон ки зикр шуд, танқиди шахсӣ бо танқиди иҷтимоиву сиёсӣ омехта аст, вале бо вуҷуди ин дар шеър танқиди шахсӣ ҳамоно ҷои асосиро мегирад ва хулосаи шоир, ки аз вазорат дур кардани ин амалдор аст, ҳанӯз роҳи ҳалли масъала нест. Зеро чунон ки дар шеърҳои дигари худи шоир омадааст, қариб ҳамаи амалдорони давр аз ин қабил буданд.

Дар қасидаи дигари Амирӣ яке аз амалдорони Хуросон Мирзо Садрои Наҷдуссалтана мавриди танқиду мазаммат қарор гирифтааст. Шоир пеш аз ҳама ҷавру ситами ӯро сарзаниш намуда, вайро ба дарранда монанд мекунад:

Дар Хуросон Мирзо Садрои Наҷдуссалтана,
Карда бедодӣ, ки андар галла гурги гурусна,
Гар Хуросон ҷон барад аз дасти Русу Инглис,
Ҷон нахоҳад бурд аз бедоди Наҷдуссалтана.[47]

Дар қасида, ки унвони «Накӯҳиш»-ро дорад, зулму си-

---

45 Ҳамон ҷо, саҳ. 103.
46 Ҳамон ҷо, саҳ. 104.
47 Ҳамон ҷо, саҳ. 454.

тами Наҷдуссалтана ба мардуми бенаво, ғоратгариву торочгарии ӯ бо ситонидани боҷу андозҳои гарону пешакӣ фош шудааст. Дар баробари ин майпарастиву ишратбозии ӯ мавриди мазаммат қарор гирифтааст.

Ба ин минвол дар як қатор шеърҳои Амирӣ танқиди ҳокимону амалдорон, вазирону соҳибмансабони дигар ба таври воқеиву конкретӣ анҷом дода шудааст. Чунон ки мисолҳои зикршуда ҳам гувоҳӣ медиҳанд, шоир дар баробари нишон додани хислатҳои зишти ҳокимону амалдорон пеш аз ҳама ба зулму ситамкории онҳо ба мардуми меҳнаткаш таваҷҷӯҳ зоҳир намудааст. Аз ин ҷост, ки дар назари аввал ҳарчанд танқиди шоир ҷанбаи шахсӣ дорад, вале дар асл ҷанбаи шахсӣ бо ҷанбаи иҷтимоӣ омехта ва алоқаманд буда, назари шоирро ба ҳаёти иҷтимоиву сиёсии давр равшан менамояд. Ба иборати дигар дар танқиди нуқсонҳои иҷтимоӣ шоир аз роҳи ҷузъ ба кулл рафтааст. Бинобар ин танқидҳои умумӣ дар ашъори Амирӣ хеле кам буда, танқид аксаран ба таври конкретиву фардӣ сурат гирифтааст.

Барои мисол боз як шеъри дигари шоирро аз назар мегузаронем ки «Достони кашфи Абулқосими танбӯрии Бағдодӣ» ном дошта, зоҳиран ба ҳаҷви фарди ҷудогонае шабоҳат дорад. Шоир дар ин маснавӣ ҳикояти шавқоваре меорад, ки чӣ тавр Абулқосими Танбӯрӣ аз кафши кӯҳнаи пурдарбехаш, ки «вазни ҳар як ба назар харворе» буд, ранҷ мекашад. Ӯ мехост ҳар чӣ зудтар аз кафши кӯҳнааш, ки мавриди мазоҳу масхара гашта буд, халос шавад. Бо ин мақсад вай кафшашро аввал дар ҳаммом мегузорад, сипас ба дарьё мепартояд, баъд ба замин гӯрониданӣ мешавад, боре ба мабраз ҳам мепартояд. Вале ҳар дафъа ин кафш ба ӯ як бадбахтие пеш меорад ва соҳибашро ба зиндон мебарад. Ниҳоят тоқати Абулқосим тоқ мешавад ва бо кафш чӣ кор карданашро надониста ба назди қозӣ меравад ва «афсонаи кафшу ғами даҳрро» ба ӯ нақл мекунад. Абулқосим аз қозӣ хоҳиш менамояд, ки номае навишта тасдиқ кунад, ки ин кафш дигар моли ӯ нест ва масъулияти соҳибии онро дигар ба ӯҳда намегирад. Қозӣ табассуме мекунаду амр медиҳад, ки кафшро ба оташи танӯр андозанд.

Дар чанд байти охири маснавӣ шоир мақсади худро аз нақли афсона қайд намуда менависад, ки дар замони ӯ Эрон ҳам мисли Абулқосим аст ва кафши ӯ яке аз амалдорони маъруфи кишвар аст, ки дар девон ба ҷои номи вай чанд нуқта гузошта шудааст. Ин шахси амалдор ҳам монанди кафши Абулқосим ба ҳар ҷое қадам гузорад, бадбахтиву харобие пеш меорад. Шоир таъкид мекунад, ки ҳама аз ин

шахс безоранд, вале мутаассифона, қозие нест, ки довари кунаду мардумро аз чунин шахси зараровар халос намояд:

Мо аз ин кафш ба дил безорем,
Лек ҳар дам ғаме аз нав дорем.
Қозие ку, ки ало насбуилайн,
Ҳукми тафриқ диҳад фӣ мобайн.[48]

Ин танқиди шоир бешубҳа ба аҳли ҳукмрони давр, ки боиси бадбахтии мардум ва харобии кишвар гашта буданд, равона шудааст.

Танқиди сахти хислатҳои зишти амалдорон ва умуман табақаи ҳукмрони давр дар зимни шеърҳои гуногуни Амирӣ дар байтҳои ҷудогона ба тариқи ишора ҳам ба назар мерасад. Аз ҷумла шоир зарпарастиву ҳарисии ин тоифаро мазаммат мекунад:

Ин мардумон, ки бинӣ як мушт зарпарастанд,
Берун зи зарпарастон як мушт харпарастанд.[49]

Хулоса, шоир аҳли табақаи ҳукмронро аз мавқеи табақаи меҳнаткаш истода сахт маҳкум мекунад ва ононро дар зарарраcонӣ ба мори афъӣ монанд мекунад:

Мардумозоранд ҳамчун афъиву каждум зи ҷаҳл,
Ман наёзорам тане чун афъиву каждум наям.[50]

Муҳимтарин ҳодисае, ки дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии замони Амирӣ ба вуқӯъ омад, инқилоби солҳои 1905—1911 буд, ки дар таърих бо номи инқилоби машрута маъруф аст. Амирӣ инқилобро на танҳо бо хайрхоҳӣ тарафдорӣ мекард, балки аз иштирокчиёни фаъоли он буд. Ӯ аз як тараф бо фаъолияти пурдоманаи рӯзноманигорӣ ба пешрафти инқилобу инъикоси рӯйдодҳои он мусоидат мекард, аз тарафи дигар дар ашъораш инқилобро васф намуда, мардумро барои ҳамкориву иштирок тарғибу ташвиқ менамуд. Аз ин ҷост, ки дар зимни шеърҳои шоир ишораҳои зиёдеро ба васфи инқилоб мушоҳида кардан мумкин аст. Ҳамчунин як идда шеърҳои шоир бевосита ба мавзӯи инқилоб ва тавсифи он бахшида шудааст.

Амирӣ дар яке аз сурудҳояш ошкоро худро машрутапараст эълон мекунад:

---

48 Ҳамон ҷо, саҳ. 602.
49 Ҳамон ҷо, саҳ. 524.
50 Ҳамон ҷо, саҳ. 363.

Аз ишқи ту мастам ман в-аз ғайри ту растам ман,
Машрутапарастам ман, қалбам ба ту мафтун шуд,
Овах, дареғо дареғ, шуд моҳи мо зери меғ.[51]

Дар солҳои инқилоб дар натиҷаи муборизаву исьёнҳои пуршӯр хунҳои зиёди мардуми бегуноҳ рехта шуд. Амирӣ дар яке аз мусамматҳояш пас аз нӯҳ соли муборизаҳои шадид фаро расидани машрутаро бо хушҳоливу фараҳмандӣ тасвир менамояд:

Соли нӯҳӯмин аст, ки ин миллати бедор,
Бо хуни худ омад ба ҳаққи хеш харидор.
Шуд нури адолат зи паси парда падидор,
Пӯшид ба тан хилъати нав сарву сапедор.
Зад шоҳиди машрута сало аз паи дидор,
То дар қадамаш ҷони гиромӣ бисупоранд.[52]

Амирӣ машрутаро, ки дар воқеъ дар таърихи кишвар қадаме ба пеш буд ва дар низоми сиёсиву иҷтимоӣ таҳаввуле ба вуҷуд овард, ҳамчун барҳамзанандаи ҷавру зулм, барқароркунандаи адлу адолат васф менамояд:

Овард дабири фалакӣ лавҳу қаламро,
Бистурд зи девони қазо номи ситамро,
Зад подшаҳи дод бар афлок аламро,
Биншонд ба маҳд андар маъшуқаи Ҷамро.[53]

Ҳавохоҳони машрута ва онҳое, ки барои он мубориза мебурданд, дар Эрон сол аз сол зиёд мешуданд ва тамоми кишварро ҷунбиши машрутахоҳӣ фаро гирифта буд. Аз ин ҷост, ки шоир машрутаро ба арӯсе, ки ҳамаро ба худ ҷалб ва мафтун мекунад, монанд менамояд:

Машрута арӯсест, ки гар чеҳра напӯшад,
Ҳар дида мар ӯро паи дидор бикӯшад.
Масте, ки аз ин даст яке ҷуръа бинӯшад,
Дину хираду ҳуш ба соқӣ бифурӯшад.[54]

Ташкил шудани Маҷлиси шӯрои миллӣ, ки яке аз дастовардҳои инқилоби солҳои 1905—1911 Эрон ба шумор мерафт, ҳамаи озодихоҳону ватанпарастони кишварро шод кард. Амирӣ низ хабари боз шудани маҷлиси миллиро, ки дер гоҳ интизораш буд, бо як ҷаҳон орзуву уммед ва фа-

---

[51] Ҳамон ҷо, саҳ. 684.
[52] Ҳамон ҷо, саҳ. 538.
[53] Ҳамон ҷо.
[54] Ҳамон ҷо.

раҳмандӣ истиқбол намуд. «Суруди шодӣ», ки ба оҳанги таронаҳои халқӣ суруда шудааст, саросар моломоли эҳсоси фараҳангези шоир аст:

Дар тараб оед меҳон, маҷлиси миллӣ шуда боз,
Сина синои ҷаҳон Тӯри таҷаллӣ шуда боз.
Биёед, биёед, ки андӯҳ сипарӣ шуд,
Сафи боғу сафи роғ пур аз ҳуру парӣ шуд.

Ё раб, ин маҷлиси мо хуб шавад,
Шаҳ ба чашми ҳама маҳбуб шавад.[55]

Шоир аз он хушҳол аст, ки зулму ҷаври сарватмандону шайхони риёкор аз байн меравад ва адлу адолат, қонуну инсоф ҳукмраво хоҳад шуд:

Зулм дарафканда сипар адл қавипанҷа шуда,
Шайх хӯрад хуни ҷигар, деви дағал ранҷа шуда,
Бигӯед, бигӯед, худо чора намоёд,
Дили душмани бадхоҳ худо пора намоёд.

Шайхро ҳақ зи замин бардорад,
Ҷои ӯ лола ба бӯстон корад.[56]

Ба ин тариқ Амирӣ маҷлиси миллиро чун муассисаи муқаддасу олӣ хеле ситоиш карда, онро «Қаъбаи адлу равзаи фахр», «саҷдагоҳи мулук» ва қонунҳои онро «аҳсанулқавоид» меномад.

Бинобар ин ҳодисаи бомбаборон шудани биноӣ Маҷлис нафрату адовати озодихоҳони кишвар ва аз ҷумла Амириро нисбат ба бесарусомонии давлат ва таҷовузи давлатҳои аҷнабӣ бештар кард. Ин эҳсоси нафратомези шоир дар «Суруди ғам» ном шеъри ӯ равшан ифода ёфтааст. Шоир аз хароб шудани чунин шоҳкории меъморӣ низ афсӯс хӯрда хитоб мекунад:

Эй кохи Баҳористон, сақфат зи чӣ ворун шуд?
Эй рашки нигористон, хокат зи чӣ пурхун шуд?[57]

Чунон ки дидем, Амирӣ инқилоби машрутаро бо хушӣ истиқбол кард. Вале ин инқилоб ҳарчанд дар аввал ба баъзе дастовардҳо ноил шуд, бо вуҷуди ин ба ҳадафи аслӣ нарасид ва дигаргунии кулливу азимеро дар ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ ба амал наоварданд. Ниҳоят охирҳои соли 1911 бо кӯ-

---

[55] Ҳамон ҷо, саҳ. 685.
[56] Ҳамон ҷо.
[57] Ҳамон ҷо, саҳ. 683.

шишу таҷовузкориҳои давлатҳои Англияву Россияи шоҳӣ ва иртиҷоъпарастони дохилӣ ҷунбишҳои демократӣ дар Эрон шикаст хӯрданд ва инқилоби машрута ҳам мағлуб шуд. Ин боиси рӯҳафтодагии ватандӯстони эронӣ гардид, ки Амирӣ ҳам аз он зумра буд. Тарҷеъбанде, ки таҳти унвони «Дар накӯҳиши машрутахоҳони дурӯғӣ ва зимомдорон пас аз бомбордумони равоқи мутаҳари имоми ҳаштум» дар девони Амирӣ мавҷуд аст, рӯҳияи шоирро дар ҳамон давра ифода менамояд. Шоир аз сатрҳои аввали шеър бо қаҳру ғазаб ва нафрати беандоза машрутаро, ки қаблан ба таври муболиғаомез ситоиш мекард, ёд мекунад ва акнун онро манҳуси халқ мешуморад:

Ин чӣ машрутаи манҳусе буд,
Ки дари ранҷ бар ин халқ кушуд.[58]

Азбаски инқилоби машрута натиҷаҳои дилхоҳро надод ва хуни бисьёр мардуми бегуноҳ беҳуда рехта шуд, шоир онро гандумнамои ҷавфурӯш медонад. Шоир таъкид мекунад, ки аз инқилоб танҳо вазирон фоида ба даст оварда бо хиёнатгариву чоплусӣ ба аҷнабиён соҳиби молу мулк гаштанд ва сарвати худро афзун намуданд:

Ҷуз вазирони хиёнатгари разил,
Қас набурдаст аз ин савдо суд.[59]

Шоир натиҷаи нохуши инқилобро гӯшрас менамояд:

Зулму аҷҳофу ситам ёфт ривоҷ,
Адлу инсофу карам шуд нобуд.[60]

Шоир ҳар банди тарҷеъбандро бо ин байти восила, ки айбномаи сахтест ба машрута, ба поён мерасонад:

Дида дар хуни ҷигар зад ғута,
Бод лаънат ба чунин машрута.[61]

Дар банди дуюми тарҷеъбанд нафрату адовати шоир боз ҳам бештар ифода ёфтааст. Аз ин банд эҳсоси норизоии шоир аз натиҷаҳои номатлуби машрута равшан ифода ёфтааст:

---

[58] Ҳамон ҷо, саҳ. 548.
[59] Ҳамон ҷо.
[60] Ҳамон ҷо.
[61] Ҳамон ҷо, саҳ. 458.

Номи ин ғул зи гетӣ гум бод,
Барзада шоху бурида дум бод.
Расми ин ҷавр, ки номаш шуд «адл»
Ҳамчу оини муҳаббат гум бод...[62]

Дуои нафриномези шоир ҳамчунин ба вазирону амалдорон, ки барои ба даст овардани фоида аз ҳеҷ хиёнат рӯй намегардонданд, равона шудааст:

Доману ҷайби вазирони данӣ,
Пора чун хику тиҳӣ чун хум бод.[63]

Банди сеюми тарҷеъбанд, чунон ки аз радифи он ҳам бармеояд, ҳолати пас аз инқилобро нишон медиҳад. Чунон ки шоир таъкид мекунад, аз инқилобу шикасти он боз ҳамон фурӯмоягону бефарҳангон, пасттабъону дунҳиматон соҳиби ному иззат, молу сарват, мансабу давлат шуданд ва мардуми ранҷбар, ки тамоми душвориву азияти инқилоб бар дӯши онон буд, боз дучори зулму азоб гаштанд:

Роздорон ҳама ғаммоз шуданд,
Хоинон дар ҳарами роз шуданд...
Пасттабъони фурӯмояи дун,
Бар ҳама халқ сарафроз шуданд.
Асасон бо сафи duздон дар шаҳр,
Ҳамраҳу ҳамдаму ҳамроз шуданд.[64]

Шоир қайд мекунад, ки дар натиҷаи қаҳтиву гуруснагие, ки дар кишвар ҳукмрон шуда буд, иддае аз фуқаро дар ҷустуҷӯи ризқу рӯзӣ ба кишварҳои дигар аз қабили Закавказьеву Осиёи Миёна рафтанд:

Фуқаро тарки ватан карда зи ҷуъ,
Ба Бухорову ба Қафқоз шуданд.[65]

Сипас шоир барои нишон додани вазъи тоқатфарсои мардум лаҳзаи конкретиеро ба қалам медиҳад, ки чӣ тавр гурӯҳе мардуми беҳолу гурусна ба назди дӯкони нонфурӯшӣ ҷамъ шуда аз сабаби набудани нон боз беҳолу бемадор ба манзил бармегарданд:

Дӯш ҷамъе паи нон ҷон дар каф,
Бар дари даккаи хаббоз шуданд.

---

[62] Ҳамон ҷо.
[63] Ҳамон ҷо, саҳ. 459.
[64] Ҳамон ҷо, саҳ. 549.
[65] Ҳамон ҷо.

Нон надиданду зи ҷон омада сер,
Гурсна сӯи саро боз шуданд.[66]

Банди чорҳум натиҷаҳои фалокатбори қонунҳои дар он замон тасвиршударо нишон медиҳад. Шоир авомфиребонаву риёкорона будани он қонунҳо ва дар асл тағьир наёфтани низоми мамлакатро ошкор менамояд. Аз ин ҷост, ки мардум ба машрута боварӣ надорад:

Айби машрута ба мо маълум аст,
Номи машрута дар Эрон шум аст.[67]

Дар банди дигар гурӯҳи ба зоҳир машрутахоҳ, ки таҳти ин ниқоб риёкориву хоиниҳо мекард, ҳадафи танқид қарор гирифтааст:

Оҳ, аз ин фирқаи машрутаталаб,
Уф, бар ин мардуми беному насаб.
Номи машрута аз эшон шуда зишт,
Ҷони халқ омада аз ғусса ба лаб.[68]

Ба ин минвол дар бандҳои баъдинаи тарҷеъбанд ҳолати Эрон баъди шикасти инқилоб, ба вазъи ногувортар афтодани кишваре, ки дорои таърихи гузаштаи пурифтихор ва шӯҳрати оламгир буд, ба қалам дода шудааст:

Тахти Ҷам, афсари Ковус намонд,
Шарафу ибрату номус намонд.
Давлату лашкару кишвар ҳама рафт,
Чарту таблу ҷарасу кӯс намонд...
Вузароро ҳама зар гашт насиб,
Баҳри мо баҳра ҷуз афсӯс намонд.[69]

Шоир дар ин тарҷеъбанд оқибатҳои ногувори шикасти инқилобро нишон дода, моҳияти инқилобро аз нуқтаи назари мардум арзёбӣ кардааст ва натиҷаҳои номатлуби онро таъкид намудааст. Дар воқеъ ин тарҷеъбанди шоир ҳукмномаи қатъии Амирӣ ба вазирону амалдорони давр, ки боиси ба ин ҳолати ногувор афтодани кишвар гаштаанд, мебошад. Хулосаи шоир ҳам хеле қатъӣ садо медиҳад:

Ин на машрута, ки истибдод аст,
Шӯълаи мазрааи эҷод аст.[70]

---

[66] Ҳамон ҷо.
[67] Ҳамон ҷо.
[68] Ҳамон ҷо.
[69] Ҳамон ҷо, саҳ. 551.
[70] Ҳамон ҷо, саҳ. 552.

Бадбинии Амирӣ нисбат ба машрута бесабаб набуд. Шоир медид, ки дар маҷлиси миллӣ, ки бояд намояндагони мардумро дар бар гирад, хоинону фиребгарон бо ҳар роҳ ҷамъ шудаанд ва аз ҳоли мардум парвое надоранд. Шоир дар рубоие, ки ба мазаммати Ҳоҷӣ Хусравхон бахшида шудааст, ба таври конкретӣ яке аз ҳодисаҳои маъмули даврашро сахт танқид кардааст. Дар интихоби вакилон ба маҷлис риёкориву фиребгарӣ ба дараҷаи баланд расида буд. Шоир бо як нафрату адоват довталабонеро, ки бо ҳар василаи нопок мехостанд вакили маҷлис шаванд, ба зери тозиёнаи танқид мегирад:

Имрӯз ҳар он ки ҷомааш бошад нав,
Аз баҳри ваколат бувад андар такудав.
Ё лилаҷаб одамӣ чӣ хоҳад шуд, чун,
Ҳар бо адади вакил бошад хусрав.[71]

Зимнан чун сухан аз андешаҳои иҷтимоиву сиёсии Амирӣ рафт, аз назар гузаронидани масъалаи ҷаҳонбинии шоир ва назари ӯ ба сохти ҷамъиятӣ, дину оин, тарзи идораи мамлакат низ аз аҳамият холӣ нест. Дар омӯзиши ин масъала, албатта, пеш аз ҳама публицистикаи Амирӣ асноди фаровон медиҳад, ки мутаассифона, бо сабаби ҳанӯз ҷамъоварӣ нашудани мақолаву китобномаҳои шоир, ки дар рӯзномаву маҷаллаҳои он давра дарҷ ёфта буданд ва дастрас набудани он рӯзномаву маҷаллаҳо мо тадқиқи ин масъаларо дар публицистикаи шоир мавқуф мегузорем. Бояд гуфт, ки барои таҳқиқи ин масъала ашъори шоир ҳам метавонад чун сарчашмае мавриди истифода қарор гирад. Амирӣ дар зимни шеърҳои гуногунаш андешаву нуқтаи назарҳои худро ба масъалаҳои умдаи иҷтимоиву сиёсии давр баён намудааст.

Дар ин бобат яке аз таркиббандҳои шоир ҷолиби диққат аст. Зеро он дар давраи авҷи инқилоби машрута навишта шуда, аз як тараф ҳодисаҳои муҳимми иҷтимоиву сиёсии он солҳои пурошӯб ва аз тарафи дигар андешаву афкори сиёсиву иҷтимоии ӯро инъикос менамояд.

Шоир дар ибтидои таркиббанд қайд менамояд, ки дар умури мамлакатдорӣ ду роҳ мавҷуд аст, ки яке ашрофпарастӣ, дигар демократӣ мебошад. Вале, — мегӯяд шоир, дар Эрон ду тариқи дигар аз замонҳои қадим маълум аст, ки дар асоси ҳар дуи онҳо шоҳпарастӣ меистад. Аз ин рӯ шоир фикри шоҳпарастиро таъкид намуда мамлакатро бидуни шоҳ тасаввур намекунад:

[71] Ҳамон ҷо, саҳ. 442.

Сарзамине, ки дар он шоҳ набошад, хор аст,
Осмоне, ки дар он моҳ набошад, тор аст.[72]

Ба назари шоир шоҳ бояд файласуфу донишманд ва сиёсатмадору одил бошад.

Қ-ин шаҳаншоҳ сазовори парастидани мост,
Шоҳи одилро гар мо бипарастем, равост.[73]

Аз ин шеър маҳдудияти афкори шоирро пай бурдан душвор нест. Шоир ба вазъияти мураккаби давр, рӯйдодҳои муҳимми сиёсӣ амиқ сарфаҳм нарафта буд ва эҳтимол меравад, ки зиддиятҳои гурӯҳҳои гуногуни сиёсии давр, бесуботии машрутахоҳону номуназзамии инқилобу роҳбарияти шоиста надоштани он ва бесарусомонии давр, ки дар бисьёр шеърҳои шоир аз инҳо шикоят шудааст, ӯро ба сӯи шоҳпарастӣ бурда бошад.

Сабаби дигари ба шоҳпарастӣ майл доштани Амирӣ аксар вақт ба дарборҳо робитаи қавӣ доштани ӯ ва аз лиҳози моддиву маишӣ таъмин шуданаш аз он ҷо буд. Инро на танҳо қасидаҳои мадҳии ӯ, ки дар ситоиши шоҳони гуногун суруда шудаанд, балки шеърҳои дигари ӯ ҳам ба субут мерасонанд. Масалан, дар маснавие, ки ҳамчун дебочаи соли саввуми маҷаллаи «Адаб» 19 октябри 1903 дарҷ шудааст, шоир робитаи қавӣ доштанашро ба дарбор таъкид намуда, ошкоро аз шоҳ мадади моливу пулӣ дархост менамояд ва зимнан садоқати худро ба шоҳу сиёсати ӯ ифода менамояд:

Ду сол аст, к-ин банда дар хоки ту,
Занад бӯса бар турбати поки ту...
Кунун соли саввум фароз омадаст,
Ки бар даргаҳат бо ниёз омадаст...
Ту бобалмуродиву каҳфарриҷо,
Ман овардаам бар дарат илтиҷо...
Дар ин каъба зинҳорҷӯй омадам,
Пайи сабза бар тарфи ҷӯй омадам...[74]

Ҳатто дар зимни маснавие, ки соли 1913 навишта шудааст ва шоир ҳодисаҳои пурошӯби давраи инқилобро аз сар гузаронида сабақҳои онро аз худ карда буд, ошкоро шоҳпарастии худро баён мекунад ва ҳамоно кишварро ва ободии мулкро бе шоҳ тасаввур намекунад:

---

[72] Ҳамон ҷо, саҳ. 519.
[73] Ҳамон ҷо, саҳ. 520.
[74] Ҳамон ҷо, саҳ. 610—611.

Мо машриқиён маликпарастем,
Дар домани шаҳ фиканда дастем.
Хоки раҳи шоҳи додхоҳем,
Фармонбару ҳақгузори шоҳем...
**Тор аст шабе, ки маҳ надорад,**
Хор аст касе, ки шаҳ надорад.[75]

Дар қасидаи пуршӯре, ки ба мазаммату танқиди Муҳаммад Алӣ Мирзо барои куштори машрутахоҳон дар боғи «Шоҳ»-и Теҳрон бахшида шудааст, шоир ҳарчанд ӯро сахт ба зери тозиёнаи танқид мегирад, бо вуҷуди ин маълум мешавад, ки шоир ҳамоно ба шоҳон эътимод дорад ва аз ин ҷост, ки шоҳи махлӯъро сифла номида шоистаи шоҳӣ намедонад:

Ту сифла кай ба мақоми шаҳон расӣ ҳошо,
Куҷо сабқ барад аз аспи бодпо хари ланг.[76]

Ҳамин тавр аз мутолиаи ашъори Амирӣ бармеояд, ки ӯ дар масъалаи умури мамлакатдорӣ аз пешгузаштагони худ дур нарафтааст ва ҳамон андешаи шоҳи одилро, ки дар таърихи афкори иҷтимоии халқҳои Шарқ аз асри X то асри XVIII ҳукмрон буд, такрор намудааст.

Тарғиби андешаи шоҳи одил дар бисьёр шеърҳои Амирӣ ифода ёфтааст. Дар қитъае шоир ба шоҳ хитоб намуда, ӯро ба адлу адолат даъват мекунад:

Подшаҳо, пеш гир роҳи адолат,
З-он ки шаҳонрост беҳтарин хасоил.[77]

Дар қасидаи мадҳие шоир аз забони худи шоҳ хислатҳои ҳамидаеро, ки бояд шоҳон соҳиби онҳо бошанд, аз қабили адолатпарвариву раиятдӯстӣ баён мекунад:

Нигошт нома, ки ман нестам чу он маликон,
Ки аз раият ришват ситонду моя рабуд...
Маро худои таъоло барои доду диҳиш,
Фарошт рояти давлат бар осмони кабуд...
Нахоҳам аз зуафо кору аз фақирон мол,
Нагирам аз ғурабо боҷу аз гадоён суд...[78]

Ба ин минвол Амирӣ ҳарчанд дар замони таҳаввулоти

---

[75] Ҳамон ҷо, саҳ. 614.
[76] Ҳамон ҷо, саҳ. 321.
[77] Ҳамон ҷо, саҳ. 348.
[78] Ҳамон ҷо, саҳ. 136—137.

иҷтимоиву сиёсӣ дар олам зиндагӣ мекард ва ба туфайли донистани забонҳои хориҷӣ аз вазъи олам ва рӯйдодҳои муҳимми давр огоҳ буд, аз доираи назари шоҳпарастӣ берун баромада натавонист.

Масъалаи дигаре, ки ба ҷаҳонбинии Амирӣ ва андешаҳои иҷтимоиву сиёсии ӯ марбут аст, муносибати шоир ба дин ва диндорон мебошад.

Оҳангҳои динӣ, ишора ба ривоятҳои гуногуни диниву мазҳабӣ, ному аъмоли пайғамбарону имомон, иқтибосу ишора ба оёту сураҳои Қуръон ва амсоли инҳо дар ашъори Амирӣ хеле фаровон аст. Махсусан, дар ашъори давраи аввали эҷодиёти шоир тарғибу ташвиқи дину диндорӣ бештар ба назар мерасад. Шоир ҳатто барои ба даст овардани саодат на илму дониш, балки динро воситаи асосӣ медонад:

> Мо за дари дин ҷӯем иксирӣ саодатро,
> Н-аз дониши афранҷӣ в-аз ҳикмати юнонӣ.[79]

Шоир роҳи наҷотро аз вазъи ногувори айём дар паноҳи дин меҷӯяд:

> Ғамин мабош зи авзои рӯзгору бибар,
> Паноҳ бар дари солори дину каҳфи имам.[80]

Чунин ишораҳо дар ашъори Амирӣ, махсусан, дар шеърҳое, ки дар давраи аввали эҷодиёташ навишта шудаанд, хеле зиёд буда, ба дину диндорӣ эътимод доштани ӯро нишон медиҳанд.

Вале бо мурури айём дар назари Амирӣ ба дину диндорӣ таҳаввуле ба вуҷуд меояд ва чунон ки қаблан ишора шуд, ӯ дар давраи пурошӯби инқилоб ҳатто динро зараррасону халаловар шуморида буд. Дар ашъори Амирӣ гоҳо мазаммату танқиди шайхони риёкору зоҳидони тамаъкор низ мушоҳида мешавад.

Дар қитъае Амирӣ фиребгариву риёкории зоҳидони хирқапӯшро мавриди мазаммат қарор медиҳад. Ин матлабро шоир тавассути ҳикояте баён кардааст. Дар аввали қитъа ҳикояти «Сору тала» оварда мешавад. Соре дар доманаи кӯҳсор барои пайдо кардани донае сайр менамуд. Ногоҳ талаи кужпуштро мебинад ва аз вай сабаби хам шудани қомату лоғариашро суол мекунад. Дар ҷавоб тала мегӯяд,

---

[79] Ҳамон ҷо, саҳ. 488.
[80] Ҳамон ҷо, саҳ. 361.

ки аз азобу машаққат ба ин ҳол афтодааст. Ниҳоят баъди чанд суолу ҷавоб сор мепурсад, ки дар кафи тала дона аз баҳри чист. Тала дар ҷавоб мегӯяд:

Гуфто: «Зи барои мустаҳаққест,
То садқа диҳам бар ӯ ҳамедун».[81]

Сор ба ӯ бахшидани донаро хоҳиш мекунад. Сор донаро ғирифтанӣ шуда асири тала мегардад. Пас аз нақли ҳикоят шоир қитъаро ҷамъбаст намуда мулоҳизаҳояшро доир ба фиребгарии зоҳидон баён мекунад:

Ин аст сазои он ки гардид,
Бар зоҳиди хирқапӯш мафтун.
Ин аст ҷазои он ки дил баст,
Бар зӯҳди мароиёни малъун.
Эй аҳли замона панд гиред,
Аз ҳоли фигори ин ҷигархун.[82]

Дар ҳикояти дигаре, ки дар яке аз қасидаҳои Амирӣ нақл шудааст, ҳарисиву мардумфиребӣ, хасисиву дурӯягии шайхону қозиён нишон дода мешавад. Дар ин ҳикоят ҳамчунин дуздиву мансабпарастии ин тоифа зимомдорони дин мазаммат мегардад:

Қай ояд аз хиёнат ҷуз нанги дузди шоҳир,
Қай зояд аз зарореҳ ҷуз сӯзиши масона.
Ё маснади раёсат ё дастгоҳи сирқат,
Бардоштан ба як даст натвон ду ҳиндувона.[83]

Шоир шайхони риёкорро, ки бо ҳар роҳу васила мансабро соҳиб шуда, аз тороҷи молу мулки мардум парҳез намекарданд, сахт мазаммат мекунад:

Шайхе, ки бар вазифа чун саг давон ба ҷифа,
Мекард аз қатиба пироҳан истиорат.[84]

Дар баъзе шеърҳои Амирӣ муносибати нохуш ба рамазон барин оинҳои динӣ ба назар мерасад. Вале бояд гуфт, ки дар ин масъала ҳам Амирӣ анъанаи гузаштагонро такрор кардааст ва ин қабил тасвирҳои ӯ ба дараҷаи тасвирҳои дилангез ва андешаҳои ҳаётдӯстонаи шоирони маъруфи асри

---

[81] …мон ҷо, саҳ. 416.
[82] …он ҷо, саҳ. 417.
[83] … ҷо, саҳ. 464.
[84] … ҷо, саҳ. 104.

XI Фаррухии Систонӣ, Манучеҳрии Домғонӣ ва Унсурии Балхӣ намерасанд.

Девони Амирӣ барои омӯхтани на танҳо олами андешаҳои худи шоир, балки барои баррасии афкори иҷтимоиву сиёсии давра ва рӯйдодҳову ҷараёнҳои гуногуни сиёсиву иҷтимоӣ, мазҳабу оин, анҷуману ҳизб ва гурӯҳҳои мухталиф низ асноди фаровоне дорад. Шоир иттилоотy дониши васеи худро аз он рӯйдодҳо дар шеърҳои гуногунаш ифода намудааст. Аз ҷумла дар девони шоир маснавие мавҷуд аст, ки ба анҷумани фаромӯшхона ё худ фаромосан бахшида шудааст.

Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки анҷумани фаромӯшхона, моҳият ва вазифаю фаъолияти он дар эроншиносии советӣ ҳанӯз омӯхта нашудааст. Дар Эрон ҳам то солҳои охир ин масъала омӯхта нашуда буд. Чанд сол қабл аз ин тадқиқоти муфассали таърихшиноси эронӣ Исмоил Роин ба табъ расид, ки дар он масъалаи пайдоиш, ташаккул ва фаъолияти ҷараёни мазкур дар Эрон ба таври муфассал тадқиқ шудааст.[85]

Ҳоло аз баёни батафсили ин масъала худдорӣ намуда, ба таври мухтасар ҳаминро бояд гуфт, ки анҷумани фаромӯшхона бо кӯшиши яке аз равшанфикрони маъруфи асри XIX Малкумхон соли 1274/1857 дар пайравии анҷумани фаромосани Франция таъсис гардид. Ин анҷуман равшанфикрони озодихоҳи Теҳронро ҷамъ намуда, шиори аслии он «ислоҳи башарият умуман ва миллати Эрон хусусан» буд.[86] Аъзоёни ин маҳфил, ки «Ҷомеаи одамият» низ ном дошт, бо тарзу усулҳои европоии мамлакатдорӣ шиносо шуда ҷорӣ кардани машрутаро дар Эрон иддао менамуданд. Пас аз чор сол анҷумани мазкур пароканда карда шуд. Вале тарафдорону ҳавохоҳони анҷуман дар Эрон хеле зиёд буданд ва дер боз онҳо ба таври пароканда фаъолияти худро дар шаклу василаҳои гуногун идома доданд.

Амирӣ дар маснавӣ, ки «Оини фаромосан — фаромӯшхона» унвон дорад, пеш аз ҳама роҷеъ ба ташкилшавии анҷумани мазкур дар Франция сухан ронда онро ба офтоб монанд мекунад. Бо таъсири нурҳои ин офтоб, — менависад шоир, — дар Эрон «лигаи бедорӣ» таъсис меёбад ва бо хоҳиши дӯстон ӯ низ ба узвияти он анҷуман мансуб мешавад.

Дар қисмати аввали маснавӣ шоир суханро аз васфи ан-

---

[85] Ниг.: Исмоил Роин. Фаромӯшхона ва фаромосунерӣ дар Эрон, 3 ҷилд, Рим, 1968.

[86] Яҳъёи Ориянпур. Аз Сабо то Нимо, ҷилди аввал, ҷопи дуввум. Теҳрон, 1351, саҳ. 314—315.

ҷумани фаромосан шурӯъ намуда, хусусиятҳои асосии он ва шартҳои узвият дар ин анҷуманро ба тарзи оммафаҳм баён месозад. Ба қавли шоир вазифаи асосии анҷумани мазкур таълими дониш ва баланд бардоштани савияи маълумоту назари аъзоёни он аст:

Маҷмаи фирқаи фаромосан,
Ки ба ҷо монда аз замони кӯҳан.
Фикру дониш ҳамекунад таълим,
Бериё бар бародарони салим.[87]

Шоир ин анҷуманро аз ҳар лиҳоз ҷолиби таваҷҷӯҳ медонад ва махсусан, барои таҳзибу ташвиқи ахлоқи ҳамида судманд мешуморад. Хусусияти ҷолиберо, ки шоир аз ин анҷуман ба мушоҳида мегирад ва таъкид менамояд, баробарии аъзоёни он ва фарқ надоштани бою дарвеш аз назари онҳост:

Ҳама ахлоқи ӯ хуҷаста бувад,
Танаш аз нанги айб раста бувад.
Дӯст бошад ба дӯстдорӣ худо,
Фарқ нанҳад ба молдору гадо.[88]

Аз маснавӣ бармеояд, ки дар анҷумани мазкур ба покизагии ахлоқ диққати ҷиддӣ зоҳир мешудааст ва эҳтироми инсон, ташаккули шахсият ва дорои хислатҳои хуб будан дар маркази афкори аҳли ин анҷуман қарор мегирифтааст:

Давлату молу сарвату моя,
Ҳама оройишанду пероя.
Арзиши одамӣ бад-он гуҳар аст,
Ки ба ҳар ҳол надҳадаш аз даст.
В-ин гуҳар дар вуҷуди инсонист,
З-ин раҳ ӯ боқиву ҷаҳон фонист.[89]

Ба назари шоир он гавҳаре, ки хоси инсон буда, сабабгори ташаккулу камолот ва ба корҳои хайр қодир шуданаш мегарданд, иродаву кӯшиши бардавоми ӯст. Ба туфайли азму иродаи қавӣ инсон ба корҳои бузург дастболо мешавад ва соҳиби иззату икром мегардад:

Ғараз аз ин гуҳар иродаи туст,
Ҷунбишу азми пурифодаи туст.
Ки бад-он корҳои нек кунӣ,
Хешро чун зари сабек кунӣ.

---

[87] Амирӣ. Девон, саҳ. 577.
[88] Ҳамон ҷо.
[89] Ҳамон ҷо.

Одамӣ з-ин гуҳар шараф ёбад,
Одамият аз ин гуҳар тобад.[90]

Сипас, шоир ба баёни шартҳои узвият ба анҷумани фаромосанӣ мегузарад. Дурӣ ҷустан аз ҳар гуна бадӣ ва пайвастан ба корҳои хайру манфиатбахш ва некиву некӯкорӣ аз шартҳои асосии ҳар узву анҷумани мазкуранд:

Гар зи таклифи мосанӣ хоҳӣ,
Бишнав аз ман, ки ёбӣ огоҳӣ.
Аз разоил гурезу мепарҳез,
Зӣ фазоил шитобу меомёз.
Роҳи касби фазоил он бошад,
Ки касе то дар ин ҷаҳон бошад,
Аз накӯкориву накӯхоҳӣ,
Накунад як дақиқа кӯтоҳӣ.[91]

Ба ин тариқ шоир вазифаи анҷуманро аз мусоидат дар тараққии олам ва саъйи аҳли онро ба корҳои судбахш шарҳ медиҳад. Сипас шоир ба нишон додани рамзҳои гуногуни анҷуман мепардозад ва дастабандиву шумораи аъзоёни ҳар қисмати анҷуманро бо рақамҳои дақиқ муфассалан нишон медиҳад. Ҳамин тавр, ин маснавии тӯлонӣ, ки соли 1907 навишта шудааст, барои шиносоӣ бо ин анҷуман аз як тараф ва муайян кардани баъзе ҷиҳатҳои афкору андеша ва ҷаҳонбинии худи шоир аз тарафи дигар хеле судманд мебошад.

Дар девони Амирӣ чанд шеър ҳаст, ки ба тасвири падидаи дигари иҷтимоии давр — оини насирӣ бахшида шудаанд. Дар маснавии «Оини насирӣ» шоир хусусиятҳои оини мазкур ва шарту русуми онро тасвир менамояд. Аз тасвири шоир маълум мегардад, ки ин ҷараён асосан ҷанбаи диниву тасаввуфӣ дошта, ибтидову интиҳои ҳар корро аз «ёр» медонад.

Яке аз шартҳои асосии ин ҷараён гирифтани рӯза ҳангоми дохил шудан ба он будааст, ки бо мақсади пок кардани тану рӯҳ риоя мешудааст:

Ҳар ки дохил дар ин тариқат шуд,
Қарзи ӯ рӯзаи ҳақиқат шуд.[92]

Шарти дигар барои аъзоёни ин ҷараён бахшандагиву саховатмандӣ нисбат ба дарвешон аст:

---

[90] Ҳамон ҷо.
[91] Ҳамон ҷо, саҳ. 528.
[92] Ҳамон ҷо, саҳ. 675.

Мард бояд ба қадри қувваи хеш,
Файз бахшад ҳамеша бар дарвеш.[93]

Қасе, ки ба ин ҷараён ворид мешавад, пеш аз ҳама бояд чорвоеро ба қадри тавони худ қурбонӣ намояд:

Баррaи тандурусту фарбеҳу нар,
Дар раҳи ҳақ ҳаме бибуррад сар.[94]

Аҳли ҷараёни мазкур бояд дорои ахлоқи хубу ҳамида бошад ва хислатҳои бадро аз худ дур намояд:

Аз рибову дурӯғ парҳезад,
Қавли худ бо қасам наёмезад...
Ҳасаду буғзу иҷбу кибру ғурур,
Ҳам каме рози хеш созад дур.
Дур бошад зи дуздиву тӯҳмат,
Рост бо ҳар гурӯҳу ҳар миллат...[95]

Яке аз шартҳои дигар нагузоштани тафовут байни мардуми дорои мазҳабу дин ва нажоду миллати мухталиф мебошад:

Ёри бегона бош ҳамчун хеш,
Манигар дар нажоду мазҳаб кеш.[96]

Зарар нарасонидан ба касони дигар, меҳмоннавозӣ, ҳурмати зану оила ва амсоли инҳо аз шартҳои зарурии аъзоёни ин ҷараён аст:

Аз сутурони худ ба кишти касон,
Зарару офату зиён марасон.
Танг бар аҳли байти хеш магир,
Ки аёлат гурусна боду ту сер...
Меҳмон чун дарояд аз даргоҳ,
Бош дар пеши ӯ чу хок ба роҳ...[97]

Чунон ки аз иқтибосҳои боло ҳам бармеояд, аз ҷараёну падидаҳои иҷтимоии давр ба Амирӣ пеш аз ҳама ҳамон ҷиҳатҳои башардӯстиву неки он писанд омадааст ва ин ҷанбаҳоро шоир мавриди таҳсин қарор дода, тарғиб намудааст.

Амирӣ аз зумраи он шоиронест, ки ба ҳаёти сиёсиву иҷ-

---

[93] Ҳамон ҷо, саҳ. 676.
[94] Ҳамон ҷо.
[95] Ҳамон ҷо, саҳ. 677.
[96] Ҳамон ҷо.
[97] Ҳамон ҷо, саҳ. 678.

имони давр робитаи зич дошта, муҳимтарин ва баъзан ҳат-
то ҷузъитарин ҳаводису рӯйдодҳои замонаро дар ашъораш инъикос намудааст. Барои мисол масъалаи зиддияти гурӯҳу аҳзоби гуногунро дар солҳои инқилоб гирем, ки хеле ривоҷ ёфта буд. Шоир дар шеърҳояш зиддияту талошҳои гурӯҳҳо ва таъқибу террорро, ки ба инқилоб халал мерасонданд, сахт танқид мекунад:

Мо роҳи иттифоқу тараққӣ сипардаем,
Мабъус кардаем дар ин раҳ дуотро.
Хасми теруру душмани «димукросием»,
Дар гӯшамон мехонед ин тараҳҳотро.[98]

Вале шоир дар асл «душмани димукросӣ» набуда, балки «ҳизби димукросии Эрон»-ро, ки дар он солҳо ба террору таъқиб ва ҷудоиандозӣ дар байни машрутахоҳон машғул мешуд, мазаммат кардааст. Инро байтҳои минбаъдаи қасидаи мазкур низ тасдиқ менамояд:

Ё лилаҷаб ҷамоати димукросиён,
Нанҳода фарқи масдару исму адотро.
Хуни касон мазанд чу зангӣ шаробро,
Моли касон хӯранд чу ҳинду наботро.
Танҳо на толибанд, ки гетӣ ба ҳам хӯрад
Бал томеанд рехтан аз ҳам каротро.
Вайрон кунанд хиргаҳи ҳайвону одамӣ,
Оташ зананд бехи ҷамоду наботро.[99]

Ба ин минвол Амирӣ ҷиҳатҳои зараровари ҳизби димукросии Эронро фош ва мазаммат намуда, аҳли ин ҳизбро ба даст шустан аз террору таъқиб ва дигар корҳои ношоям даъват менамояд.

Амирӣ дар яке аз рубоиҳояш низ ба фитнаву кашмакашҳои аҳзоби гуногуни сиёсӣ дар замонааш ишора мекунад ва аз андоза зиёд шудани ихтилофи аҳзобро таъкид намуда, онҳоро ба буқаламун, ки ҳар лаҳза ранг иваз мекунад, монанд месозад:

Шуд фитнаи аҳзоб зи андоза бурун,
Ҳар лаҳза ба ранге шуда чун буқаламун.[100]

Чунон ки мебинем, Амирӣ муҳимтарин ҳодисаву рӯйдодҳои иҷтимоиву сиёсии замонашро хуб дарк намуда чанде

---

[98] Ҳамон ҷо, саҳ. 10.
[99] Ҳамон ҷо, саҳ. 11.
[100] Ҳамон ҷо, саҳ. 436.

аз он масъалаҳои ҳассосро дар қолаби назми рангину шево ифода кардааст.

## МАВЗӮИ ВАТАНДӮСТӢ ДАР АШЪОРИ АМИРӢ

Муҳаббат ба ватан дар як силсила шеърҳои Амирӣ маqеи асосӣ дошта, аз мавзӯъҳои марказии эҷодиёти шоир ба шумор меравад. Зимнан бояд гуфт, ки мавзӯи ватандӯстӣ дар адабиёти охири асри XIX ва ибтидои асри XX хеле ривоҷ пайдо кард, ки бесабаб нест ва пеш аз ҳама ба шароити таърихии давр вобастагӣ дорад.

Донишманди маъруфи эронӣ Аҳмади Қасравӣ чунон ки дар боби аввал ҳам қайд шуд, ба шеъру шоирӣ дар Эрон назари манфӣ дошта, сабабҳои таназзули иҷтимоиву сиёсиро дар давраи феодализм аз ривоҷи шеъру шоирӣ медонист ва ҳатто ашъори бузургтарин шоиронеро, ки дар адабиёти олам мақоми баланд доранд иштибоҳан ба мардум зарарнок мешуморид.

Вале бо ин ҳама ифрот ӯ нисбат ба шеърҳое, ки ба мавзӯи ватандӯстӣ навишта шудаанд, назари тамоман дигар ва ҳатто хайрхоҳона дошт. Ӯ шеърҳоеро, ки бештар ҷанбаи хитобиву публицистӣ доштанд, ҳамчун намунаи баланди шеър эътироф мекард. Аз ин ҷост, ки ӯ ба шеърҳои ба мавзӯи ватандӯстӣ бахшидаи шоирони давр баҳои баланд дода, онҳоро «шеърҳои безиён» донистааст.[101]

Албатта, ба ақидаҳои нигилистии Аҳмади Қасравӣ нисбат ба шеър, махсусан, шеъри лирикӣ наметавон розӣ шуд. Вале ин ҷо зикр кардани ҳамин нукта ҷоиз аст, ки Аҳмади Қасравӣ ба ҷанбаи иҷтимоии адабиёт диққати зиёд ва баҳои иғроқомез дода, ҷиҳатҳои дигари адабиёти бадеиро инкор кардааст. Сабаби ба ин дараҷа ба ифрот роҳ додани донишманд эҳтимол то андозае ба замону шароити таърихии давр, ки аз адабиёт, аз сабаби кам будани василаҳои дигар, иштироку дахолати бевосита ба ҳаводису рӯйдодҳои иҷтимоии даврро дархост мекард, вобаста бошад.

Сабаби асосии ривоҷи мавзӯи ватандӯстӣ дар эҷодиёти Амирӣ ҳам бешубҳа ба шароити таърихии давр зич алоқаманд аст. Чунон ки зикр шуд, дар он солҳои пурошӯб, ки

---

[101] Аҳмади Қасравӣ. Таърихи машрутаи Эрон, чопи чаҳорум, Теҳрон, бидуни соли табъ, саҳ. 46.

давлатҳои сармоядории ғарб — Англияву Германия ва Россияи подшоҳӣ ба Эрон чашми тамаъ дӯхта буданд, ин сарзамин ба арсаи талошу кашмакашҳои онҳо табдил ёфта буд. Эрон, ки дар ин давра хеле заиф шуда бӯҳрони сиёсиву иқтисодиро аз сар мегузаронд, ба мақсади давлатҳои мазкур хеле мувофиқ буд ва бо сарвату боигариҳои гаронбаҳои худ метавонист манбаи хуби ашьёи хом бошад. Аз ин ҷост, ки ҳар давлат бо роҳҳои гуногун ба ин кишвар сар халонда, ниҳоят онро ба ду қисмати нуфуз тақсим карданд. Агар қисмати шимол ба тасарруфи Россияи подшоҳӣ даромада бошад, дар қисмати ҷанубии мамлакат сармоядорони англис ҳукмравоӣ мекарданд. Ин ҳолат, чунон ки қайд шуд, нафрату адовати ҳамаи равшанфикрону ватандӯстони эрониро бедор намуд, ки Адибулмамолики Амирӣ низ аз он зумра буд. Дар девони Амирӣ як силсила шеърҳое мавҷуданд, ки ба ҳамин мавзӯъ бахшида шудаанд. Аз ҷумла маснавии шоир «Дар таҷовузоти Русу Инглис ба Эрон» ин мавзӯи муҳимро фаро мегирад. Дар аввали шеър таҷовузи аҳдшиканонаи Россияи подшоҳӣ тасвир мешавад:

Ба эрониён Рус бедод кард,
Гумонаш, ки Эрон тиҳӣ шуд зи мард.
Чу беша тиҳӣ монд аз наррашер,
Шағолон дароянд дар вай далер.[102]

Шоир беҳуда аз аввали шеър ишораву таъкид ба мардуми эронӣ намекунад. Мақсади асосии шеър даъвати мардум ба мубориза бар алайҳи душманони аҷнабист. Аз ин ҷост, ки шоир саъй мекунад дар ҳар маврид ба эҳсоси мардум таъсир расонад. Шоир маслиҳату машварати давлатҳои Россияву Англияро ба қалам дода аз як тараф беэътиноиву муносибати таҳқиромези сармоядорони хориҷиро ба мардуми Эрон ва аз тарафи дигар дарвоқеъ дар хоби ғафлат будани эрониёнро таъкид мекунад:

Чу паймоншикан ёри ҳамсоя дид,
Қасеро ба ӯ нест гуфтушунид...
Бад-ӯ гуфт: «Эрониён мурдаанд,
В-агар мурда не, сахт афсурдаанд.
Дар ин хона як тан ҳашивор нест,
Тани зиндаву мағзи бедор нест.
Забунанду шӯридаву нонаворд,
На сози салеҳу на марди набард».[103]

---

102 Амирӣ. Девон, саҳ. 650.
103 Ҳамон ҷо, саҳ. 650.

Шоир барои он ки эҳсоси ватандӯстии мардумро бедор карда ба мубориза барангезонад, аз усулҳои гуногуни тасвир баҳра мегирад. Аз ҷумла шоир аз номи паҳлавоне ба фарзандаш хитоб мекунад:

Аз он беҳ, ки дар гӯрат андар кафан,
Дарад panҷаву нохуни гӯркан.
Ҳало, эй далерони Эронзамин,
Битозед чун шери маст аз камин.
Ки душман ба тороҷи мо чира шуд,
Зи оҳангашон рӯзи мо тира шуд.
Бар онанд, к-ин хона вайрон шавад,
Бадандеш дорои Эрон шавад.[104]

Сипас Амирӣ ба гузаштагони накӯному ватандӯст, ки дар асрҳои гуногун ба муқобили душманони аҷнабӣ мубориза бурдаанд, руҷӯъ мекунад. Дар ин маврид шоир барои боз ҳам муассиртар шудани баён аз санъати такрор моҳирона истифода мебарад:

Куҷо шуд Фаридуни зарринкулоҳ?
Куҷо шуд Манучеҳри гетипаноҳ?
Куҷо Кайқубод он яли сарфароз?
Куҷо шоҳ Ковуси душмангудоз?
Куҷо он бузургони Эронзамин?
Ки фармонашон рафт то Ҳинду Чин?
Куҷо паҳлавонони душманшикор?
Чу Золу чу Найрам, чу Соми савор?[105]

Ниҳоят дар қисмати охирини маснавӣ «Барангехтани эрониён ба ҷанги душман» шоир бо як эҳтироси пуршӯр ҳамватанонашро ба мубориза баҳри мудофиаи ватан даъват мекунад:

Махусб, эй бародар, ки дуздон ба хоб
Битозанд бар хуфтагон бошитоб...
Бишӯ сурмаи хобу мастӣ зи чашм,
Ки душман ба болинат омад ба хашм...
Бибур роҳи душман аз ин буму марз,
Зи тӯпаш матарс, аз ниҳебаш маларз.[106]

Чӣ хеле ки аён шуд, маснавии мазкур лабрези эҳсосоти баланди ватандӯстии шоир аст. Инро ҳам мазмуну матлаби шеър, ҳам санъатҳои бадеиву образҳои он, ки ҳама ишорае ё таъкиде ба ватанпарварӣ доранд, далолат мекунанд. Илова

---

[104] Ҳамон ҷо, саҳ. 653.
[105] Ҳамон ҷо, саҳ. 653.
[106] Ҳамон ҷо, саҳ. 654.

Дар ин вазни шеър ҳам маҳз мутақориб интихоб шудааст, ки ин ҳамон вазни «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсист, ки аз далериву ватандӯстии мардуми эронинажод ҳикоят мекунад. Дар ҳақиқат ба туфайли ин вазн оҳанги шеър ҳам хеле муассир гашта матлаби шоирро нишонрас ифода намудааст.

Тасвири ғафлатзадагии мардуми Эрон ва умуман халқҳои Шарқ ва ба тасарруфи сармоядорони Ғарб даромадани ватани онон дар қасидаи «Ватания»-и Амирӣ низ ба мушоҳида мерасад. Шоир таассури худро аз ин ҳолати ногувор ифода намуда, мардумро ба бедорӣ даъват мекунад. Шоир таъкид мекунад, ки дар он даврон ишқи ватан ба ишқи сари зулфи ёру маишатпарастӣ иваз шудааст ва дар ин кор найрангу фиреби аҷнабиён кам нест:

Мо ба сари зулфи баста дилу ҳасм,  
Баста ду бозуямон ба ҳилату бозӣ.[107]

Шоир аз гузаштаи пурифтихори халқҳои Шарқ ёдовар шуда, аз он ки ба ин ҳолати ногувори асорат гирифтор гаштаанд, изҳори таассуф менамояд:

Дузд ба кохи ту андар асту ту аблаҳ  
Хуфта ба ғафлат даруни бистари нозӣ.  
Дида ба дидору даст дар хами зулфе,  
Лаб ба қадаҳ, гӯш бар таронаи созӣ...  
Рахт ба ғорат шудат, кӯлоҳ ба яғмо,  
Ту пайи перояву саҷофу тирозӣ...[108]

Амирӣ вазъи ногувори кишвар ва ғафлатзадагии ҳамватанонашро дида ба танг меомад ва саъй мекард, ки барои раҳоӣ аз ин вазъ пеш аз ҳама эҳсоси ватандӯстии ононро бедор намояд. Дар қасидае шоир ватанро ба модар монанд карда, боору номус будан ва ба душман насупурдани модар — ватанро талқин менамояд:

Модари туст ин ватан, ки дар талабаш хасм,  
Нори татовул ба хонадони ту афканд.  
Хеҷат агар дониш асту ғайрату номус,  
Модари худро ба дасти душман мапсанд.[109]

Ватан хонаву макони ҳар фард аст, мегӯяд шоир ва шоиста нест, ки душман соҳиби ин хонаву ҷой гардад. Шоир дар ситоиши ватан аз гуфтаҳои паямбарону бузургон мисол-

---

107 Ҳамон ҷо, саҳ. 485.  
108 Ҳамон ҷо, саҳ. 486.  
109 Ҳамон ҷо, саҳ. 169.

ҳо меорад, то дар дили ҳамватанон шӯълаи муҳаббати ин
танро барафрӯзад:

Ин ватани мо манори нури илоҳист,
Ҳам зи набӣ хондам ин ҳадису ҳам аз Занд.
Оташи ҳуббулватан чу шӯъла фурӯзад,
Аз дили мӯъмин кунад ба миҷмара испанд.
Аз дили Алванд дуди тира барояд,
Сӯзи ватан гар фитад бар домани Алванд.[110]

Чунон ки аз порчаҳои зикршуда ҳам бармеояд, мавзӯи муҳаббат ба ватан дар ашъори Амирӣ на ба таври умумию таҷридӣ, балки конкретӣ ифода ёфтааст.

Дар замоне ки ватан дар хавфу хатар бошад, фарзандони содиқи он ором нишаста наметавонанд ва барои ҳифзи раҳоии он кӯшиш менамоянд. Амирӣ ҳам дар роҳи мудофиаи ватан аз истилогарони аҷнабӣ бо хомаи худ мубориза мебурд. Дар шеърҳои худ ӯ вазъи ногувори ватанро нишон дода, муҳаббат ба ватанро талқину ташвиқ мекард. Шеъри «Суруди миллӣ», ки ба оҳанги таронаҳои маршӣ навишта шудааст, вазъи тоқатфарсои кишварро дар зери асорати сармоядорони Ғарб нишон медиҳад:

Зи роҳи карам, эй насими саҳаргаҳ,
Сӯи Порсоград бигзар аз ин раҳ.[111]

Амирӣ ба ватан меҳру садоқати беандоза дорад. Ӯ меҳри ватанро барои ҳар фард азизу муқаддас мешуморад ва бе ин меҳру муҳаббат инсонро мурда медонад:

В-он ки ҳубби ватан надошт ба дил,
Мурда з-он хубтар ба мазҳаби ман.[112]

Ватан барои инсон на танҳо маскану маъвост, балки ҷону тан ва ҳастии ӯст:

Эй ватан, эй дили маро маъвой,
Эй ватан, эй тани маро маскан.
Эй ватан, эй ту нуру мо ҳама чашм,
Эй ватан, эй ту ҷону мо ҳама тан.
Эй маро фикрати ту дар хотир,
В-эй маро миннати ту бар гардан.
Эй туроби ту беҳтар аз кофур,
Эй насими ту хуштар аз лодан.

---

[110] Ҳамон ҷо, саҳ. 170.
[111] Ҳамон ҷо, саҳ. 682.
[112] Ҳамон ҷо, саҳ. 400.

Эй фазои ту беҳ зи боди баҳор,
Эй ҳавои ту беҳ зи мушки Хутан...[113]

Ба ин минвол шоир садоқати худро ба ватани маҳбубаш бо эҳсоси самимиву саршор иброз медорад. Дар ин қасида низ шоир барои амиқу муассир ва возеҳу равшан ифода намудани матлаб ва эҳсосу ҳаяҷон аз санъати такрор хеле моҳирона истифода кардааст.

Чунон ки зикр шуд, пас аз шикасти инқилоби машрута Эрон вазъи боз ҳам ногувортаре гирифта ба асорати давлатҳои сармоядорӣ мубтало шуд. Дар дохили кишвар байни ҳизбу гурӯҳҳои гуногуни сиёсиву иҷтимоӣ муборизаву кашмакашҳои тезутунд авҷ гирифт, ки аз ин ҳолат низ аҷнабиёни истилогар ба манфиати худ истифода мекарданд. Чунин вазъият шоири ватандӯстро ором гузошта наметавонист. Аз ин ҷост, ки ӯ дар тарҷеъбанди «Дар андарзи аҳзоби сиёсӣ ва иттиҳод ва тарки ихтилоф» вазъи ноороми кишварро тасвир намуда, бо даъватҳои ватандӯстона ба гурӯҳу ҳизбҳо муроҷиат мекунад:

Эй азизон, карам ба ҷой оред,
Ихтилоф аз миёна бардоред.
Дили душман маёваред ба даст,
Хотири дӯстон маёзоред...
Душман ар каждум аст, пайкари вай,
Ҳамчу мори сияҳ биюборед...
То тавонед дар мазореи хеш,
Донаи дӯстӣ ҳамекоред.[114]

Махсусан, байти василаи тарҷеъбанд хитоби пурэҳтироси шоирро дар бар мегирад:

Ё бикуш хасмрову баркан пӯст,
Ё ба душман супор хонаи дӯст.[115]

Шоир дар бандҳои алоҳида ба ҳизби демократӣ, парламент, маҷлиси миллӣ ва амсоли инҳо муроҷиат карда, ҳамаи ононро ба иттиҳоду мубориза бар зидди душманони аҷнабӣ даъват менамояд. Амнияту истиқлоли кишварро шоир маҳз дар ҳамбастагиву иттиҳоди гурӯҳҳои мазкур ва мардум мебинад. Хитоби дилсӯзонаи шоир ба вазирону вакилон низ нигаронида шудааст:

---

[113] Ҳамон ҷо, саҳ. 400—401.
[114] Ҳамон ҷо, саҳ. 555.
[115] Ҳамон ҷо, ҳамон саҳ.

Эй вазирон, гар иттифоқ кунед,
Тарки ин ҳилаву нифоқ кунед.
Мулкро эман аз баҳонаи хасм,
В-аз таколиф лоятоқ кунед...
Эй вакилон, худойро бо ҳам,
Аҳду мисоқ дар висоқ кунед.[116]

Шоир дар чунин лаҳзаҳои душвор ба мардум мурочиат карда, эҳсоси ватандӯстии онҳоро бармеангезад. Зеро:

Надиҳад ҳеч марди фарзона,
Хонаи худ ба дасти бегона.[117]

Шоир бо дарду алами зиёд аз вазъи нобасомони кишвар ва мардум сухан ронда, онҳоро ба иттиҳоду ҳамбастагӣ ва мубориза бар зидди истилогарони аҷнабӣ даъват мекунад:

Магар эрониён на аз башаранд,
Ё зи гурги даранда пасттаранд...
Дили эрониён шафиқастӣ,
Ба гумонат, ки бедилу ҷигаранд.[118]

Дар ин шеър на танҳо душманони аҷнабӣ, балки душманони дохилии халқ низ мавриди мазаммати шоир қарор гирифтаанд. Душманони дохилӣ аз назари шоир ҳамон золимону ситамгаронанд, ки мардуми бенаворо азият медиҳанд:

Эй ситамкорае, ки аз ситамат,
Ҳама халқи замона барҳазаранд.[119]

Амирӣ низ дар ин тарҷеъбанд афкори гуманистии Саъдиро идома дода, ягонагии мардуми олам ва тафовути ҷиддӣ надоштани онҳоро таъкид намуда, дар мубориза якдил будани онҳоро таманно мекунад:

Узви якдигаранд одамиён,
З-он ки аз як нажоду як гуҳаранд.
Одамизодагон дар ин гетӣ,
Ҳама бо ҳам шарики хайру шаранд...
Эй ситамдида марди эронӣ,
Ки рақибон ба хонаи ту даранд.
Гар бихоҳӣ, ки обрӯи туро,
Ин хабисони бешараф набаранд,

---

[116] Ҳамон ҷо, саҳ. 558.
[117] Ҳамон ҷо, саҳ. 559.
[118] Ҳамон ҷо, саҳ. 560.
[119] Ҳамон ҷо, саҳ. 560.

Ё бикуш хасмрову баркан пӯст,
Ё ба душман супор хонаи дӯст.[120]

Тасвири вазъи ногувори ватан ва ҳамватанонашро шоир дар яке аз мусамматҳои худ низ ҳадаф қарор дода, аз беҳоливу рӯҳафтодагии мардум афсӯс мехӯрад ва роҳи наҷотро аз дур кардани душманон аз хоки кишвар медонад:

Эй мақсади эҷод, сар аз хок бадар кун,
В-аз покзамин мардуми нопок бадар кун,
Аз кишвари Ҷам лашкари Заҳҳок бадар кун,
Аз мағзи хирад нашъаи тарьёк бадар кун.
Ин ҷуқи шағолонро аз ток бадар кун,
В-аз галлаи ағном бирон гурги ситамкор.[121]

Зеро чунон ки дар яке аз рубоиҳои шоир тасвир шудааст, истилогарони аҷнабӣ дар кишвар соҳиби мақому мартаба шуда худи эрониён қадру эътиборе надоранд:

Дар кишвари мо чу нест марди ҳунарӣ,
Хешон шудаанд деву бегона парӣ.
Як афрангист ҷои сад эронӣ,
Сад ховарист моти як бохтарӣ.[122]

Чунон ки қаблан зикр шуд, Амирӣ дар шеърҳояш талошу кашмакашҳои шадиди ҳизбу гурӯҳҳои гуногунро борҳо маҳаммат намудааст. Ӯ дар яке аз қитъаҳои худ низ аҳзобро ба ҷои зиддияту суханпардозиҳо ба ҳимояи ватан аз аҷнабиёни истилогар даъват менамояд. Дар ин қитъа эҳсоси ватандӯстӣ тавассути муҳаббат ба забони модарӣ ва ҳифзу нигаҳдории он баён шудааст:

Агар «эътидол» аст лафзе қашанг,
Бигӯ з-ин қашангӣ чӣ омад ба чанг?
Мароми шуморо ҳама дидаанд,
Баёнотатонро писандидаанд...
Ту гуфтӣ маъориф намоӣ зиёд,
Забони ватан аз чӣ додӣ зи ёд.
Агар мусташор инглисӣ бувад,
Ҳама мамлакат инглисӣ шавад.
Агар шоҳ навкар зи Рус оварад,
Зиёнаш ҳама синди Рус оварад...[123]

Дар девони Амирӣ маснавии ҷолибе ҳаст, ки дар он зим-

---

120 Ҳамон ҷо, ҳамон саҳифа.
121 Ҳамон ҷо, саҳ. 514.
122 Ҳамон ҷо, саҳ. 510.
123 Ҳамон ҷо, саҳ. 16.

ни мазаммати ҷангу таркиби сулҳ масъалаи мудофиаи ватан низ ба миён гузошта шудааст.[124] Маснавӣ бо нақли ҳикояте, ки гӯё шоир дар шумораи аввали «Маҷони-юл-адаб» хондааст, оғоз меёбад. Мувофиқи нақли шоир дар сипоҳе ҷавони паҳлавоне будааст, ки орзуи ҷангро дар дил доштааст ва ҳамеша ҳар чи зудтар амалӣ шудани ин орзуяшро изҳор мекардааст. Ниҳоят он ҷавонпаҳлавонро ба ҷанг мефиристанд. Дар айни авҷи ҷанг тире ба сари паҳлавон мезанад ва ӯро ба бемористон меоранд. Табиб баъди муоянаи бемор ба ҳайрат меояд ва чӣ кор карданашро намедонад. Зеро нӯги тир ба мағзи сари ҷавон халидааст. Агар тирро бикашад, бо он порае аз мағзи сар ҳам берун меояду ба бемор хатари марг таҳдид мекунад. Аз ин ҷост, ки табиби ҳайратзада мегӯяд:

Менадонам чӣ кор бояд кард?
Чӣ илоҷ ихтиёр бояд кард?[125]

Паҳлавон баъди шунидани сухани табиб аз ҷой бархоста хитоб мекунад:

Гуфт: «машғули кор бошу малағз,
Ки дар ин калла нест як ҷав мағз.
Мағз агар дар кадуи ман будӣ,
Кай танам роҳи ҷанг паймудӣ.
Сари бемағз сози ҷанг кунад,
Оқил андар ғазо даранг кунад».[126]

Аз ин рӯ шоир ҷанг ва ҷангҷӯёнро сахт маҳкум намуда, онро барои инсон нанг медонад ва танҳо ҷангро барои мудофиаи ватан ҷоиз мешуморад. Дар мавридҳои дигар шоир сулҳу бетарафиро аз ҳама авло медонад:

Ҷанг нанг аст дар шариати ман,
Ҷуз паи поси дину ҳифзи ватан.
Дарди дину ватан чу нест маро
Сулҳи кул шав, мадор чуну чаро.[127]

Сипас шоир барои тасдиқи андешаҳои худ аз таърих мисолҳо меорад ва дар хотима боз зарурати сулҳу бетарафиро таъкид месозад:

---

[124] Аз чӣ сабаб бошад, ки ба ин маснавӣ мураттиби девон «Накуҳиши бетарафии Эрон» унвон гузоштааст. Дар маснавӣ баръакс тарғибу ташвиқи сулҳу бетарафӣ ифода шудааст.
[125] Амирӣ. Девон, саҳ. 604.
[126] Ҳамон ҷо, ҳамон саҳ.
[127] Ҳамон ҷо, саҳ. 604.

Бетарафро кас наёрад хаст,
Магар он, к-ӯ асоси аҳд шикаст.
Эътимоде ба ёри аҳдшикан,
Накунад ҳеҷ кас чу марду чу зан.
Мо, ки хоҳони иззату шарафем,
Лиллаҳулҳамд ҷумла бетарафем.[128]

Пай бурдан душвор нест, ки ин маснавӣ дар арафа ё солҳои ҷанги ҷаҳонии аввал, ки кишварҳои хурду калони зиёде бо он кашида шуданд, таълиф гашта, назари шоири ватандӯстро роҷеъ ба ҷангу сулҳ ифода менамояд.

## ОҲАНГҲОИ АХЛОҚӢ ДАР АШЪОРИ АМИРӢ

Дар ашъори Адибулмамолики Амирӣ баёни фикру андешаҳои ахлоқӣ низ мавқеи муҳим дорад. Амирӣ ҳам монанди дигар шоирони пешрави замонаш ободии кишвару хушрӯзии ҳамватанонашро орзу мекард ва муборизаи худро барои ахлоқи ҳамида ва барҳам задани ҳама гуна зиштиву нопокиҳо равона менамуд. Амирӣ дар мадҳияҳояш мамдӯҳонро бештар ба адлу инсоф, саховату карам, башардӯстиву накӯкорӣ даъват мекард. Аз ҷумла ӯ яке аз қасидаҳои худро, ки ба мадҳи валиаҳд Музаффариддиншоҳ бахшидааст, бо ин байти пандомез поён дода, мамдӯҳро ба адолатпарварӣ ва барҳам задани золимӣ даъват мекунад:

Ниҳоли адлро дар боғ биншон,
Дарахти зулмро аз бех баркан.[129]

Амирӣ барои инсон новобаста аз он ки аз кадом тоифаву қавм, ирсу нажод аст, покизагии ахлоқро шарти асосӣ мешуморад. Инсонро шоир олами сағире медонад, ки бидуни хушу рой ва умуман ахлоқи ҳамида аз гаронбаҳотарин арзишҳои худ бебаҳра мегардад ва ба ҷаҳонкаҳин (яъне пасттарин чизи олам) табдил меёбад:

Гарчи яке ҷаҳони кеҳин аст одамӣ
Чун нест ҳушу рояш, бошад ҷаҳонкаҳин.[130]

Инсон маҳз бо хулқу одоби накӯяш зебост. Ҳусну ҷамоли зоҳирӣ ба ҳеҷ ваҷҳ моҳияти инсонро дар бар намегирад.

---

[128] Ҳамон ҷо, саҳ. 606.
[129] Ҳамон ҷо, саҳ. 374.
[130] Ҳамон ҷо, саҳ. 375.

Шоир каромату шафқат барин хислатҳои наҷиби инсонро ҳусну ҷамоли зоҳирӣ беҳтару бартар медонад:

Каромату шафқат гар набошад инсонро
Агарчи зебо дорад шамоил, инсон нест.[131]

Хислатҳои дигари ҳамида аз назари Амирӣ ин ширинз бониву ҳимматбаландист, ки аз сарватмандиву бадавла авлотар мебошад:

Бимонад номи касон аз дари хайри ҷовидон,
Яке зи вусъати хотир, яке зи лутфи сухан.[132]

Шоир ростиву росткориро дар зиндагии инсон зар медонад ва худ низ дар арсаи эҷод ростиро мароми ас қарор додааст ва инро ба дигарон ҳам талқин менамояд

Ба ман ростӣ кун, ки некӯ шиносам,
Суханростонро зи афсонахонҳо.
Бигуфтам, буто, ростиро сароям,
Ҳадисе, ки бишнидам аз бостонҳо.[133]

Амирӣ ҳам монанди Саъдии Шерозӣ ва дигар шоиро инсондӯсти қарнҳои пешин ҷавҳару моҳияти одамиро н дар сурати зебо, балки дар сирату ахлоқи нек медонад в дар зимни қасидае таъкид мекунад, ки танҳо аз рӯи сура зоҳирӣ ба инсон баҳо додан хатост:

Одамӣ не ба чашму гӯш бувад,
Не ба абрӯю рӯю мӯю зақан...[134]

Инсон барои ба мақсад расидан дар ҳар кор бояд азм суботи қавӣ дошта, кӯшишу ҳаракат намояд. Бо саъю к шиш ва меҳнати бардавом ҳар гуна мушкилиро ҳал намуда мумкин аст:

Фаромӯшам нашуд панде, ки мегуфт,
Ба пури хеш пире дар Бухоро,
Ки гар дар кори худ ҷунбиш кунад мард,
Тавон суфтан ба сӯзан кӯҳи хоро.[135]

Роҳи мубориза барои расидан ба матлаб басо душво пур аз фарозу нишебҳост ва онҳоро бо сабру таҳаммул, ир

---

[131] Ҳамон ҷо, саҳ. 694.
[132] Ҳамон ҷо, саҳ. 405.
[133] Ҳамон ҷо, саҳ. 8.
[134] Ҳамон ҷо, саҳ. 387.
[135] Ҳамон ҷо, саҳ. 41.

дан қавӣ мард метавонад пушти сар кунад. Шоир таъкид мекунад, ки мард бояд дар роҳи иҷрои корҳои наҷибу шариф аз ҳеҷ душворие ҳаросе надошта бошад ва то амалӣ шудани ҳадаф муборизаро давом диҳад:

Чун мард пеша кард шикебу суботро,
Бишкаст парчами алами ҳодисотро.
Мард он бувад, ки чун хатар ояд ба ҷоҳи вай,
Қурбон кунад ба маҷду шарофат ҳаётро.[136]

Бидуни азму субот ба коре даст задан, дар иҷрои кор ҳаросон будан на танҳо касро муваффақ намесозад, балки кори осонро ҳам дар назари ӯ душвор намоиш дода, ғайрату кӯшишашро суст мекунад:

Мард чу бошад ба вақти кор ҳаросон,
Мушкил гардад варо ба дида ҳар осон.[137]

Дар байти мазкур шоир бо суханбозӣ калимаи «ҳаросон»-ро ба маврид истифода намуда ба ин восита матлабро таъкид кардааст.

Амирӣ дар зимни шеърҳояш дар мавридҳои гуногун дӯстиро ситоиш намуда адои шартҳои дӯстии самимиро талқин мекунад. Дӯст бояд дар ҳар лаҳза содиқу вафодор бошад:

Хуш он тан, к-ӯ шавад бар ёр қурбон,
Зиҳӣ ҷон, к-ӯ бувад бар дӯст қобил.
Ҳалоҳил бо ҷамоли дӯст шаккар,
Шакар бе дӯст монад бар ҳалоҳид.[138]

Шоир фироқи дӯстони ҳақиқиву содиқро ҳодисаи сахту ҷонгудоз медонад:

Ҳалоки одамӣ корест осон,
Фироқи дӯстон корест мушкил.[139]

Дӯсти доно барои кас ганҷи бебаҳост ва чизе ба он баробар шуда наметавонад:

Ёри доно зи ганҷи сим беҳ аст,
Одамиро хирад надим беҳ аст.[140]

Дӯст ҳангоми сафар низ ба кас хеле зарур аст. Беҳуда

---

136 Ҳамон ҷо, саҳ. 10.
137 Ҳамон ҷо, саҳ. 366.
138 Ҳамон ҷо, саҳ. 336.
139 Ҳамон ҷо, саҳ. 337.
140 Ҳамон ҷо, саҳ. 625.

нест, ки шарти асосии сафарро низ доштани рафиқ бо ху[д] донистаанд:

Ҳаст шарти тариқ меҳри рафиқ,
«Ар-рафиқ, ар-рафиқ сумма тариқ».[141]

Омӯхтани илму донишро Амирӣ яке аз шартҳои таша[к]кул ва ба камол расидани инсон медонад. Ҳамин илму до[]ниш аст, ки мақоми инсонро баланд намуда, ба ӯ шараф[у] шӯҳрат меорад:

Ҷамолу зинати инсон ба донишасту ҳунар,
Ки одамӣ шараф аз донишу ҳунар дорад.
Тафовути башар аз ҷонвар ба маърифат аст,
Ҷуз ин чӣ фахру фазилат ба ҷонвар дорад?
Касе ки ганҷи дарун оганда ба гавҳари илм,
Чӣ эҳтиёҷ ба ганҷинаву гуҳар дорад?[142]

Барои омӯхтани илму ҳунар ва бой кардани ҷаҳони маъ[]навӣ инсон бояд аз вақт оқилона истифода бурда, саъй на[]мояд, ки ягон лаҳзаи умр ба ройгон нагузарад. Шоир инсо[]неро, ки умри азизашро беҳуда мегузаронад, аблаҳу нодо[н] мешуморад:

В-он ки беҳуда бигзаронад умр,
Ҳаст нодону аблаҳу кудан.[143]

Фазилати дигаре, ки барои инсон зарур аст, аз назар[и] шоир ботадбириву андешамандӣ дар ҳар кор мебошад. [Ӯ] тадбиру раъйро аз шуҷоату далерӣ ҳам авлотар медонад. Яъне шоир талқин менамояд, ки қабл аз зуҳури шуҷоату далерӣ ҳам бояд раъю андешаро ба кор бурд:

Чу раъй бошад пеш аз шуҷоати шаҷъон,
Нахуст рой шумар он гаҳе шуҷоат дон.[144]

Ба ин минвол шоир раъю тадбирро василаи ободони[и] мулку бозкунандаи гиреҳу мушкилоти гуногуни зиндагӣ ме[]донад.

Амирӣ дар баробари ситоишу тарғиби хислатҳои ҳамида хислатҳои баду манфури муосирони худро мазаммат мена[]мояд. Аз ҷумла шоир майнӯшии зиёдро мазаммат карда, онҳоеро, ки бемавриду ноҷоя ба бадмастӣ машғул мешаванд,

---

[141] Ҳамон ҷо, саҳ. 625.
[142] Ҳамон ҷо, саҳ. як.
[143] Ҳамон ҷо, саҳ. 400.
[144] Ҳамон ҷо, сах. 388.

ба зери тозиёнаи танқид мегирад. Дар зимни тағаззуле шахсе, ки шабу рӯз вақти худро сарфи майнӯшӣ мекунад, ба тариқи образнок мазаммат мешавад:

Хуни ҷигар хӯрад гаҳи сахтӣ касе, ки рехт,
Ҳар субҳу шом хуни раз андар ба сотгин.[145]

Шоир ҳамчунин даъвои онҳоеро, ки майро василаи дарьёфти муваффақиятҳо медонанд, рад мекунад:

Хуни разон, ки ҳӯши касонро ҳамебарад,
Бовар макун, ки ройи касеро кунад разин.
Ройи разину фикри матин андар он маҷӯй,
Қ-аш андаруни мағз пур аз хамр андар ин.[146]

Дар қасидае, ки ба ситоиши ҳизби «эътидол» бахшида шудааст, Амирӣ пеш аз ҳама дар бораи мақоми эътидол дар табиат ва ҳаёт сухан ба миён меорад ва аҳамияти калони эътидолро дар ҳар кор нишон медиҳад. Дар зимни баёни андешаҳо роҷеъ ба эътидол дар зиндагӣ шоир баъзе фикрҳои панду ахлоқӣ низ баён кардааст. Аз ҷумла ӯ дар хусуси зарари исрофу бухл ва манфиати сарфаю сариштакорӣ ва нигоҳ доштани ҳадди эътидол изҳори андеша кардааст:

Исрофу бухл ҳар ду қабеҳанду иқтисод,
Бошад ба иттифоқ писандида аз риҷол.
Қ-аз иқтисод молу шараф боқиянд лек,
Имсок хасми фахр шуд, исроф хасми мол.[147]

Ба ин минвол шоир зиёдаравию ифроту тафритро дар ҳар кор нораво мешуморад.

Амирӣ андешаҳои ахлоқии худро дар ашъораш бо роҳу усулҳои гуногун иброз намудааст. Дар як қатор шеърҳои шоир барои ифодаи равшану возеҳ ва муассири фикрҳои панду ахлоқӣ ҳикояту тамсилҳо оварда шудааст. Шоир дар маснавии кӯтоҳи «Озманди хасис» ҳарисиро аз хислатҳои бади одамӣ шуморида сахт маҳкум мекунад ва боиси бадбахтӣ мешуморад. Барои тақвияти фикр ва пуртаъсир шудани он аввал ҳикояти шахси ҳарис нақл мешавад. Шахси ҳарисе раису кадхудои деҳе буд. Ӯ мурғе дошт, ки ҳар субҳ як тухми тиллоӣ мекард ва соҳибаш онро фурӯхта рӯз аз рӯз бойтару сарватмандтар мешуд. Рӯзе шахси ҳарис

---

[145] Ҳамон ҷо, саҳ. 374.
[146] Ҳамон ҷо, ҳамон саҳ.
[147] Ҳамон ҷо, саҳ. 341.

фикр мекунад, ки то кай бо ин қаноат месозад. Эҳтимол дар даруни мурғ корхонаи зар бошад, ки мурғ рӯзе фақат як тои берун медиҳаду бас. Бояд худи ганҷхонаро ба даст овард. Бо ин мақсад ӯ шикамӣ мурғро пора мекунад, вале он ҷо ба ҷуз рӯдаву меъдаҳо чизеро намеёбад. Пас бо оҳу нола хасис ба аблаҳии худ иқрор мешавад. Шоир дар охири маснавӣ мақсади худро аз нақли ҳикоят таъкид намуда, ҳарисиву тамаъкориро мазаммат мекунад ва қаноатмандиро тарғиб месозад:

Ин масал бо ту гуфтам, эй фарзанд,
То наяндозадат тамаъ дар банд.
То наяфтӣ чу ғофилон дар роҳ,
Бо ҳавои ҳариса андар чоҳ.
Гар фитодӣ даруни чанбари оз,
Нараҳӣ з-он ба рӯзгори дароз.
То тавонӣ ба гирди оз магард,
Ки сияҳрӯзӣ орад оз ба мард...
Меваи шохи ҳирс бебаргист,
Иштиҳо мояи ҷавонмаргист.[148]

Дар маснавии дигари Амирӣ тамсили кайку пашша барои ифодаи равшану тақвияти манфиати хомӯшиву мазаррати пургӯӣ мадад расондааст. Қайк сабаби фароҳманду хушбахт буданашро нисбат ба пашша дар хамӯшиаш медонад:

Рав, ба ком андар забон даркаш,
Ки чун пунбаиву нутқ оташ.
Оташи тез чун ба пунба фитод,
Сӯхт он пунба, бурд хокаш бод.[149]

Шоир тамсилро ҷамъбаст намуда аҳамияти хамӯширо бори дигар таъкид мекунад:

Эй писар, рав, хамӯш бош чу кайк,
То нахонад касат мазан лаббай.
Ҳамчу пашша машав баландовоз,
Ки ногаҳ, дарафтӣ аз парвоз.
Эй басо кас, ки аблаҳона бидод,
Сари сабзаш забони сурх барбод.[150]

Яке аз қитъаҳои шоир бошад ҳикояти санҷоқу сӯзанро дар бар гирифта ба мазаммати беҳунарӣ бахшида шудааст. Шоир пас аз зикри ҳикоят аз забони санҷок мегӯяд:

---

[148] Ҳамон ҷо, саҳ. 607.
[149] Ҳамон ҷо, саҳ. 630.
[150] Ҳамон ҷо, саҳ. 630.

Ҳангоми ҳунар будем бо хеш аду, инак,
Аз беҳунарӣ ҳастем зарбулмасали риндон.[151]

Ба ин минвол дар шеърҳои гуногуни Амирӣ андешаҳои панду ахлоқӣ бо тарзу василаҳои мухталиф гоҳ бо хитобу баёни публицистӣ, гоҳ бо тасвирҳои образнок, гоҳ бо тамсилу ҳикоёт ва амсоли инҳо ифода ёфтаанд. Андешаҳои ахлоқии Амирӣ бо афкори сиёсиву иҷтимоии ӯ зич алоқаманд буда барои барҳам задани фасоду каҷравиҳо, носозгориҳои иҷтимоии замона, барои покизагии ахлоқу тарбияи мардум ва беҳбудиву пешрафти ҷомеа равона шудаанд.

***

## ТАСВИРИ ТАБИАТ ДАР АШЪОРИ АМИРӢ

Чунон ки дидем, Амирӣ аз зумраи он шоиронест, ки бештар ба тасвиру таҷассуми мавзӯъҳои сиёсиву иҷтимоӣ майл дошта, дар шеърҳои худ ба ҳодисаву рӯйдодҳои муҳимми замона муносибат ва эҳсосу андешаҳои гуногунро иброз намудаанд. Бинобар ин табиист, ки дар эҷодиёти Амирӣ мавзӯъҳои дигар аз қабили ишқу ошиқӣ, тасвири табиат мақоми баланде надоранд. Бо вуҷуди ин дар ашъори Амирӣ баъзан тасвирҳои рангини мавзӯъҳои ҷовидонии адабиётро мушоҳида кардан мумкин аст.

Дар як қатор шеърҳои Амирӣ тасвири зебоиҳои табиат ва падидаҳои рангини он хеле моҳирона анҷом дода шудааст.

Амирӣ гоҳо дар қасидааш барои бедор кардани эҳсосоти гуногуни хонанда ин ё он падидаи рангини табиатро ҳадафи тасвир қарор медиҳад, ё дар зимни мавзӯъ ва матлабҳои дигар ишорае ба зебоиҳои табиат мекунад.

Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки тасвири табиат дар ашъори Амирӣ бо ду роҳ сурат гирифтааст. Дар як гурӯҳ шеърҳои шоир тасвири зебоиҳои табиат ва падидаҳои гуногуни он мавзӯъ ва матлаби асосӣ ба шумор меравад. Дар дастаи дигари шеърҳо бошанд, табиат ва унсурҳои он барои ифодаи мазмуну матлабҳои дигар чун василаи бадеӣ хидмат кардаанд. Дар девони шоир қасидае ҳаст, ки дар назари аввал гӯё пурра ба тасвири табиат бахшида шудааст. Дар ин қасидаи кӯтоҳ зебоиҳои табиат ҳангоми баҳор дар мисоли

---

[151] Ҳамон ҷо, саҳ. 418.

боғи пургулу пурдарахти рангине таҷассум ёфтааст. Боғ дар назар чун биҳишти афсонавӣ ҷилвагар шуда бо зебоиҳои нотакрораш касро мафтун менамояд:

Бикшод боғбон дари фирдавс дар чаман,
Карданд булбулон ҳама дар боғ анҷуман.
Боди сабо шақоиқу гулро ҳамефишонд,
Гаҳ мушки суда, гоҳ зари хӯрда дар даҳан.
Гуфтӣ ба фарвадин сӯи бӯстон сапедадам
Оварда корвони Хито нофаи Хутан...[152]

Шоир барои боз ҳам барҷаста ба қалам додани зебоиҳои унсурҳои табиат онҳоро ба узвҳои зебои маъшуқ монанд мекунад. Гулҳои рангоранги дарахтон бо баргҳои сабз дилбари зебоеро пеши назари ӯ меорад, ки гиребони пираҳан боз карда ҳусни худро намоиш медиҳад:

Гуфтӣ даруни пираҳани сабз дилбаре,
Бикшуд тукмаи гуҳар аз чоки пираҳан.
Баста рада ба боғ дарахтон зи ҳар канор,
Чун дар паранди сабз арӯсони симтан.[153]

Вале дар баробари ин зебоиҳои назаррас падидаҳои дигари табиат низ қарор доранд, ки онҳо даҳшатовару муҳиб буда, эҳсосу ҳаяҷони ҳаросоварро бедор мекунанд:

Ножу гирифта найза ба каф чун Сипандиёр,
Қавсу қузаҳ кушода камон ҳамчу Таҳмтан.
Ахгар фишонда барқ ба ҳар бом бомдод,
Андар фиканда раъд ба ҳар бум бумзан.
З-осеби он ниҳеб хӯрад шеру аждаҳо,
Аз бими он фирор кунад пилу каркадан.[154]

Дар байтҳои минбаъда шоир тороҷгариҳои фасли баҳорро бар зимистон ва он падидаҳои даҳшатовари табиатро ба ҷангҳои истилогаронаи кишварҳои Аврупо ва вазъи ноороми давр монанд месозад:

Султони фарвадин пайи тороҷи мулки дай
Лашкар кашад ба дашту занад хайма дар чаман.
Чун саркашони Ғарб, ки ҳангоми таъну зарб,
Пӯшанд ҷои аслиҳа бар ғозиён кафан.
Барҳам зананд манзилу маъвои якдигар,
Вайрон кунанд хаймаву хиргоҳи хештан...

---

[152] Ҳамон ҷо, саҳ. 427.
[153] Ҳамон ҷо, ҳам. саҳ.
[154] Ҳамон ҷо, саҳ. 427.

Тайёраҳо чу раъд хурӯшон фарози тал,
Арродаҳо чу барқ шитобанда дар даман.[155]

Дигар аз он зебоие, ки дар аввали қасида тасвир шуда буд, нишоне боқӣ намемонад, ҷои онро манзараи даҳшатноки харобии ватану низории мардум мегирад. Ин тазоди тасвири манзара махсусан дар байти зер, ки бозгӯкунандаи вазъи ду табақаи аҳолии кишвар — сарватмандону меҳнаткашон аст, ба таври возеҳ ифода ва таъкид шудааст:

Қавме кашанд бодаву ҷамъе хӯранд хун,
Халқе ба марғзору гурӯҳе ба марғзан.[156]

Тасвирҳои шоир вазъи харобу ҳолати ногувори кишвар ва мардуми онро пеши назар ҷилвагар менамояд:

Ҷои зуҳур заҳр бирӯяд зи шохсор,
Ҷои гулу шукуфа дамад аз шаҷар шаҷан.
Дуньё хароб шуд паи озодии нуфус,
Дарьё сароб шуд паи ободии ватан.[157]

Аз ин тасвири тазодии манзараҳои табиат пай бурдан душвор нест, ки манзури шоир аз тасвири табиат ҷалб кардани хонанда ба вазъи ногувори кишвараш дар айёми пурошӯби ҷангу низоъҳои давлатҳои сармоядорист. Ҳарчанд шоир ошкоро нагуфтааст, вале аз тасвирҳо бармеояд, ки шоир мардумро ба фирефта нашудан ба зебоиҳои зоҳирӣ ва мубориза барои зебоии ҳақиқии табиат ва зиндагӣ даъват менамояд. Бесабаб нест, ки дар байтҳои охири қасида шоир ҳамватанонашро ба карию гунгӣ айбдор мекунад.

Гуфтаҳои боло, албатта, маънои онро надорад, ки тамоми тасвирҳои табиат дар ашъори шоир хусусияти рамзӣ дошта, зебоиҳои манзараҳои табиатро инъикос намекунанд. Намунаи шеърҳое, ки дар онҳо манзараҳои табиат хеле ҷаззобу бошукӯҳ ба қалам дода шудаанд, тағаззули қасидаи наврӯзии Амирӣ мебошад, ки соли 1332 ҳ./1913 м. «дар таҳнияти наврӯз» навишта шудааст.

Дар тағаззули мазкур шоир зебоии нотакрори табиатро дар овони фаро расидани Наврӯзи дилафрӯз қаламдод намудааст. Наврӯз ба дашту даман, кӯю барзан шукӯҳи тароват тоза бахшидааст. Ҳама ҷо хушбӯю рангин, дилфиребу

155 Ҳамон ҷо, саҳ. 428.
156 Ҳамон ҷо, ҳамон саҳ.
157 Ҳамон ҷо, саҳ. 428.

дилнишин гаштааст. Гӯё мавҷудоти олам соҳиби рӯҳу ҷон шудаанду ҷилванамоӣ мекунанд:

Ба наврӯз аз насими анбаринбӯ,
Шуда мушкин бару домони мушкӯ.
Рамида бар лаби ҷӯ сабзаву гул,
Қамар баста ба бӯстон сарву ножу.
Чароғон карда андар боғ лола,
Нагунсор омада аз шох лимӯ...
Раёҳину басотинро дигар бор,
Равон шуд рӯҳ дар тан, об дар ҷӯ.
Замин аз моҳу ахтар чархи мино,
Чаман аз ҳуру ғилмон боғи минӯ...[158]

Шоир пас аз тасвири зебоиҳои табиат руҷӯи таърихӣ намуда аз асосгузори ҷашни Наврӯз—Ҷамшед ва дигар шоҳони маъруфи гузаштаи Эрон ёдовар мешавад ва ниҳоят дар охири қасида мамдӯҳро бо иди хуррам таҳният мегӯяд. Чунон ки дидем, ин шеър, махсусан, қисмати тағаззули он ба ҳасби мавзӯъ ба тасвири табиат бахшида шудааст. Бояд иқрор шуд, ки чунин шеърҳо дар девони Амирӣ хеле кам будa, тасвири манзараҳои табиат ба нудрат матлаби асосии шеъре қарор гирифтааст.

Амирӣ дар тағаззули дигар низ дар васфи манзараҳои зебои табиат ҳунарнамоӣ карда, ҳусни табиатро дар овони баҳор ҷилвагар намудааст. Яке аз хусусиятҳои тасвири шоир дар ин тағаззул, ки боиси барҷаставу «зинда» ва гӯё қаламдод шудани манзара гаштааст, аз як тараф конкретиву моддӣ будани образҳо ва аз тарафи дигар бо инсон ва узвҳои он робита доштани тасвирҳои шоир мебошад:

Боз бикшуд сабо дасти ситам,
Зад сари зулфи раёҳин барҳам...
Сарв монандаи тире шуда рост,
Беди Маҷнун чу камоне шуда хам...
Бед бо боди саҳаргаҳ шабу рӯз,
Ишқбозиҳо доранд ба ҳам...
Дасти гул бӯса занад боди сабо
Ба мисоли шаманон пои санам.
Барқро бошад рӯи Узро,
Раъдро бошад хӯи Ахзам...
Бод монанди пизишкон бидарад
Пардаи сарбу сафоқаш аз ҳам...
Шохи навраставу он шохи кӯҳан
Гашта андар сафи бӯстон тавъам
Чун арӯсе, ки яке зулф бурандш
В-он дигар зулф парешону ба хам.[159]

---

[158] Ҳамон ҷо, саҳ. 439.
[159] Ҳамон ҷо, саҳ. 349—350.

Чунон ки аз байтҳои мазкур ҳувайдост, сабо мисли инсон ситамгар асту дасти раёҳинро ба ҳам мезанад. Бед чу ошиқон бо боди саҳаргоҳон ба ишқбозӣ машғул мешавад. Гул ба шаманон монанд асту барқу раъд рӯи Узрову хӯи Ахзамро ба хотир меоранд. Бод бошад дар чарроҳӣ аз табибон мондаӣ надорад. Ҳатто шохи дарахтон мисли зулфони маъшуқ парешону ба ҳам печидаанд...

Ҳамин гуна робитаи зичи табиат бо инсон дар тағаззули дигари Амирӣ, ки он ҳам ба тасвири зебоиҳои табиат дар айёми баҳорон бахшида шудааст, ба назар мерасад. Фаро расидани моҳи фарвардин, ки оғози фасли баҳор аст, боиси хушҳоливу фараҳмандӣ мешавад. Тамоми мавҷудоти олами табиат ҳам набоботу ҳам паррандаву ҳайвонот ба хурӯш меоянд. Вале ҳамаи ин зебоии табиат бидуни маъшуқ арзишу ҷилое надорад:

З-омадани фарвадину рафтани исфанд
Дилҳо хуррам шуду равонҳо хурсанд.
Гулҳо афрӯханд оташи Зардушт
Мурғон омӯханд тарҷумаи Занд...
Сабзаи тар фарши нав ба хок бигустурд,
Лола ҳама нофи худ ба нофа биёканд.
Турке аз шоҳидони хиттаи Бобул,
Хубтар аз лӯъбатони Чину Самарқанд...
Ғунча саҳаргоҳ агар даҳон бикушояд,
Хуни ҷигар нӯшад аз лабаш ба шакарханд.
Омад дар бӯстон чу сарве озод,
Шуд ба сафи боғ ҳамчу нахли барӯманд.[160]

Дар тағаззули мазкур робитаи зебоии табиат бо ҳусну ҷамоли маъшуқ таҷассум ёфтааст.

Дар тағаззулҳои Амирӣ аз фаслҳои сол инчунин зимистон мавриди тасвир қарор гирифтааст. Зимистон низ дар тасвири шоир дорои зебоиву таровати хос буда, ҳусни замину табиатро меафзояд. Шоир махсусан дар тасвири барф ҳунарнамоиҳои зиёд карда, зебоиву таровати онро ба чашми хонанда аён намудааст:

Ранги сиёҳӣ зи хок сутурд барфи сафед,
Нақши сапедӣ ба дашт абри сияҳкор зад.
То ки бибофанд рахт бар тани шохи дарахт
Пунбазани осмон пунбаи бисьёр зад...
Гулбун бар рӯи хеш суд сапетоби тар
Дар ивази он ки гул ғоза ба рухсор зад..[161]

[160] Ҳамон ҷо, саҳ. 161.
[161] Ҳамон ҷо, саҳ. 138.

Зебоиву тароватн зимистон ҳам эҳсосоти хушбинонии шоирро бармеангезад ва дилбастагии ӯро ба зиндагӣ бештар намуда, вайро ба хушгузаронии вақт ҳидоят месозад.

Тасвири табиат дар тағаззулҳои Амирӣ ба таври ҷаззобу таъсирбахш сурат гирифтааст. Тасвирҳо аксаран объективӣ буда, дорои рангҳои пурҷило ва шукӯҳу шаҳомати хос мебошанд. Яке аз ҳамин гуна тағаззулҳо бо тасвири офтоб шурӯъ шуда тавсифҳои аҷиберо дар бар мегирад. Шоир офтобро ба чизҳои гуногун монанд карда, гоҳ онро «турки оташинрӯ», гоҳ оташи аз оҳан ҷаста, гоҳ хирмани симини оташзада ва ниҳоят онро Бежану Ромин барин шахсони таърихӣ мехонад:

> Баромад бомдодон меҳри равшан,
> Ба паҳнои фалак густурд доман.
> Чу турке оташинрух барнишаста
> Фарози саҳни дебои мулавван.
> Баромад офтоб аз чархи гардун
> Чун он оташ, ки мебиҷҳад зи оҳан...[162]

Образҳои офаридаи шоир дар ин тағаззул низ бештар дорои хосиятҳои инсонӣ мебошанд. Яъне офтоб ҳарчанд ба инсон аз лиҳози шакл шабеҳ нест, вале шоир ба воситаи ба офтоб нисбат додани хосиятҳои инсонӣ байни онҳо умумият ба вуҷуд меорад. Зимнан бояд гуфт, ки ба инсон ва мутааллиқоти он монанд кардани ашёву падидаҳои табиат аз хусусиятҳои услубии ашъори Амирӣ маҳсуб мешавад.

Дар тағаззули мазкур пас аз тасвиру тавсифи офтоб тасвири боғ меояд. Дар тасвири боғ ва мавҷудоти он ҳам шоир бештар аз номи ашхоси таърихиву афсонавӣ, узвҳои бадан ва амалиёту хислатҳои инсон истифода мебарад:

> Фалак гавҳар ҳамебезад ба ғирбол,
> Замин акбар ҳамесояд ба ҳован.
> Яке чун дидаи Фарҳоди чинӣ,
> Яке чун турраи Хотуни арман...
> Намояд навгул андар шох ҷилва
> Навозад булбул андар боғ арған...[163]

Чунон ки қаблан зикр шуд, дар ашъори Амирӣ унсурҳои табиат барои ифодаи мазмуну маъниҳои гуногун хеле фаровон истифода шудаанд. Мо аз таҳлили онҳо худдорӣ намуда, танҳо бо зикри як байт аз қасидаи мадҳии ӯ иктифо мекунем:

---

[162] Ҳамон ҷо, саҳ. 370.
[163] Ҳамон ҷо, саҳ. 372.

Офтоб омад сарири осмонро подшоҳ,
Ахтарон ҳамчун сипоҳанду сипаҳсолор моҳ.[164]

Дар тасвири байти мазкур низ унсурҳои табиат бо инсон робитаи зич доранд.

Дар тасвири табиат беш аз ҳама ба ашхос ва ҷиҳатҳои гуногуни инсон рӯй овардани Амирӣ бесабаб нест, ба ин васила ӯ тасвирҳояшро ҷонноку муҳаррик сохтааст. Шоир хостааст табиатро зиндаву ҷоннок тасвир намояд то ки зебоиҳои он ҳар чи бештар ҷилвагар шавад. Ба иборати дигар дар тасвири табиат усули динамикии тасвир дар тағаззулоти Амирӣ бештар корбаст шудааст.

## МАВЗӮИ ИШҚ ДАР АШЪОРИ АМИРӢ

Мавзӯи ишқ аз мавзӯъҳои ҷовидонии адабиёт буда, дар эҷодиёти шоирони асрҳову кишварҳои гуногун мавқеи муайянеро ишғол мекунад. Ҳар суханваре, ки ба олами эҷодии бадеӣ қадам мениҳад, хоҳу нохоҳ доир ба ин масъала эҳсосу андешаҳои худро иброз медорад. Зеро ишқ аз хосиятҳои асосии инсон буда, зиндагии ӯро рангу сафо мебахшад. Вале ин мавзӯъ дар эҷодиёти ҳамаи шоирон яксон тасвир нашудааст. Шоироне ҳастанд, ки як умр сухан аз ишқу ошиқӣ гуфта, девони ашъори онҳоро ғолибан тасвири ҳолатҳои мухталифи олами ишқ дар бар мегирад. Ҳамчунин шоироне кам нестанд, ки мавзӯи ишқ дар эҷодиёти онҳо мақоми баланд надошта, нисбат ба мавзӯъ ва масъалаҳои дигар мавқеи поинтарро ишғол менамояд. Адибулмамолики Амириро ба гурӯҳи дуюми шоирон дохил кардан мумкин аст. Зеро дар сурудҳои ӯ мавзӯи ишқ ҷои намоёне надорад.

Ин аз як тараф агар ба шоири қасидасаро будани Амирӣ вобаста бошад,[165] аз тарафи дигар чунон ки дидем, таваҷҷуҳи ӯ бештар ба масъалаҳои сиёсиву иҷтимоии замонаи пурошӯбаш равона шуда буд. Аз ин ҷост, ки дар девони бузурги ашъори ӯ, ки зиёда аз 20 ҳазор байтро фаро мегирад, ашъори ишқӣ ҷои ниҳоят каме дорад. Вале аз он намунаи ашъори лирикае, ки дар девони шоир мавҷуд аст, пай бурдан душвор нест, ки Амирӣ дар таранноми эҳсосу ҳаяҷон

---

[164] Ҳамон ҷо, саҳ. 447.

[165] Одатан ҳар шакли шеърӣ дорои мавзӯъҳои ба худ хос мебошад. Масалан барои ғазал ишқ аз мавзӯъҳои асосӣ ба шумор меравад. Дар қасида бошад, мавзӯи ишқ танҳо дар муқаддимаи он — тағаззул баъзан тасвир мешавад.

ва андешаҳои нозуку латифи ишқӣ низ маҳорати баланд доштааст.

Амирӣ ишқро аз хосиятҳои асосии инсон шуморида, зарурати онро дар ҳаёти одамӣ таъкид мекунад ва касеро, ки аз ин неъмати зиндагӣ бархӯрдор нест, инсон намедонад:

> Ҳар киро шӯри ишқ нест ба дил
> Ҷонвар хонамаш, ки одам нест.[166]

Дар сурудаҳои лирикии Амирӣ зебоии маъшуқ, ҳусну ҷамоли фаттони ӯ бо обуранги бадеӣ тасвир шудааст. Маъшуқа дар зебоӣ беҳамтост ва ҳатто андалебон ҳам шефтаи ҳусни ӯ гардида ба наво даромадаанд. Ошиқ бошад ҳастии худро ба ӯ бахшидааст:

> Зи савти андалеб андар чаман ҷонҳо ба рақс ояд
> Магар дар васфи ӯ саргарми достон андалебастӣ?
> Гар ӯро бар фалак ҷонест, ё раб, аз чӣ рӯ доим
> Рухаш чун офтобу панҷа чун кафф-ул-хазибастӣ?
> Чунон овехтам дар домани меҳраш, ки пиндорӣ,
> Зи ҳалқи кӯдакон овехта уд-ас-салибастӣ...[167]

Маъшуқаи шоир на танҳо дар ҳусну латофат ягонаву беҳамтост, балки олами маънавияш низ бою зебост. Ӯ дар сурудани шеър ҳам даст дорад ва дар суханварӣ устод аст. Шоир дар ғазале аз ваъдаи мулоқот бо маъшуқ сухан ба миён оварда, сифатҳои ӯро баён мекунад:

> Бошад душанбе мавъиди дидори он парӣ,
> Майдони ҷонфишониву бозори дилбарӣ.
> Шеъре нигошт посухи шеъри ман он нигор,
> Монанди риштаи гуҳар аз гуфтаи дарӣ...
> Хубон ба ғамза сеҳр тавонанду ёри ман
> Аз шеъри тоза низ кунад сози соҳирӣ...[168]

Маъшуқ ҳарчанд зебою дилфиреб аст, вале нисбат ба ошиқи дилсӯхтааш бераҳму ситамгар буда, ҳар замон нозу истиғно мекунад:

> Аввал, ки маро ба доми хеш овардӣ,
> Сад гуна вафову меҳри беш овардӣ.
> Чун донистӣ, ки ман гирифтори туам
> Бегона шудиву ноз пеш овардӣ.[169]

---

166 Амирӣ. Девон, саҳ. 563.
167 Ҳамон ҷо, саҳ. 502.
168 Ҳамон ҷо, саҳ. 494—495.
169 Ҳамон ҷо, саҳ. 510.

Бо вуҷуди он ки маъшуқ ситамкору бевафост, ошиқ ба ӯ меҳру муҳаббати беандоза дорад ва ба ишқи ӯ содиқу вафодор аст. Ошиқ худро мутеи маъшуқ кардааст ва аз амру фармонҳои вай «сари мӯе кӯтоҳӣ» намекунад:

Гуфт: «Эй дӯст, маро бо чӣ симат мешуморӣ?
Ман чӣ гӯям, ки ту аз ҳоли дилам огоҳӣ.
Қори ман чокариву кори ту фармондиҳист,
Симати банда ғуломӣ, симати ту шоҳӣ...
Ҷуз ғами ишқи ту кори дигарам бадномист,
Ҷуз сари кӯи ту роҳи дигарам гумномист...[170]
Ҳар куҷо пой ниҳӣ, сар ниҳам андар қадамат
Ҷон фишонам ба раҳат, эй санами хиргоҳӣ...[171]

Дар зимни сурудаҳои лирикии Амирӣ муносибати ӯро ба масъалаи ишқ ва ақл низ мушоҳида кардан мумкин аст. Амирӣ монанди шоирони асрҳои пешин дар оппозицияи ишқ ва ақл бартарии ишқро бар ақл эътироф дорад ва қувваи ақлро дар пеши ишқ хеле заиф мешуморад:

Ресмони қазову риштаи ақл,
Пеши занҷири ишқ маҳкам нест.[172]

Ҷои дигар ишқро шаҳриёр хонда, ақл ва мавҷудоти дигарро мутеъ ва фармонбардори ӯ медонад:

Саркашӣ кардем аз фармони ақл, аммо ба тавъ
Шаҳриёри ишқро гардан ба фармон андарем.[173]

Ҳоло аз таҳлили муфассали ин масъала худдорӣ намуда, танҳо ҳаминро хотиррасон мекунем, ки Амирӣ низ чун шоир қуввои эҳсосоти ишқиро нисбат ба муҳокимаҳои ақлӣ болотар медонад.

***

Доираи мавзӯоти ашъори Амирӣ хеле вусъатнок ва доманадор буда, масъалаҳои мухталифи рӯзгор ва замонаи пурошӯбро дар бар мегирад. Чунон ки дар фасли тарҷумаи

[170] Ин шеър дар девони шоир таҳти унвони «қитъа» омада, дорои тарзи қофиябандии абвб... мебошад, ки асосан ба талаботи он шакли шеър ҷавоб медиҳад. Вале аз чӣ сабаб бошад, ки дар ин байт қофия вайрон шудааст. Шояд дар асл «гумроҳӣ» бошад.
[171] Амирӣ Девон, саҳ. 495.
[172] Ҳамон ҷо, саҳ. 563.
[173] Ҳамон ҷо, саҳ. 688.

ҳоли шоир қайд шуд, девони ӯ сарчашмаи мӯътамаде барои муайян кардани лаҳзаҳои гуногуни умраш мебошад. Дар воқеъ, дар девони Амирӣ ишораҳо ба тарафҳои гуногуни зиндагии ӯ хеле фаровон аст. Аз ҷумла дар зимни қасидае Амирӣ ному насаб, шаҷара ва зодгоҳу санаи таваллуди худро аниқ зикр менамояд:

Гар надонӣ кистам, бишнав, ки гӯям
Номи худ бо нисбати аҷдоду обо.
Номи маймунам Муҳаммад Содиқ омад
Бинни Ҳусайн бинни Муҳаммад Содиқ аммо.
Дар ҳақиқат гар нажодам боз хоҳӣ
Шибл Аҳмад сабти Ҳайдар наҷли Заҳро...
Масканам Доин шуд аз мулки Фароҳон
Мавлудам дар Қозарон аз мулки Шарро...[174]

Аз қасидаи дигари Амирӣ, ки соли 1308 ҳ. 1890 м. навишта шудааст, маълум мегардад, ки писари ӯ Исо дар ин овон дусола будааст:

Маро ба хона дарун кӯдаке ба синни ду сол
Бувад ҳуҷаставу фаррухруху бадеъҷамол...[175]

Дар қасидае Амирӣ аз сафарҳои худ ба шаҳру кишварҳои гуногун ёд мекунад. Аз он маълум мешавад, ки ӯ ба шаҳрҳои гуногуни Россия, ба Боку, Ашқобод низ сафар кардааст:

Ҳазор боғ бидидам ману ҳазор чаман,
Қ-аз он кушоишу нузҳат наёфт хотири ман...
Шудам ба хиттаи Боварду аз басар мовард
Ҳаме фишондам бар ёди он ҳакими заман.
Қунун ба хира бувад номи шаҳр Ишқобод,
Ки ишқро набвад ҳеҷ раҳ дар он маскан...
Дубора з-ин ҷо зӣ шаҳри Бодкуба шудам
Чу нақши сикка нишастам ба сиккаи оҳан.[176]

Аз қасидае, ки соли 1330 ҳ./1911м. навишта шудааст, бармеояд, ки Амирӣ дар он вақт вазъи ногуворе дошта, бо кор ҳам таъмин набудааст. Аз ин ҷост, ки шоир аз шароити бади худ шикоят карда, аз ноибуссалтанаи «ҳунарпарвару донишвар» ба вазифаи дабирӣ ба кор қабул карданро хоҳиш намудааст:

---

[174] Ҳамон ҷо, саҳ. 40.
[175] Ҳамон ҷо, саҳ. 320.
[176] Ҳамон ҷо, саҳ. 390—391.

Ҳеҷ донӣ, ки маро ҳол шабонрӯзӣ чист,
Аз ҳуҷуми ғаму ризқи каму афзунии ком?..
Сифлакон ҷумла ба кор андару ман бекорам
Дос шоҳир шуду шамшери ямонӣ ба ниём...[177]

Дар яке аз таркиббандҳояш Амирӣ аз гирифториҳое, ки дучор шудааст, ҳикоят мекунад. Маълум мешавад, ки ҳангоми дар Кирмоншоҳ буданаш, лашкаркаше хонаи ӯро ғорат кардааст.[178]

Аз шеърҳои дигари Амирӣ ҳамчунин номзад (эҳтимол ба депутати маҷлис бошад) шудани ӯ,[179] ба ҳизби «эътидолиюн» мансуб буданаш[180] равшан мегардад.

Чунон ки қаблан қайд шуд, Амирӣ дониши зиёд омӯхта, илмҳои гуногуни замонаашро аз худ намудааст. Дар ин бобат ашъори шоир ҳам гувоҳӣ медиҳад. Дар тағаззуле шоир дамидани субҳро ба воситаи нишон додани вазъияти сайёраҳову ситораҳо бо шарҳи астрономиашон тасвир намудааст. Аз байтҳои зер вуқуфи комили Амириро аз илми нуҷум пай бурдан душвор нест:

Дар корвон навохт дирои оҳанг
Шаб баркашид пардаи нилиранг.
Аво далели раҳ шуд то Шаъро
Созад даруни хаймаи шаб оҳанг,
Хуршед дар тарозу шуд пинҳон
Бе он ки ҳеҷ санҷад аз ӯ ҷавсанг.
Дар қутбҳо Суҳайлу Суҳо чун рух
Ҳар як ба каф гирифта ливои ҷанг.
Баҳрому Тиру Зӯҳраву Қайвон низ
Баста пиёдавор миёнҳо танг...[181]

Ба донишу маълумоти Амирӣ аз илмҳои гуногуни табиатшиносӣ илова бар ишораҳои мухталифи ашъори шоир таълифи асаре бо номи «Тобиши меҳр дар фалакиёт» низ шаҳодат медиҳад. Чунон ки мураттиби девони шоир Ваҳиди Дастгардӣ қайд мекунад, китоби мазкур ҳанӯз ба даст наомадааст ва танҳо 15 байти онро мураттиб дар яке аз сафинаҳои мансуб ба Саид Нафисӣ пайдо кардааст. Порчаи боқимонда дар хусуси ҳодисаҳои табиат нақл карда, аз дониши хуби табиатшиносии ӯ гувоҳӣ медиҳад:

Ҷисмҳои табиӣ аз тартиб
Ё басотат гирифт ё таркиб.

---

177 Ҳамон ҷо, саҳ. 354.
178 Ҳамон ҷо, саҳ. 545.
179 Ҳамон ҷо, саҳ. 364.
180 Ҳамон ҷо, саҳ. 341.
181 Ҳамон ҷо, саҳ. 317.

Он ки бошад мураккаб аз ҷсом,
Бар ду қисм аст ҳамчу ноқису том.
Ҳамчу ҳайвону маъданиву гиёҳ
В-он чу абри сафеду дуди сиёҳ,
Ҳаст ҷисми басит чун афлок,
Ё чу обу ҳавову оташу хок...[182]

Ҳамон навъе ки зикр шуд, Амирӣ бо адабиёт, забон ва маданияти халқҳои араб хеле хуб шиносоӣ дошт. Инро ишораҳои бешумори шоир ба ривоёту ҳаводиси таърихии кишварҳои араб низ гувоҳӣ медиҳад. Масалан, дар қасидае ба ривояти маъруфи доир ба Оли Зиёду Абусуфиён чунин ишора шудааст:

Агар набуданд Оли Зиёду Бӯсуфиён
Ба рӯзгор набуд аз ҳаромзода нишон.[183]

Дар ашъори Амирӣ номи шоирони гузаштаи араб дар мавридҳои гуногун хеле зиёд ёдрас шудааст, ки ин ҳам далели огоҳии хуби ӯ аз адабиёти араб мебошад. Ҳамчунин калимаву ибора, ҷумлаву фикрҳои зиёди арабиро дар ашъори Амирӣ метавон мушоҳида кард, ки дар ин хусус дар фасли оянда баҳс хоҳад рафт.

Масъалаи дигаре, ки дар ашъори Амирӣ бисьёр ба чашм мехӯрад, фахри шоир ба донишу маҳорат, истеъдоду қобилияти худи ӯст. Амирӣ шеъри худро аз шеъри шоирони дигар афзалтару беҳтар медонад:

Шеъри ман зи ноби ҷаъфарист,
Шеъри дигар касон чу римоҳин.[184]

Амирӣ, махсусан, ба мақоми баландаш дар мадеҳасароӣ боварӣ дорад. Ӯ дар зимни қасидае ишора мекунад, ки ба маҳорати баланди суханвариаш профессор Браун[185] низ баҳо додааст:

Маро шумурда Фало Моршон ҳакими бузург
Нигорадам пруфсур Броун адиби калон.[186]

Амирӣ дар хитоб ба мамдӯҳ худро ҳатто бо шоирони бузурги пешин Низомиву Саноӣ монанд мекунад:

---

[182] Ҳамон ҷо, саҳ. 711.
[183] Ҳамон ҷо, саҳ. 394.
[184] Ҳамон ҷо, саҳ. 383.
[185] Ин ховаршиноси маъруфи англис Эдуард Браун аст.
[186] Амирӣ. Девон, саҳ. 412.

Эй шоҳ, ту Шервоншаҳу ин зарра **Низомӣ**,
Эй шоҳ, ту Баҳромшаҳу банда Саноӣ.[187]

Ба ин минвол дар ашъори шоир масъалаҳои гуногун аз ҳодисаву воқеаҳои муҳимми иҷтимоӣ сар карда то тасвири навигариҳои илму техника аз қабили сими электр, афтодани зузанаб (комета) ё шарҳи истилоҳоти қиморбозиву мафҳумҳои астрономӣ, тавзеҳи калимаву истилоҳоти «Авесто», забонҳои арабиву форсӣ ва амсоли инҳоро мушоҳида кардан мумкин аст.

Ҳамаи ин бори дигар аз вусъати доираи назар ва маълумоти пурдоманаи Амирӣ аз илмҳои гуногун шаҳодат медиҳад. Бинобар ин девони шоир дар баробари аҳамияти адабиву эстетикӣ ҳамчунин барои идроки муҳимтарин масъалаҳои иҷтимоиву сиёсии замони шоир, ҳодисаву воқеаҳои таърихӣ ва як қатор масъалаҳои мухталифи рӯзгори ӯ хеле манфиатбахш мебошад.

---

187 Ҳамон ҷо, саҳ. 480.

## Боби III

## БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ЗАБОН ВА УСЛУБИ АШЪОРИ АМИРӢ

Амирӣ, чунон ки дидем, дар замонаи пурошӯбе, ки кишварҳои гуногуни олам ва махсусан, ватани шоир — Эронро парешониву кашмакашҳо фаро гирифта буданд, эҷод менамуд. Ҳамон навъе ки аз таҳлили мазмуну мундариҷаи ашъори шоир бармеояд, эҷодиёти ӯ вазъи кишвар ва муҳимтарин масъалаҳои марбут ба ҳаёти мардумро асосан инъикос намудааст. Вале аз чӣ сабаб бошад, ки Е. Э. Бертельс ба эҷодиёти Амирӣ баҳои баланд дода, зимнан қайд кардааст: «Тасаввуроти нав ба эҷодиёти ӯ (Амирӣ — М. М.) ягон таъсире нарасондааст»[1]. Ба ин фикри эроншиноси маъруф розӣ шудан мумкин нест. Зеро илова бар мундариҷаи ашъори шоир, ки ҳодисаву рӯйдодҳои зиёди замон, бурду бохтҳои инқилоби машрутаи Эрон ва дигар масъалаҳои ҳассоси он давронро инъикос менамояд, сабку услуби нигориши Амирӣ ва махсусан забони ашъори ӯ низ аз рӯйдодҳои муҳимми замон таъсир гирифтааст. Ҳоло аз таҳлилу тадқиқи ҳарҷонибаи забон ва услуби Амирӣ, ки дар воқеъ тадқиқоти ҷудогонаро дархост менамояд, худдорӣ карда, танҳо бо нишон додани баъзе ҷанбаҳои масъалаи мазкур иктифо мекунем ва зимнан дар хусуси таъсири замон ба сабки шоир низ мулоҳизаҳои муқаддимотӣ хоҳем ронд.

Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки Амирӣ аз зумраи қасидасароёни маъруфи асрҳои охир дар адабиёти Эрон ба шумор меравад ва қисми зиёди эҷодиёти ӯро қасида ташкил медиҳад. Зимнан ногуфта намонад, ки эҳтимол фикри болоии Е. Э. Бертельс ҳам аз ҳамин ҷо, яъне дар шакли анъанавии қасида суруда шудани ашъори шоир сар зада бошад. Дар ҳақиқат, қасидаҳои Амирӣ бештар дорои анъанаҳои қадимии

[1] Бертельс Е. Э. Очерк истории персидской литературы. Л., 1928, с. 160.

ин шакли шеър буда, махсусан, қасидаҳои ӯро аз мадҳияҳои шоирони пешин фарқ кардан душвор аст. Зеро системаи образҳо, тасвир ҳама яксону монананд. Масалан, дар қасидае Амирӣ дар тасвири базму разм ҳамон анъанаи пешинро идома додааст:

Ба гоҳи разм надонӣ римоҳро зи риёҳ,
Ба рӯзи базм надонӣ ту молро зи римол...
Ба рӯзи базму тараб лайнуларика туй.
Вале шуҷоу қавиюлшакима гоҳи ҷидол.[2]

Амирӣ дар қасидасароӣ на танҳо анъанаҳои назми форсизабонро идома медод, балки суннатҳои қасидасароии арабиро низ пайравӣ мекард. Ин пайравӣ ҳам дар мавзӯъ, системаи образҳо ва ҳам дар шаклу сохти қасидаҳои Амирӣ зоҳир мегардад. Қасидае, ки бо матлаи зер оғоз меёбад, аз ҳар лиҳоз ба қасидаҳои шоирони араб, махсусан, давраи ҷоҳилияи он шабоҳат дорад:

Чу дар хоб шуд дидаи посбонҳо,
Навои дирой омад аз корвонҳо.[3]

Қасидаи мазкур аз 108 байт иборат буда, 90 байти онро муқаддима ташкил медиҳад. Дар муқаддима васфи корвон, манзараи табиат, ситоиши маъшуқ, ҳасби ҳол барин мавзӯъҳо инъикос ёфтаанд. Чунон ки маълум аст, ин тарзи тасвир ва мавзӯъҳои хоси қасидаҳои арабии давраи ҷоҳилия буданд, ки ба тарзи зиндагии арабҳои он замон робитаи зич дорад. Чунин ҳолатро дар қасидаи дигаре ҳам, ки аз 63 байти он 47 байташро тағаззул дар бар мегирад, мушоҳида кардан мумкин аст. Азбаски қофияи он душвор аст, шоир аз давом додани қасида даст кашидааст:

Боре чу бекарона бошад мадҳаш,
Кӯтаҳ кунам, ки қофия бошад танг.[4]

Хусусияти дигари қасоиди Амирӣ он аст, ки онҳо бо қитъаҳои худи шоир монанд мебошанд. Чанде аз қасидаҳои шоир на танҳо бо мавзӯъ ва мазмун ба қитъа шабеҳанд, балки сохт ва тарзи қофиябандии онҳо низ қитъаро ба хотир меорад. Зеро қасида ҳатман бояд дорои матлаъ буда, ба тарзи аа, ба, вв... қофиябандӣ шавад. Қитъа бошад асосан бе матлаъ мебошад (ба ва са...). Аз ҷумла яке аз қасидаҳои Амирӣ

---

2 Амирӣ. Девон, саҳ. 329.
3 Ҳамон ҷо, саҳ. 5.
4 Ҳамон ҷо, саҳ. 320.

бо ин байтҳо оғоз меёбад, ки беихтиёр бо услубу тарзи байн низ қитъаро хотиррасон мекунад:

Ҳикояте зи мулуки салаф шунидастам,
Ки ҳамчу ман ба шигифтӣ равад, ҳар он ки шунавад.
Ҳазору понсаду ҳафтоду чори мелодӣ
Ки соли нӯҳсаду ҳаштоду ду зи ҳиҷрат бувад.[5]

Ҳамин гуна монандии мазмуну шаклро дар байни тағаззул ва ғазалҳои Амирӣ низ мушоҳида кардан мумкин аст.

Дар девони шоир чанд шеъре мавҷуд аст, ки бо унвони «тағаззул» омада, қисмати мадҳу дуо ва дигар қисматҳои қасидаро надоранд. Тағаззуле, ки бо байти зер шурӯъ мешавад, аз ҳамин қабил шеърҳо буда, ҷамъ аз 12 байт иборат аст:

Моҳи ман бар барги сурӣ аргувон сояд ҳаме
В-аз дили симин садаф ёқути тар зояд ҳаме...[6]

Ин тағаззул аз ҳар ҷиҳат ба ғазали ишқӣ монанд аст ва дар мақтаъ тахаллуси шоир ҳам зикр шудааст:

Аз Амирӣ хостам тадбири ин андеша, гуфт:
Рози дил баргӯю бингар то чӣ фармояд ҳаме.[7]

Зимнан дар бораи тағаззулҳои Амирӣ ҳаминро ҳам бояд зикр кард, ки онҳо аз лиҳози мазмуну мавзӯъ низ хусусиятҳои аҷибе доранд. Одатан тағаззул мавзӯъҳои ишқиву тасвири манзараҳои табиатро дар бар мегирад. Вале баъзан дар эҷодиёти шоирони ҷудогона дар тағаззул ҷой додани мавзӯъҳои дигар ҳам мушоҳида мешавад. Дар яке аз қасидаҳои Амирӣ низ тағаззул масъалаҳои панду ахлоқро дар бар мегирад. Инро аз матлаи он тағаззул равшан мушоҳида кардан мумкин аст.

Мард чу бошад ба вақти кор ҳаросон
Мушкил гардад варо ба дида осон.[8]

Тағаззули дигари Амирӣ ҳам андешаҳои ӯро дар бораи хислатҳои неки инсонӣ монанди ширинзабониву ҳимматбаландӣ ифода менамояд:

---

[5] Ҳамон ҷо, саҳ. 141.
[6] Ҳамон ҷо, саҳ. 498.
[7] Ҳамон ҷо, ҳамон саҳ.
[8] Ҳамон ҷо, саҳ. 367.

Бимонад номи касон аз ду чиз човидон:
Яке зи вусъати хотир, яке зи лутфи забон.[9]

Амирӣ дар навиштани қасида маҳорати баланди суханвариашро ба харҷ додааст. Дар таърихи адабиёт дар қасида овардани ду матлаъ, ки онро таҷдиди матлаъ меномиданд, маъмул буд. Амирӣ дар яке аз қасидаҳояш се матлаъ овардааст, ки сарахбори ду тағаззули ба мавзӯъҳои гуногун бахшида шуда мебошанд. Худи шоир ба матлаъҳо ишора менамояд ва мусобиқа доштанашро бо қасидасароёни маъруфи гузаштаи араб ишора мекунад:

Хезу Амирӣ биёр матлаи дуввум, ки табъ
Ханда ба Ҳассон намуд, таъна ба Бушшор зад...
. . . . . . . . . . . . . .
Матлаи саввум хуш аст хондан дар бори мир
Чанд тавон бо хаёл нақши севу чор зад.[10]

Қасидаи дигари Амирӣ бошад дорои чаҳор матлаъ мебошад.[11]

Қасидаҳои Амирӣ, махсусан, қасидаҳои мадҳии ӯ асосан ба тариқи анъанавӣ навишта шуда, дорои қисматҳои тағаззул, гурез, мадҳ, дуо мебошанд. Вале дар иддае аз қасидаҳои шоир ин қисматҳои анъанавӣ риоя нашудаанд. Масалан, қасидаи «ватания»-и Амирӣ хитобан ба фарзанди Шарқ навишта шуда, оҳанги пурэҳтироси публицистӣ дорад ва танҳо ду байти охири он мадҳи мамдӯҳро дар бар мегирад.[12]

Дар зимни қасидаҳои мадҳӣ овардани ҳикоятҳои сюжетдор хеле кам иттифоқ меафтад. Вале Амирӣ дар яке аз қасидаҳояш ҳикояти тӯлонии таърихиеро, ки аз 56 байт иборат аст, нақл карда дар охир мамдӯҳро ба қаҳрамони ҳикоя монанд месозад. Шоир ҳикоятро чунин оғоз мекунад:

Бишнав ҳикояте, ки дар ин рӯзгор
Афтод иттифоқ дар ин буму сарзамин.[13]

Қасидаҳои Амирӣ умуман бо услуби мутантану то андозае мураккаб навишта шудааст. Махсусан, истифодаи кали-

---

9 Ҳамон ҷо, саҳ. 405.
10 Ҳамон ҷо, саҳ. 137.
11 Ҳамон ҷо, саҳ. 353.
12 Ҳамон ҷо, саҳ. 475—487.
13 Ҳамон ҷо, саҳ. 378.

маву ибора ва таъбиру ҷумлаҳои арабӣ, ишораҳои зиёд ба ҳадису оёти Қуръон, зикри ҳодисаву воқеа ва номи ашхоси таърихиву ривоятӣ, ки дар ин бобат сонитар сухан хоҳад рафт, мураккабии услуби қасоиди Амириро бештар карда аст.

Бар хилофи ин маснавиҳои Амирӣ бо услуби содда навишта шудааст. Шояд яке аз сабабҳои соддагии услуби маснавиҳои Амирӣ дар он бошад, ки ӯ дар сурудани маснавӣ асосан ба «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ пайравӣ кардааст. Инро тарзи баён, вазну оҳанг ва ҳатто таркиби алфози маснавиҳои Амирӣ (ҳарчанд аз лиҳози ҳаҷм хеле кӯтоҳанд) тасдиқ менамоянд. Беҳуда нест, ки Амирӣ ба яке аз нашрҳои «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ тақризи манзуме навишта зимнан он шоири бузургро хеле ситоиш кардааст:

Аё бод бигзар сӯи хоки Тӯс
Пур аз нофа кун мағзи ҷонро зи бӯс.
Ба Фирдавсӣ аз ман расон ин паём,
Ки имрӯз гетӣ туро шуд ба ком.
Ба боғат пас аз нӯҳсаду анд сол
Баромад гулу борвар шуд ниҳол...[14]

Амирӣ дар маснавӣ ва қитъаҳояш низ ҳикоятҳои тамсиломезро овардааст ва тавассути онҳо масъалаҳои гуногуни иҷтимоиву сиёсӣ ва ахлоқиро ифода намудааст. Аз ҷумла дар маснавие тамсили рӯбаҳи ҳилагару бузи гӯлу содда оварда шуда, дар охир масъалаи интихоби дӯст ба миён гузошта мешавад ва аз дӯсти бад барҳазар будан талқин мегардад. Ба назари мо манзури шоир аз дӯсти бад пеш аз ҳама сармоядорони дӯстнамои аҷнабиянд. Инро ҳарчанд худи шоир ошкоро намегӯяд, вале аз хитоби зерини буз ба рӯбоҳ дарк кардан мумкин аст:

Бузи бечора гуфт: «Эй мисью
Дӯстро дар бало манеҳ ба гарав».[15]

Пӯшида нест, ки «мисью» гуфтани буз ишоратест ба хориҷӣ будани ҳариф.

Чунон ки зикр шуд, Амирӣ асосан шоири қасидасаро буда, ғазал хеле кам сурудааст. Вале он чанд ғазали ангуштшумор ҳам хеле соддаву равон ва латиф буда аз қасоиди ӯ фарқ мекунанд.

Дар девони Амирӣ чанд суруд ҳаст, ки онҳо аз лиҳози

---

[14] Ҳамон ҷо, саҳ. 665.
[15] Ҳамон ҷо, саҳ. 625.

сохту бандубаст ва вазну оҳанг хеле аҷибанд. Масалан, «Суруди шодӣ» аз бандҳои себайтӣ таркиб ёфтааст ва ҳар байт дорои қофия ва вазни ба худ хос мебошад. Ба ҳамин минвол бандҳои дигар ҳам мутаносибан бо ҳамон вазну қофияи байтҳои банди аввал суруда шудаанд.

«Суруди ғам» бошад аз бандҳои семисраӣ иборат аст, ки мисраи сеюми ҳар банд мисли нақарот такрор мешавад. Ин мисраъ аз лиҳози вазн бо вазни умумии шеър мувофиқат намекунад.

Дар «Суруди миллӣ» ҳар банд аз 12 мисраъ иборат аст. Вале ин мисраъҳо кӯтоҳу дароз буда бо вазнҳои мухталиф навишта шудаанд. 2 байти аввал бо як вазн, се мисраи сонӣ бо як вазн, се мисраи сеюм бо вазни дигар ва як байти охир бо вазни дигар мебошанд. Ҳар кадоми ин байтҳои дастабандишуда дорои қофияи худ низ мебошанд. Ҳоло аз таҳқиқи ҳарҷонибаи сурудҳои шоир худдорӣ намуда, танҳо ҳаминро қайд мекунем, ки дар сохти ин сурудҳо таъсири тароноҳои халқӣ хеле калон буда, онҳо барои бо овозу оҳанг хондан навишта шудаанд.

Ҳамчунин дар девони Амирӣ анвои дигари шеър монанди қитъа, рубоӣ, мусаммат, таркиббанд, фард мавҷуданд, ки ба мавзӯъҳои гуногун бахшида шуда, аз лиҳози сохту услуб дорои хусусиятҳои анъанавианд.

Дар девони Амирӣ таркиббанде мавҷуд аст, ки «Ҳашаротул-арзи баҳористон» ном дошта, аз лиҳози мавзӯъ ва услуби баён дорои хусусиятҳои хос мебошад ва аз дигар таркиббандҳои шоир тафовут дорад. Таркиббанди мазкур то андозае «Баҳориёт»-и Сайидои Насафиро ба хотир меорад. Вале ин маънии онро надорад, ки Амирӣ таркиббанди худро дар пайравии Сайидо сурудааст. Зеро эҳтимол Амирӣ аз маснавии шоири тоҷик иттилое надошта бошад, чунки Сайидо дар Эрон шӯҳрат надошт.

Дар таркиббанд шоир бо фаро расидани баҳор ҳашаротро ба берун шудан аз лона даъват мекунад ва сипас хислатҳои хоси ҳар яке аз ононро баён менамояд. Шоир асосан хислату хусусиятҳои манфию зарарноки онҳоро гӯшзад карда дар баъзе мавридҳо ба хислатҳои манфури одамон монанд мекунад. Усули баёни шоир дар ин таркиббанд мутоибавӣ буда, барои фошу ошкор сохтани хислатҳои манфӣ хеле созгор омадааст:

Хангоми баҳор омад, ҳон, эй ҳашарот-ул-арз,
Аз лона бурун оед афзуда ба тӯлу арз,
Созед зи якдигар нешу думу дандон қарз
В-озори халоикро донед ҳамедун фарз.

Вақт аст, ки ҳар мӯре симурғ нишон гардад
В-аз боди баҳорӣ маст чун бодакашон гардад.[16]

Бояд гуфт, ки ин тарзи баён, яъне усули худфошкунӣ яке аз хусусиятҳои услубии ашъори Амирӣ ба шумор меравад. Дар шеърҳои шоир ҳаҷву танқиди шахсони гуногун бештар бо ин усул сурат гирифтааст. Шоир аз забони он ашхос онҳоро мавриди сарзаниш қарор медиҳад. Ба ин восита хислатҳои ношоями онҳо хеле равшан ифода меёбад. Масалан, дар рубоие шайх Абдуннабӣ хислатҳои худро ба ин тариқа фош месозад:

Маъруф ба бединиву ломазҳабиям
Дар илм кам аз муаллими мактабиям.
Бо дини набӣ ҷидол дорам шабу рӯз
Ҳарчанд ба ном шайх Абдуннабиям.[17]

Дар маснавие, ки аз забони Ҳоҷӣ-бибӣ гуфта шудааст, шоир фосидии ахлоқу рафтори ашрофони даврро дар мисоли оилаи қозие нишон додааст. Ҳоҷӣ-бибӣ аз ахлоқи додару хоҳарон ва шавҳару хешовандонаш сухан меронад ва маълум мешавад, ки аксари онҳо дорои хислатҳои манфианд ва дар оилаи онҳо носозгорӣ ҳукмрон аст:

Ман, ки дар донишу ҳунар тоқам,
Шамъи айвону шамси офоқам.
Духтари қозии Нишопурам,
Моҳи Парвизу шоҳи Шопурам...
Шавҳарам рафтааст дар турбат
Аз ватан рӯ ниҳода дар ғурбат.
Бар камар зад зи чобукӣ домон
То ки назмияро диҳад сомон.
Қори назмияро накарда дуруст
Хуфт бо духтари раёсати пуст.[18]

Усули баёни худфошӣ дар қитъаҳои мутоябавии Амирӣ хеле моҳирона корбаст шудааст. Шоир аз забони ашхоси бадкирдор корҳои ношоями онҳоро гӯшзад мекунад:

Афзалулмулки дурӯғиву адиби зӯрақӣ
Хони маснӯъиву муставфии шилтоқӣ манам.
Ворисӣ ҳар мурда аз риндиву тарроҳӣ манам,
Зоири ҳар суфра бо ҷилдеву қаброқӣ манам...
Аз фузулу фазла ҷуз ман афъалуттафзил нест
В-он ки нашносад ба гетӣ фозил аз боқӣ манам.[19]

---

[16] Ҳамон ҷо, саҳ. 516.
[17] Ҳамон ҷо, саҳ. 366.
[18] Ҳамон ҷо, саҳ. 615—616; Пуст — почта.
[19] Амирӣ. Девон, саҳ. 715.

Чунон ки мебинем, дар бисьёр шеърҳои танқидии Амирӣ оҳангу лаҳни мутоиба (юмор) ҷой дорад ва инро аз хусусиятҳои услубии ашъори ӯ шуморидан мумкин аст. Ба ин «хусусияти хоси як қатор шеърҳои Амирӣ»[20] Е. Э. Бертельс низ ишора карда буд. Дар ҳақиқат, ҳаҷву мутоибаи шоир хеле нозук ва нишонрас буда, дар бисьёр мавридҳо нимшӯхиву нимҷиддӣ садо медиҳад.

Дар як маснавии кӯтоҳе шоир аз забони шахси бепарвое бо як истеҳзову мутоиба камбудиву нобаробариҳои замонаро фош менамояд. Аз муҳокимаҳои соддалавҳонаи байтҳои аввали шеър бечорагиву беҳолӣ ва сустиву беиродагии мардум равшан ҳувайдост:

Моро чӣ, ки боғ лола дорад
Моро чӣ, ки хаста нола дорад...
Мо дар ғами хеш нола дорем,
Қ-андӯҳи ҳазорсола дорем.
Ҳастем чу мурғи паршикаста
Аз тири қазо нажанду хаста.[21]

Ба ин минвол дар байтҳои охир шоир вазъи мардуми бенаворо тасвир мекунад.

Зимнан ногуфта намонад, ки ҳаҷви Амирӣ дар баъзе мавридҳо хеле сахт ва аз ҳадди одоб берун аст. Аз ҷумла дар таркиббанде, ки ба ҳаҷви шайхе равона шудааст, алфозу дашномҳои хеле қабеҳ истифода гаштаанд.[22]

Услуби ашъори Амирӣ ва системаи образҳои ӯ ба санъатҳои шеърӣ асос меёбад. Амирӣ, ки дар мактаби назми классикии форсӣ тарбия ёфта буд, таносубу ҳамоҳангии санъатҳои бадеӣ ва образҳои маъмулии назмро ҳамеша риоят мекард. Таҳлилу тадқиқи ҳарҷонибаи поэтикаи Амирӣ кори пурдомана буда, эҳтиёҷ ба баррасии ҷудогона дорад. Ҳоло бо зикри баъзе мулоҳизаҳо дар хусуси чанде аз санъатҳои бадеӣ дар ашъори шоир иктифо хоҳем кард.

Ташбеҳоти Амирӣ бештар конкретиву махсус буда, барои равшан ва барҷаста ифода намудани матлаб хидмат кардаанд. Дар қасидае, ки ба тавсифи моҳи фарвардин бахшида шудааст, моҳи мазкур, ки ғайриконкретист ба ашхос монанд мешавад:

Ало, эй фарвадин, моҳи хуҷаста,
Ҳакими бихраду устоди фозил.

[20] Бертельс Е. Э. Очерк истории персидской литературы, с. 160.
[21] Амирӣ. Девон, саҳ. 615.
[22] Ҳамон ҷо, саҳ. 709—711.

Ало, эй довару дорои фаррух,
Ало, эй сарвару солори одил...[23]

Дар буньёди ташбеҳоти Амирӣ инсон ва узвҳои он мақоми асосиро дорад. Шоир махсусан, дар тасвири ашьёҳои табиат аз узвҳои инсон бештар баҳра мегирад. Аз ҷумла дар тасвири субҳ барин падидаи табиат Амирӣ менависад:

Гашт ба гоҳи сапедадам шаби торик
Пире тирарухи сапедмаҳосин.[24]

Дар тасвиру тавсифи инсон бошад шоир аз ашьёҳои зебои табиат истифода мебарад. Дар қасидае шоир кафи дастони мамдӯҳро ба дарахти барӯманд монанд мекунад:

Ҳар ду кафат ҳамчу ду дарахти барӯманд,
Гашта зи теғу қалам завотоафнон.[25]

Баъзе ташбеҳҳои Амирӣ бикру тоза буда, дар назари аввал то андозае дурушт менамоянд. Вале агар ботааммуқ ба он образҳои зоҳиран дурушт нигарем, бамавқеъ будани онҳо дар офаридани як манзараи ҷаззоби табиат равшан мегардад:

Рухи хур ба меғи сиёҳ гашт пинҳон
Чу дар зери пар байзаи мокиёнҳо.[26]

Азбаски Амирӣ асосан шоири қасидасарост, табиист, ки муболиға дар шеърҳои ӯ хеле зиёд истифода мешавад. Дар қасидае шоир писари дусолаи худро васф намуда ба таври иғроқомез менависад:

Дилаш муояна кӯҳест з-оҳану пӯлод
Агар зи оҳану пӯлод дидай ту ҷибол...
Зи бонги шер натарсад, ки заҳраи шерон
Ҳаме бидаррад саҳмаш ба размгоҳи риҷол.[27]

Ё худ дар тасвири сӯхторе, ки зимни ҷанг ба вуҷуд омадааст, шоир муболиғаи аҷиберо ба кор бурдааст, ки тасвирро хеле назаррас ва барҷаста намудааст:

---

[23] Ҳамон ҷо, саҳ. 333.
[24] Ҳамон ҷо, саҳ. 397.
[25] Ҳамон ҷо, саҳ. 370.
[26] Ҳамон ҷо, саҳ. 5.
[27] Ҳамон ҷо, саҳ. 326.

Агар ситора шавад абру осмон дарьё,
Хамӯш кай кунад ин кӯҳи оташафшонро.[28]

Санъати киноя низ дар ашъори Амирӣ хеле моҳирона истифода шудааст. Ин санъат, махсусан, дар ҳаҷвияҳои шоир ва шеърҳое, ки ба танқиди ашхоси гуногун бахшида шудаанд, бамаврид ба кор рафта, барои нишонрас шудани матлаб кӯмак расондааст. Дар ҳаҷву танқиди зулму бедодиҳои амалдори номӣ Амҷадуссултон, ки дар вазорати адлия муовин будааст, кинояи нозуке корбаст шудааст:

Ҳаққи мардумро кунад зоеъ, зиҳӣ маҷду шарофат,
Зулму бедод аст аз ӯ шоеъ, зиҳӣ қадру ҷалолат.[29]

Дар қитъае, ки хеле кӯтоҳ буда ҳамагӣ аз 2 байт иборат аст, шоир бо кинояву мутойиба вазири адлияро ба саги мушовир, ки бешубҳа шахси хориҷист, монанд мекунад:

Зи ман, эй сабо, ниҳонӣ ту ба мусташор баргӯ,
Саҳар омадам ба кӯят ба шикор рафта будӣ.
Хабар аз вазир ҷустам, ки набуд дар рикобат,
Ту, ки саг набурда будӣ, ба чӣ кор рафта будӣ.[30]

Байти охирини яке аз қитъаҳои Амирӣ бо калимаи «сапедӣ» шурӯъ шуда, бо калимаи «сиёҳ» поён меёбад, ки ин калимаҳо аз лиҳози маънӣ муқобили ҳам буда, санъати тазодро ташкил медиҳанд:

Сапедии олам зи Машриқ асту валек
Насиби доно дар Машриқ аст рӯзи сиёҳ.[31]

Дар байти мазкур мақсади шоир лафзбозиву зикри санъат набуда, балки ифодаи вазъи ногувори донишмандони Шарқ аст. Санъати тазод бошад ин матлаби шоирро равшану возеҳ ва муассиртар ба зуҳур расонидааст.

Дар ашъори Амирӣ, чунон ки зикр шуд, зикри номи ашхоси таърихиву ривоятӣ хеле фаровон аст. Шоир аз санъати талмеҳ дар мавридҳои мухталиф гоҳ дар зимни мадҳу гоҳ дар зимни ҳаҷв ва ё зикри матолиби дигар бамаврид истифода кардааст.

Аз ҷумла шоир дар тарҷеъбанде ҳангоми мадҳи мамдӯҳ

---

[28] Ҳамон ҷо, саҳ. 5.
[29] Ҳамон ҷо, саҳ. 403.
[30] Ҳамон ҷо, саҳ. 503.
[31] Ҳамон ҷо, саҳ. 476.

аз шахсони маъруфи таърихӣ — Чингизу Арғун, Қоону Афлотун ёд мекунад:

Ба ситват ҳамчу Чингизӣ, ба ҳашмат ҳамчу Арғунӣ,
Ба ҳиммат ҳамчу Қоонӣ, ба ҳикмат чун Фалонтунӣ.[32]

Дар ашъори Амирӣ як қатор санъатҳои лафзӣ низ истифода шудаанд, ки барои латифу хушоҳанг гаштани шеърҳо мусоидат кардаанд. Аз санъатҳои лафзӣ, махсусан, такрор дар ашъори Амирӣ зиёд ба кор рафтааст. Аз навъҳои такрор бошад, такрори калимаҳои аввали мисраъ ё байт зиёдтар ба назар мерасад. Вале шоир бештар он калимаҳоеро такрор мекунад, ки дар байт бори маънии асосиро мекашанд ва такрори онҳо барои таъкиди ягон фикру андеша ва эҳсосе кӯмак мерасонад.

Масалан, дар зимни мадҳи мамдӯҳ шоир ҳадафи ситоишро бо таъкиди «ту» дар аввали мисраъҳо таъйид менамояд.

Ту гардуниву хуршедат чу афсар,
Ту хуршедиву гардунат чу тавсан.[33]

Амирӣ барои таъкиди фикру андеша ва ё матлабе санъати аксро низ хеле моҳирона истифода кардааст. Дар байти зер барои таъкиди ситоиши май санъати акс мадад расондааст:

Равшании чашми ҳама мардум май бошад,
Май бувад равшании чашми ҳама мардум.[34]

Дар мавридҳои зарурӣ барои таъкиди матлабе ва ҷалб кардани таваҷҷӯҳи хонанда ба он матлаб санъати таҷнис ҳам нақши муҳимме дорад. Аз ин ҷост, ки дар шеърҳои Амирӣ ҳам баъзан истифодаи ин санъатро мушоҳида кардан мумкин аст. Байти зер, ки аз як тараф вазъи ногувори моддии шоир ва аз тарафи дигар сарбаланду боифтихор будани ӯро ифода мекунад, дар истеъмоли моҳиронаи санъати мазкур мисоли барҷастае шуда метавонад:

То ба кай баҳри ду нон саҳраи дунон бошам
Дард аз он беҳ, ки залил аз ҷаи дармон бошам.[35]

Суханбозӣ дар байти мазкур бамавқеъ буда, барои рав-

---

[32] Ҳамон ҷо, саҳ. 542.
[33] Ҳамон ҷо, саҳ. 373.
[34] Ҳамон ҷо, саҳ. 357.
[35] Ҳамон ҷо, саҳ. 358.

шан ифода кардани вазъи шоир ва ҳолати рӯҳии ӯ ёрӣ мерасонад. Тамоми матлаб дар ин байт дар меҳвари калимаи «дунон», ки дар мавриди аввал маънии дуто нон ва дар мавриди дуюм маънии одамони пасту сифларо ифода мекунад, чарх мезанад. Ин як байт ҳам маҳорати баланди суханварии Амириро дар истифодаи бамавриди санъатҳои лафзӣ нишон медиҳад.

Чунон ки зикр шуд, дар ашъори Амирӣ санъатҳои бадеӣ на барои суханбозиву шаклпарастӣ, балки барои таъкиди ин ё он матлаб ва хушоҳангу латиф, зебою дилнишин шудани шеър ба кор рафтаанд. Аз ин ҷост, ки дар бисьёр мавридҳо ҷудо кардани ин ё он санъат дар шеърҳои ӯ душвор аст. Масалан, дар байти зер чанд санъати лафзиву маънавӣ бо ҳам омада барои ифодаи возеҳу муассири матлаб мадад расондаанд:

Шикаст дасти сухан пушти он сухандонон
Аз он сипас, ки суханро буданд пушту паноҳ.[36]

Таҳлили санъатҳои бадеиро дар ашъори Амирӣ боз ҳам давом додан мумкин аст ва дар ин мавзӯъ мисолҳои зиёде дар девони шоир мавҷуданд. Вале тадқиқи ҳарҷонибаи ин мавзӯъ кори алоҳидаеро дархост мекунад ва аз маҷоли ин рисола берун аст.

Чунон ки дидем, Амирӣ дар мактаби назми бою қадимии халқҳои форсизабон тарбия ёфта дар ашъори худ пеш аз ҳама анъанаҳои онро идома додааст. Идомаи анъанаи гузаштагон, махсусан, дар қасидаҳои шоир равшан ҳувайдост. Қасидаҳои шоир аз ҳар лиҳоз ба қасидаҳои шоирони пешин шабоҳат дошта, дар баъзе мавридҳо, агар номҳои мамдӯҳонро ба назар нагирем, аз қасидаҳои асрҳои XI—XII фарқ кардан ниҳоят душвор аст.

Аксари чунин қасидаҳои Амирӣ дар пайравии қасидасароёни маъруфи гузашта навишта шудаанд. Аз ҷумла қасидаи тӯлоние, ки дорои ду матлаъ буда, аз қасидаҳои шоирони пешин ҳеҷ тафовуте надорад, дар пайравии яке аз қасидаҳои шоири қарни XI Ғазоирии Розӣ суруда шудааст. Худи шоир ҳам дар охири қасида ба пайравиаш ишора намуда, мисраеро аз қасидаи Ғазоирӣ овардааст:

Бад-ин арӯзу кавофӣ Ғазоирӣ гӯяд:
«Агар камол, ба ҷоҳ андар асту ҷоҳ ба мол».[37]

---

[36] Ҳамон ҷо, саҳ. 476.
[37] Ҳамон ҷо, саҳ. 330.

Аз байтҳои охири қасидаи дигари Амирӣ маълум мегардад, ки он дар пайравии қасидаи маъруфи Манучеҳрӣ навишта шудааст:

Дар ин чома бад-он баҳру қавофӣ
Назар кардам, ки гуфт он марди фозил—
Манучеҳрӣ ҳакими домғонӣ
«Ало, ё хаймагӣ, хайма фурӯ ҳил».[38]

Ба ин минвол Амирӣ дар охири қасидаҳояш ба шоирон, ки ба шеърҳояшон пайравӣ кардааст, ишора менамояд. Амирӣ ба ин тариқ ба қасидаҳои Носири Хисрав, Анварии Абевардӣ, Хоқонии Шервонӣ, Саъдии Шерозӣ, Абулфараҷи Рунӣ пайравӣ карда ҷавобияҳо гуфтааст ва ё байту мисраи қасидаҳои онҳоро тазмин кардааст.

Амирӣ ҳамчунин ба ғазалу қитъаҳои шоирони пешин ҳам пайравӣ намудааст. Аз ҷумла дар байтҳои зерини яке аз қасидаҳои Амирӣ таъсири қитъаи машҳури Ҷомиро, ки бо мисраи «Ба дандон рахна дар фӯлод кардан» оғоз меёбад, пай бурдан мумкин аст:

Ба чанголи патьёра дар хун тапидан
Беҳ аз хуни дил дар кашидан ба хонҳо.
Ба дандони шер уфтодан аз он беҳ
Ки нози пизишкон ба беморситонҳо.[39]

Ҳамин тавр, Амирӣ дар пайравии Ҷалолиддини Румӣ, Хоҷуи Кирмонӣ, Саъдӣ, Шайбонии Қошонӣ ғазалу қитъа сурудааст.

Амирӣ на танҳо ба шоирони форсизабон, балки ба қасидасароёни маъруфи араб низ пайравӣ кардааст. Хусусиёти аҷиби чунин пайравиҳои шоир он аст, ки ӯ ба қасидаҳои арабӣ ба забони форсӣ ҷавоб гуфтааст. Ба ин худи шоир дар охири қасидааш ишора мекунад:

Бар он қавофӣ бастам ман ин қасида, ки гуфт
Абулфаворис мадҳи Муғисидин Маҳмуд.[40]

Қасидаи дигари Амирӣ бошад дар пайравии қасидаи арабии Маҳьёри Дайламӣ эҷод шудааст.

Забони ашъори Амирӣ низ дорои хусусиятҳои ҷолибе мебошад, ки ҳоло иҷмолан чанде аз онҳоро аз назар хоҳем гузаронд.

---

38 Ҳамон ҷо, саҳ. 339.
39 Ҳамон ҷо, саҳ. 8.
40 Ҳамон ҷо, саҳ. 148.

Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки забони ашъори Амирӣ хеле ғанӣ ва рангин аст ва камтар шоиреро пайдо кардан мумкин аст, ки таркиби луғавии навиштаҳояш ин қадар гуногун ва ғанӣ бошад. Агар замоне тадқиқи статистикии таркиби луғавии шоирони ин давра анҷом ёбад, бешубҳа девони ашъори Амирӣ дар ғановату боигарии калом мумтоз дониста хоҳад шуд. Ин ғановату боигарии фонди луғавии ашъори Амирӣ бо роҳҳои гуногун сурат гирифтааст, ки ҳоло бо зикри мухтасари чанде аз онҳо иктифо хоҳем кард.

Яке аз роҳҳои асосии бойшавии забони ашъори Амирӣ ин истифодаи хеле фаровони калимаву луғатҳои арабист. Барои мисол байти зеринро гирем, ки ба ҷуз феъли «оянд» ва пешоянди «ба» дигар калимаҳои он ҳама арабиюласланд:

> Нуррату шавкату юмнаш бо ямин оянд,
> Давлату неъмату юсраш ба ясор оянд.[41]

Дар байти мазкур, албатта, он калимаҳои арабие истифода шудаанд, ки дар забони форсӣ мустаъмаланд. Вале дар девони шоир байтҳое низ кам нестанд, ки мисраъҳои онҳо ва ё худи онҳо саросар аз калимаву ибораҳои арабӣ таркиб ёфтаанд. Барои мисол байти зеринро гирем, ки як мисраи он арабист:

> Нахустин дай намуд оғози бидъат
> رماه الله بأى لطا صلل[42]

Омили дигаре, ки боиси бойшавии таркиби луғавии ашъори Амирӣ гаштааст, истифодаи калимаҳои архаистӣ ва қадимии форсӣ мебошад, ки дар замонӣ шоир маъмул набудаанд. Масалан, дар байти зерини шоир чанд калимаеро дучор омадан мумкин аст, ки аз ҳамон қабиланд:

> Авора нигоронам аз божу сов
> Шаванд андар он бо қалам кунҷков.[43]

Ё худ шоир шакли қадимии феълро, ки бо илова кардани суффикси **о** сохта мешуд, чандин маротиба ба кор мебарад, ҳарчанд дар забони осори бадеии асрҳои охир истифодаи суффикси мазкур тақрибан ба назар намерасад. Ин ҳо-

---

[41] Ҳамон ҷо, саҳ. 159.
[42] Ҳамон ҷо, саҳ. 332.
[43] Ҳамон ҷо, саҳ. 663.

латро дар байти зерини Амирӣ мушоҳида кардан мумкин аст.

Агар ин сарам зери пар монадо
В-агар афсарам зери сар монадо.[44]

Амирӣ дар истифодаи калимаҳои форсиасл низ ба ифроҳ дода, дар қасидае саъй кардааст, ки ягон калимаи арабиву туркиро ба кор набарад:

Ин чома ман ба порсии вежа бастаам
Набвад дар ӯ зи тозиву туркӣ яке навод.[45]

Дар ин қасида як қатор калимаҳои тозае ба назар мерасанд, ки иддае аз онҳо сохтаи худи шоиранд.

Чунон ки қаблан зикр шуд, Амирӣ дорои маълумоти зиёде буда аз илмҳои гуногун баҳравар гаштааст. Дониш ва маълумоти васеи шоир ба забони ашъори ӯ ва боигарии таркиби луғавии он низ бетаъсир намондааст. Аз ашъори Амирӣ пайдост, ки ӯ на танҳо ба соҳаҳои гуногуни илму дониш, балки ба омӯзиши ҷараёну анҷуманҳои мухталиф ва шуғлу ҳунарҳои зиёди амалӣ низ шавқу ҳаваси калон доштааст. Аз ҷумла шоир ба рамлу раммолӣ (фолбинӣ) низ таваҷҷӯҳ намуда, онро хуб омӯхтааст. Дар чанд шеъре, ки дар девони шоир мавҷуд аст, истилоҳоти зиёди фолбинӣ ва роҳҳои амалии он тасвир шудааст[46].

Хусусияти дигари забон ва услуби ашъори Амирӣ он аст, ки дар шеърҳои ӯ зикри номҳои таърихиву асотирӣ хеле фаровон аст. Ин то андозае дарку фаҳмиши ашъори ӯро мушкил сохтааст. Беҳуда нест, ки мураттиби девони шоир донишманди хуби таърихи маданияти Эрон Ваҳиди Дастгарди қариб дар ҳар саҳифа чандин шарҳу тавзеҳ додааст. Аз ин лиҳоз услуби Амирӣ то андозае услуби Хоқонии Шервониро ба хотир меорад.

Чунон ки аз тарҷумаи ҳоли Амирӣ пайдост, ӯ ба забонҳои аврупоӣ ҳам ошноӣ дошта, аз ҷумла забони франсавиро хуб медонистааст ва ҳамчунин аз навигариҳои илму фанни замона огоҳӣ доштааст. Инъикоси ин ҳолатро низ дар ашъори шоир мушоҳида кардан мумкин аст.

Худи шоир ба донистани забонҳои гуногун чунин ишора мекунад:

---

[44] Ҳамон ҷо, саҳ. 637.
[45] Ҳамон ҷо, саҳ. 167. «Навод» ба маънии калима.
[46] Ниг.: Ҳамон ҷо, саҳ. 716—718.

Аз фронса «дан маво», аз лафзи тозӣ «аътано»
З-инглисӣ «гьювми», аз гуфти туркӣ «верманe».[47]

Аз ин ҷост, ки дар ашъори Амирӣ калимаву истилоҳоти забонҳои аврупоӣ низ баъзан ба назар мерасад. Масалан, дар байти зер калимаҳои «микроб» ва «микроскоп» истифода шудаанд:

Қ-эй дофеи ҳар микруб, кун чораи ин микруб,
Қ-ӯ дида нахоҳад шуд бе олати микрускуб.[48]

Дар ашъори Амирӣ ҳамчунин калимаву истилоҳоти забонҳои хориҷӣ аз қабили газ, оксиген, карбон, протест, туалет, одеколон моҳирона истифода шудаанд.

Дар девони Амирӣ чанд манзумае ҳаст, ки аз шеър дида бештар ба рисолача ва ё фарҳангномаи хурди манзум монанданд. Зеро онҳо ҳарчанд дорои қофияву вазн мебошанд, вале аз образҳои шеърӣ холӣ буда, шарҳу тафсир ва ё тарҷумаи калимаву истилоҳоти гуногунро фаро мегиранд. Аз ҷумла манзумае, ки бо байти зер оғоз меёбад, тарҷумаи калимаҳои франсавиро ба форсӣ дар бар мегирад:

Бувад ба лафзи фаронсӣ аё нигори ҷамил
Худо-див, прафт-анбиёву гид-далел.[49]

Манзумаи дигари Амирӣ бошад фарҳангчаи бисёрзабонаро ба хотир меорад, ки дар он бештар муродифҳои форсиву арабӣ зикр мешаванд:

Ҳазор аст булбул, ғуроб аст зоғ,
Кулангг аст каркӣ, уқоб аст муд.[50]

Баъзан муродифҳои туркӣ ҳам оварда мешавад:

Ваколат бувад баргуморӣ валек
Ту кенгош дон машварат, бим-бок.[51]

Дар фарҳанги манзум инчунин муродифҳои англисиву франсавӣ ва русӣ ҳам зикр мешаванд:

Заръ аз тозӣ, газ аст аз порсӣ, метр аз фаранг,
Сажень аз русӣ в-аз инглисӣ ҳаст ярд.[52]

---

[47] Ҳамон ҷо, саҳ. 455.
[48] Ҳамон ҷо, саҳ. 518.
[49] Ҳамон ҷо, саҳ. 747.
[50] Ҳамон ҷо, саҳ. 728.
[51] Ҳамон ҷо, саҳ. 730.
[52] Ҳамон ҷо, саҳ. 732.

Дар девони Амирӣ чанд шеъри тарҷумавӣ, ки яке аз забони арабӣ ва дигаре аз забони маҳаллие баргардонида шудааст, мавҷуданд, ки аз маҳорати баланди тарҷумонии шоир ҳам гувоҳӣ медиҳанд.

Амирӣ ба миқдори хеле кам бошад ҳам илова ба шеърҳои комилан ба забони арабӣ навишташуда дар санъати ширу шакар ё худ муламмаъ низ шеър гуфтааст. Шеъри «Суруди ватан» аз 8 банд, ки бо байти василаи такроршаванда ба ҳам робита доранд, иборат аст. 4 банд ба забони арабӣ ва чаҳор банди дубайтӣ ба забони форсист. Байти васила низ арабист. Инро як навъи дигари муламмаъ, ки дар гузашта маъмул набуд, шуморидан мумкин аст.

Чунон ки маълум шуд, зикри маълумоти зиёди илмиву фарҳангӣ, ишора ба ҳаводиси таърихӣ, истифодаи истилоҳот, калима ва таъбирҳои забони арабӣ ва забонҳои хориҷӣ ва як қатор омилҳои дигар боиси душвории сабки ашъори Амирӣ гаштаанд. Вале бояд гуфт, ки дар девони шоир шеърҳое ҳам ҳастанд, ки бо услуби хеле соддаву равон навишта шудаанд. Ин ҳолат, махсусан, дар сурудаҳои ошиқонаи шоир ва он шеърҳое, ки дар таъсир ва ё пайравии шеърҳои халқӣ эҷод шудаанд, бештар ба назар мерасад. Аз ҷумла дурубоии зер, ки дар суолу ҷавоби ошиқу маъшуқ асос ёфта, дорои лутфи шоиронаанд, дар ниҳояти соддагиву равонӣ навишта шуда, сурудҳои халқиро ба хотир меоранд. Дар рубоии аввал ошиқ ба маъшуқ сӯзан ҳадья мекунад:

Эй ёри азизу дилбари симинтан,
Додам зи бароят армуғоне сӯзан,
Яъне ки ҷаҳон зи ҳаҷри рӯят шабу рӯз
Чун чашмаи сӯзан аст дар дидаи ман.[53]

Дар рубоии баъдӣ маъшуқ чунин ҷавоб медиҳад:

Эй он ки дилат зи ҳаҷр ғамнок шуда
В-аз дасти дилат нола бар афлок шуда.
Бо ин сӯзан бидӯзам, иншоаллоҳ,
Он ҷома, ки аз дасти ғамат чок шуда...[54]

---

[53] Ҳамон ҷо, саҳ. 20.
[54] Ҳамон ҷо, ҳамон саҳифа.

Дар ин силсилаи рубоиҳои Амирӣ, ки дар пайравию таъсири шеърҳои халқӣ суруда шудаанд, зарбулмасалу мақол ва таъбирҳои халқӣ хеле зиёд истифода шуда, таровати ҷазобии онҳоро афзудаанд.

Дар яке аз тағаззулҳои ишқии Амирӣ низ таъбиру ифодаҳои рангини халқӣ монанди «сар ба хоки пояш ниҳодан», «дил аз олоиш шустан», «ҳаёҳу кардан», «маслиҳатро зери по ниҳодан», «пой бар сар, теғ бар гардан фаро ниҳодан», «хор дар мижгон фурӯ кардан», «оташ ба ҷон задан», «рӯ ба рӯ кардан» моҳирона истифода шудааст:

Дар намоз ар саҷда бояд, сар бинеҳ бар хоки пояш,
В-аз вузӯ шояд дил аз олойиши тан шустушӯ кун...
Ақлу динро пой бар сар, теғ бар гардан фаро неҳ,
Ҷисму ҷонро тир дар дил, хор дар мижгон фурӯ кун.[55]

Зарбулмасалу мақолҳо, суханҳои панду ҳикматомез, таъбиру ибораҳои халқӣ дар ашъори Амирӣ зиёд буда, дар мавридҳои зарурӣ андешаҳои ӯро тақвият медиҳанд ва барои муассиртар ва хотирнишин кардани матлаб мадад мерасонанд:

Қассоб агар хӯрад ғами пиҳ,
Дорад бузи бенаво ғами ҷон.[56]

Эй басо кас, ки аблаҳона бидод
Сари сабзаш забони сурх барбод.[57]

Ба ин минвол дар шеърҳои Амирӣ зарбулмасалу мақолҳои «анқо шикори кас нашавад», «аз тамаъ рӯсиёҳу хор шавад», «ду мағз андаруни пӯст», «куҷо рама монад чу гург шуд чӯпон», «бардоштан ба як даст натвон ду ҳиндувона», «ба фардо манеҳ кори имрӯзи хеш», «бораш ба хару хараш ба гил дармонад» ва амсоли инҳо бамавриду баҷо истифода шуда, лутфу таровати шеърҳоро бештар кардаанд ва барои нишонрас шудани ҳадафи шоир мадад расондаанд.

Амирӣ, ки забони арабӣ ва баъзе забонҳои дигари хориҷиро медонист, зарбулмасалу мақолҳои он забонҳоро ҳам истифода бурдааст. Дар байти зер мақоли маъруфи арабӣ ба кор рафтааст:

---

55 Ҳамон ҷо, саҳ. 421.
56 Ҳамон ҷо, саҳ. 432.
57 Ҳамон ҷо, саҳ. 630.

То Алӣ авсаташ шинохт баҳо,

Гуфт: خير الا مور اوطها [58]

Дар зимни қасидае Амирӣ зарбулмасали франса-виро дар ҳамон шакли аслиаш чунон моҳирона истифода бурдааст, ки ҳатто дар вазну қофияи шеър ҳам халале роҳ наёфтааст:

Вазорат бе шарорат шуд марорат
Явосан сон навосин он павожун».[59]

Шояд Амирӣ аввалин шоире бошад, ки зарбулмасали франсавиро ба шеъри форсӣ дохил карда аст.

---

[58] Ҳамон ҷо, саҳ. 616.
[59] Ҳамон ҷо, саҳ. 414.

## ХУЛОСА

Ҳаёт ва эҷодиёти Адибулмамолики Амирӣ дар замони хеле пурошӯбу ноором ва мураккабе ҷараён ёфтааст. Ин замоне буд, ки Эрон ба арсаи кашмакашу талошҳои давлатҳои сармоядории Европаи Ғарбӣ табдил ёфта буд; замоне буд, ки дар Эрон низ ҷунбишҳои озодихоҳӣ авҷ гирифта, инқилоби машрута ба вуқӯъ мепайваст. Ниҳоят ин замоне буд, ки асри XIX ба поён расида, асри нави XX ба майдони таърих қадам мениҳод. Эҷодиёти Амирӣ дар заминаи ҳамин рӯйдодҳои муҳимми давр ва дар ҳалқаи пайванди ду аср ҷараён гирифта буд. Аз ин ҷост, ки дар эҷодиёти Амирӣ аз як тараф анъанаҳои бостонии назми форсизабон устувор буда, ба тамоми маънӣ ҳам дар шакл ва ҳам дар мундариҷа арзи вуҷуд мекунанд.

Аз тарафи дигар ба таъсири асри навин аст, ки дар эҷодиёти шоир тасвири рӯйдодҳои муҳимми иҷтимоиву таърихӣ ва инқилобӣ, орзуву омоли озодихоҳону машрутапарастон, тавсифи комьёбиҳои тозаи илм ва дигар падидаҳои замони нав зуҳур мекунанд.

Шояд бо таъсири ҳамин замонаи пурошӯб бошад, ки Амирӣ ба сурудани ашъори ишқӣ камтар майл намуда, таваҷҷӯҳи бештари худро ба тасвири воқеаву рӯйдодҳои давр, ба мавзӯъҳои иҷтимоиву сиёсӣ ҷалб кардааст. Амирӣ, ки аз равшанфикрони давр буд, Инқилоби машрутаро бо хушҳолӣ пазируфта бо ҳар роҳ—ҳам ба василаи рӯзноманигорӣ ва ҳам тавассути каломи шоирона ин инқилобро ситоиш ва тарғибу ташвиқ мекард. Ӯ ҳам монанди дигар машрутахоҳони ҳақиқӣ аз дастовардҳои инқилоб хушҳол мешуд ва аз бебарориву шикасти он ғамгину малӯл ва рӯҳафтода мегашт.

Чунон ки таърихшиноси маъруфи эронӣ Аҳмади Қаравӣ таъкид мекунад, ашъори Адибулмамолик дар байни озо-

дихоҳон шӯҳрати зиёд доштааст. Озодихоҳон дар замни суханрониҳои ташвиқомези худ бештар аз ашъори Амирӣ намунаҳо меовардаанд ва «тикка-тикка болои минбар мехондандӣ».[60]

Амирӣ, ки дар мактаби назми бостонии халқҳои форсизабон ва дигар мардуми Шарқ тарбия ёфта буд, дар сурудани шеър маҳорати баланди суханварӣ касб карда буд. Худи шоир ҳам дар зимни фахрияҳояш ба он ишора мекунад:

Мароѕт лафзи малеҳу мароѕт шеъри бадеъ,
Мароѕт килки фасеҳу мароѕт табъи ҷарӣ.[61]

Ҳарчанд Амирӣ қариб дар тамоми шаклҳои маъмули шеъри форсӣ ҳунарнамоӣ кардааст, вале ӯ бештар ба қасида майл доштааст ва барҳақ аз зумраи охирин қасидасароёни маъруф дар таърихи адабиёти халқҳои форсизабон маҳсуб мешавад. Шоир саъй менамуд, ки дар қасоидаш баробари ифодаи мавзӯъҳои мухталиф ҳамчунин маълумоту дониши худро аз илмҳои гуногун, ҳунару пешаҳо ва машғулияту бозиҳои зиёде ҷой диҳад. Ин агар аз як тараф таркиби луғавии ашъори шоирро бой карда бошад, аз тарафи дигар то андозае боиси мураккабу душворфаҳм шудани иддае аз қасоиди ӯ шудааст.

Амирӣ аз ҷумлаи аввали шоиронест, ки истилоҳоти навини илму фан ва калимаҳои забонҳои аврупоиро ба шеъри форсӣ ворид кардаанд.

Дар сурудаҳои Амирӣ дар баробари анъанаҳои бардавоми назми форсӣ, хеле кам бошад ҳам, таъсири тамаддуни Ғарбро низ эҳсос кардан мумкин аст.

Эҷодиёти Амирӣ ҳарчанд аз баъзе маҳдудиятҳои ғоявию норасоиҳои услубӣ холӣ нест, вале умуман дорои арзишҳои муайяни ғоявию эстетикӣ буда, саҳифаи тозае дар таърихи адабиёти форсӣ ба шумор меравад. Беҳуда нест, ки Е. Э. Бертельс Амириро «яке аз беҳтарин шоирони рӯзҳои мо дар Эрон»[62] шуморида буд.

---

[60] Аҳмади Қасравӣ. Таърихи машрутаи Эрон, саҳ. 161.

[61] Амирӣ. Девон, саҳ. 482.

[62] Бертельс Е. Э. Очерк истории персидской литературы. Л., 1928, с. 160.

# НАМУНАҲОИ АШЪОРИ ЛИРИКИИ АДИБУЛММАМОЛИКИ АМИРӢ

# АЗ ҚАСОИД

## ҚАСИДАИ ВАТАНӢ

То кай, эй шоири суханпардоз,
Мекунӣ васфи дилбарони тироз.
Дафтаре пур кунӣ зи мавҳумот,
Ки манам шоири суханпардоз.
Замми мамдӯҳ гаҳ кунӣ зи ғараз,
Мадҳи мазмум гаҳ кунӣ аз оз.
Мезанӣ лоф гоҳе аз ирфон
В-аз ҳақиқат сухан куниву маҷоз,
Аз паи васфи ёри мавҳумӣ
Гоҳ итнобу гаҳ диҳӣ эҷоз[1]
Гӯӣ: «Эй рашки дилбарони тироз»,
Гӯӣ: Эй қиблагоҳи аҳли ниёз!
Турраат дар масал бувад таррор,
Ғамзаат дар сифат бувад ғаммоз.
Мутамосил рухат бувад бо моҳ
Мутамоил қадат бувад аз ноз,
Талх аз ҳасрати туам шуд ком,
Фош аз меҳнати туам шуд роз.
Аз фироқат бар оташи ҳасрат
Чанд бошам ҳаме ба сӯзу гудоз».
Чист ин ҳарфҳои лотоил?[2]
Чист ин фикрҳои дуру дароз?
Менагӯӣ, ки ин чӣ жож бувад,
Ки ба майдонш оварӣ такутоз.
Ин суханро агар барӣ бозор,
Нахаранд аз туаш ба сиру пиёз.
Ғуссаи Қайсу қиссаи Лайлӣ,
Ҳарфи Маҳмуду саргузашти Аёз.
Кӯҳна шуд ин фасонаҳо яксар,
Кун ҳадиси наве зи сар оғоз.
Бигзар аз ин фусуну ин найранг
Дигар аз ин сухан фасона масоз,
Гар ҳавои сухан бувад ба сарат,
Аз ватан баъд аз ин сухан гӯ боз,
Ҳаваси ишқбозӣ ар дорӣ,
Бо ватан ҳам қимори ишқ бибоз.
Аз ватан нест дилбаре беҳтар,

---

[1] Интоб — пурчӯӣ, эҷоз — кӯтоҳбаёнӣ.
[2] Лотоил — бемаънӣ, беҳуда.

Ба ватан дил бидеҳ зи рӯи ниёз,
Шоҳиди шӯхи дилфиребй ватан
Бо рақиби хатар шуда дамсоз.
Дар усули тараққиёти ватан
Шеър баргӯ гузидаву мумтоз.
Пеш аз вақт чора бояд кард,
Ки дари фитна бар ватан шуда боз.
То ба кай дар ҷаҳолату ғафлат
Нашиносӣ нишеби худ зи фароз.
Чист ислом дар бари куффор
Тӯъмае пеши рӯи хайли гуроз.
Мояи ҳар саодате илм аст,
Ба худои алими беанбоз.
Қай тараққӣ кунад касе бе илм
Мурғ бе бол чун кунад парвоз?
Илм таҳсил кун, ки сулламй[3] илм
Аз нишеб барад ба сӯи фароз.

* * *

Ба наврӯз аз насими анбарин бӯ
Шуда мушкин бару домони мушкӯ.
Дамида бар лаби ҷӯ сабзаву гул,
Қамар баста ба бӯстон сарву ножу
Чароғон карда андар боғ лола.
Нагунсор омада аз шох лиму.
Чу андар гунбади пирӯза қандил,
Ба чавгони зумуррад оташин ку.
Раёҳину басотинро дигар бор
Равон шуд рӯҳ дар тан, об дар ҷӯ.
Замин аз моҳу ахтар чархи мино,
Чаман аз ҳуру ғилмон боғи мину.
Ҷамад бар сабзаи беҷодагун гӯр,
Ҷарад бар лолаи гулранг оҳу.
Ба домон рехта аз беди Маҷнун
Ба ранги мӯрд шохи сабз чун мӯ.
Ту пиндорӣ, ки дар домони Маҷнун.
Парешон карда Лайлӣ зулфу гесӯ.
Шунидастам, ки Ҷамшед андар ин рӯз.
Зи қаъри ям бурун овард лӯлӯ.
Азеро сохт ҷашни хусравона
Бисоте фарруху шоёну некӯ...

---

[3] Суллам — нардбон.

## ҚАСИДА

**дар накӯҳиши баъзе**
**аз вузарои визрангези[4] оғози машрутият**

Ба Эрон аз Урупо гашт равшан
Чароғи тарбият, шамъи тамаддун.
Ғизолон бехтанд аз ноф нофа,
Палангон рехта хунҳо зи нохун.
Дабирон чун ғизолон бо табахтур,[5]
Вазирон чун палангон бо тафаръун.[6]
Яке дил мебарад баҳри таматтуъ,
Яке сар мебарад баҳри тафаннун.
Ту гӯй саф зада дар дашту кӯҳсор
Бутони Чину сардорони Жопун.
Ба Мочину ба Жопун шуд фасона
Бути эронӣ аз Мочину Жопун
Шаби одина тобад то саҳаргоҳ
Сурайё дар трен, ҷавзо ба вогун.
Фурӯ монданд ашхос аз ташаххус,
Ситеҳ гаштанд аъён аз таъайюн.
Хирадмандон парешон аз тафаккур,
Ватанхоҳон пушаймон аз таваттун.
Чу буқалмун шудаст авзои гетӣ
Зи тағйиру зи тардиду талаввун...
Вазиро, вақти он омад, ки имрӯз
Биёмӯзӣ раҳу расми тадайюн.
Ту аз канбеҳ,[7] эшон аз мутарҷим,
Мутарҷим аз китоби «Сон патикун»[8]
Нишинӣ бо ҳазорон ҷилваву ноз
Ба доруддавла чун дар боғ гулбун...
Биҷӯшонӣ ҳаворо аз ҳарорат,
Бигадонӣ ҷаҳонро аз таъаффун.
Барорӣ решаи инсоф аз бех,
Барандозӣ асоси адл аз бун.
Кунӣ хомӯш чароғӣ дини ислом,
Бисӯзӣ ҳам ташайюъ ҳам тасаннун...
Мусоҳиб хастагӣ ёбад зи сӯҳбат,
Муовин оҷиз ояд аз таовун.

---

[4] Визрангез — айбдор, гунаҳгор.
[5] Табахтур — хиромидан.
[6] Тафаръун — такаббур.
[7] Канбеҳ — мушовир, машваратдеҳи хориҷӣ.
[8] «Сон патикун» — номи маҷмӯаи ҳикояҳо.

Мутарҷим ҳамчу Суқроту ту ҳастӣ
Арасту, мусташорат чун Фалотун.
Қунун бар тахти Доро ҷоми Ҷам гир
Фалотунро зи хум кун дар флокун.[9]
Вазорат бе шарорат шуд марорат
«Явосан сон павосан он павожун»[10]
Зи чап бар рост зан, аз рост бар чап,
Ки нашносӣ таёсур аз таёмун...
Зари сурху зани зебо ба даст ор,
Ки зар дар хона тоқ асту зан устун.
Биё, андарзи ман бишнав, вазиро
Зи тира оҳи мазлумон ҳазар кун.
Ба девон деҳ мар ин девонагиро,
Ки аз афсӯси ҷин бошад таҷаннун...
Вазиро, ҳамчу ман ногуфта мадҳат
Қас аз оғози таквину такаввун.
Адиби Шарқу Ғарбам хондӣ аз фазл
Агар буд зинда Мисью Бе Пристун...
Дилат аз гози оксижен тиҳӣ бод,
Сарат анбошта аз дуди карбун.

* * *

То дар миёни авбош тақсим шуд вазорат,
Қарданд мамлакатро сармояи тиҷорат.
Туллоби гуруснаро хонданд аз ҳамоқат
Дар маснади шарофат аз маркази ҳақорат.
Шуд он хабиси қатаъ қуттоъи ризқи мардум,
Қард он палиди аъвар дар корҳо назорат.
Шайхе, ки бар вазифа чун саг давон ба ҷифа
Мекард аз қатифа пироҳан истиорат.
Дар як-ду рӯз, к-омад дар «маҷлиси муқаддас»
Худро намуд дохил дар шӯру истишорат.
Бинмуд рӯзи дигар оганда киса аз зар
Ҳам аспу ҳам дурушка, ҳам боғу ҳам иморат.
Он дилбарони шоҳид дар кисвати[11] муҷоҳид
Соъӣ[12] шуданду ҷоҳид андар паи аморат.
Шуд кору касби аҳзоб ҳаммолии вазирон,
Шуғли вазири бепир даллолии сафорат.

---

9 Флокун — флакон, шишаи хурд.
10 Масали франсавӣ: «Шароб бе моҳӣ заҳр аст».
11 Кисват — либос.
12 Соъӣ — саъйкунанда.

Шуд дафтари[13] асосӣ фармӯш бо бурудат
В-он каллаи сиёсӣ хомӯш аз ҳарорат.
Аз «маҷлиси муқаддас» канда думи ваколат
Дар пешгоҳи ақдас баста дари садорат.
Урдуди шаҳриёрӣ машғули наҳбу[14] тороҷ,
Сардори бахтиёрӣ саргарми қатлу ғорат.
На коҳилӣ намуданд аз ғорату чаповул
На кӯтаҳӣ намуданд аз куштану асорат.
З-ин халқ зиштодат бошад зиҳӣ саодат
Шаддодро ибодат Ҳаҷҷоҷро зиёрат.
Заҳҳок гар шавад шоҳ аз ин бисоту хиргоҳ
Печад ба гунбади моҳ овозаи башорат.
Бошад вазири хоин сарчашмаи разолат,
Чунон ки шуд муҷоҳид сардастаи шарорат.
Мардони беалоқа дар айни фақру фоқа
Аз садр то ба соқа р...нд, бетаҳорат.
Хонанд мушти ҷуҳҳол «ё марг ё истиқлол»
В-андар забони атфол талқин шуд ин иборат.
Гуфтанд муддаиро, к-аз баҳри бурдани мулк
Аз мо ба сар давидан, аз ту ба як ишорат.
Душман ба хонаи мо нохонда гашт ворид,
Хӯрду дариду чопид бо тундиву ҷасорат.
Аз зулму ҷавру бедод ноҳишта ҷои ободъ
Баъд аз хароби Бағдод хоҳад зи мо хасорат.
Ё раб, ҳаловати амн бар мо чашон, ки имрӯз
Афтодаем аз ранҷ дар вартаи марорат.

* * *

Аз ду чашмам об як сӯ гашта ҷорӣ, хун зи як сӯ,
Дасту поям баста дин аз як тараф, қонун зи як сӯ.
Қоматамро куж дорад, хуни дил аз дида борад,
Он қади мавзун зи сӯе в-он рухи гулгун зи як сӯ.
Баста аҳди иттифоқ андар паи тороҷи дилҳо
Ғамзаи ҷонон зи сӯе, гардиши гардун зи як сӯ.
Дасту паймон дода бо ҳам бар сари вайронии мо
Ахтари каҷрав зи сӯе, толеи ворун зи як сӯ.
Ҳар замон нақше аҷаб бар чеҳраи мо барнигорад
Даҳри бозигар зи сӯе, чархи буқалмун зи як сӯ.
Қорамон афтода бо бемори маҳҷуре, ки ҷонаш
Хаста дорад таб зи сӯе, талхии маъҷун зи як сӯ.

---

[13] Дафтар — идора.
[14] Наҳб — ғорат.

Дарди ӯро чора натвон кард бо ҷуллобу дору
Гар Арасту кӯшад аз сӯеву Афлотун зи як сӯ.
Ҳосил аз ранҷи табибон нест, к-ӯро кушта дорад
Дардҳои андарун сӯе, ғами берун зи як сӯ.
Он маризеро, ки Азроил фармояд аёдат,
Ҳол дигар шуд зи сӯе, кор дигаргун зи як сӯ.
Қай тавонад зист беморе, ки ҷонашро бикоҳад
Таънаи тоин зи сӯе, ҳамлаи тоун зи як сӯ.
Чун тавон зистан аз ин селоби буньёнкан, ки доим
Дида борад ашк сӯе, дил фишонад хун зи як сӯ.
Киштии мо ғарқа дар дарьёву тан маҳбуси ҳомун,
Бод дар дарьё зи сӯе, сел дар ҳомун зи як сӯ.
Офтобо, дар мадори хеш гардиш кун, ки тарсам
Марказат аз як тараф вайрон шавад, конун зи як сӯ.
Аз паи тахрибн номуси ту, эй хуршеди равшан,
Муштарӣ аз як тараф туғьён кунад, Нептун зи як сӯ.
Обе, эй абри карам, афшон бар ин оташ, ки сӯзад
Хаймаи Лайлӣ зи сӯе, пайкари Маҷнун зи як сӯ...
Дӯст аз роҳе ба кини мову душман аз тариқе
Петр як сӯ дар камини мову Нопилюн зи як сӯ...
Ҳар чи дар ҷайби аҷоиз буду дар киси аромил
Роҳ(и) оҳан аз тариқе мебарад, вогун зи як сӯ.
Сурма як ҷо бурда ҳушам, ғамзаи машшота як ҷо,
Ғосиби мардуд як сӯ, соҳиби малъун зи як сӯ.
Посбон як ҷо дил аз каф додаву дарбон зи ҷое,
Хоҷа сӯе масти хоб афтодаву хотун зи як сӯ..,
Он чӣ колои шараф буд ё матои одамият
Чархи дунпарвар зи сӯе бурду хасми дун зи як сӯ...
Эй дареғо, кард ғорат он чи буд андар иморат
Ғосиби мардуд як сӯ, соҳиби малъун зи як сӯ.
Мағзҳомонро парешон карда, дилҳомон мукаддар
Сабзаи равшан зи сӯе, ширан афъюн зи як сӯ.
Чашмҳо гаҳ масти афъюнанду гоҳе масти бода,
Гӯшҳо з-афсона сӯе гарм в-аз афсун зи як сӯ.
Гар фишонам Зиндаруд аз дида ҷо дорад, ки дорам
Ғуссаи Аҳвоз аз сӯе, ғами Қорун зи як сӯ.

Гирдамон деворе аз бадбахтиву ғафлат кашида
Фақри бепоён зи сӯе, қарзи сӣ мильюн зи як сӯ.
Тарсам, эй эрониён, тӯрониёнро қисмат афтад
Тахти Кайхусрав зи сӯе, тоҷи Афридун зи як сӯ.
Бесутун аз як тараф нолад, дили Фарҳод як ҷо,
Тахти Ширин як тараф ғалтад, суми гулгун зи як сӯ.
Наварӯси мулкро кобин кунанд аз баҳри хасмон
«Эътидолиюн» зи сӯе, «инқилобиюн» зи як сӯ.
Эй Амирӣ, бар ду чиз умедворӣ мунҳасир шуд:
Ҳиммати миллат зи сӯе, раҳмати бечун зи як сӯ.

* * *

Боди наврӯзӣ зи рӯи гул ниқоб андохта,
Зулфи сунбулро ҳаме дар печутоб андохта.
Дар рикоби фарвадин бар рағми исфанд урмуз
Хуни сарморо ҳаме андар рикоб андохта,
Сояи сарви ҷавон бар тарфи боғу ҷӯйбор
Некӯиҳо карда аммо андар об андохта.
То шақоиқ бода андар соғари гулранг рехт,
Наргиси махмурро масту хароб андохта.
Бода чун хуни Сиёвуш деҳ, ки Ковуси баҳор
Оташ андар хаймаи Афросиёб андохта.
Сурхгул монад арӯсеро, ки ҳангоми зуфоф
Ҷома гулгун карда, даст андар хизоб андохта.
Лола турке мастро монад қадаҳ пурмай ба даст,
Карда рух гулгун, ба сар шӯр аз шароб андохта...
В-он шақоиқ бар забарҷад дурҷе аз ёқут дошт
Дар дили он донаҳо аз мушки ноб андохта...
Бод машшотаст бӯстонро, ки дар тарфи чаман
Аз узори суриву насрин ҳиҷоб андохта.
Номия чун модарони меҳрубон бар дӯшу бар
Шоҳидони боғро рангин сиёб[15] андохта.
Бар сари ин шоҳидон абри баҳорӣ бомдод
Аз нисори қатра лӯлӯи хушоб андохта.
Хаймаи сурхе, ки шохи арғувон дар боғ зад,
Зулфи сунбулро дар ӯ ҳамчун таноб андохта.
Сабза фарш аз сабз дебо бар лаби шат густарид,
Абр мушкин килла[16] бар нилӣ қабоб андохта.
Фарши буқалмун ҳамегустурд товуси баҳор
В-аз саҳоб андар ҳаво парри ғуроб андохта...

---

[15] Сиёб — либосҳо.
[16] Килла — чодир.

Чангзан булбул ба гул бар, нойзан кумрӣ ба сарв
Ҳар яке шӯре ба наврӯз аз раҳоб андохта.
То ба уд андар чаковак «мовароуннаҳр» сохт
Хоб дар мағзи ҳакими Форьёб андохта...
Ҳамчу моҳи фарвадин дар боғ шуд дилдори ман
Лашкари сарву суманро дар рикоб андохта.
Чун гулу сунбул, ки бо ҳам тавъам ояд дар чаман
Гесувон карда пареш аз рух ниқоб андохта.
Ҳола бар гирди маҳ ояд, эй аҷаб к-он мушкмӯй
Ҳолаи мушкин ба гирди офтоб андохта.
Рӯза чашми пур зи нозаш рози мастӣ дӯхта
Зикри ҳақ лаъли лабашро аз итоб андохта...
Гуфтам: «Эй ширинзабон, бикшой бо май рӯзаро
Қ-ат ҳамебинам риёзат дар азоб андохта.
Бо гулоби май хумори рӯза берун кун зи сар
Чанд бинам оразаш бар гул гулоб андохта...

## ҚАСИДАИ ВАТАНИЯ

Қиссаи гесӯи лӯъбатони тарозӣ
Аз шаби ялдо фузуда шуд ба дарозӣ.,
Умри гаронмоя, эй дареғ, талаф шуд
Дар хами гесӯи лӯъбатони тарозӣ,
Дарду дареғо, ки ошиқони ватанро
Ишқи ҳақиқӣ бадал шуда ба маҷозӣ.
Мо ба сари зулфи ёр баста дилу хасм
Баста ду бозуямон ба ҳилату бозӣ.
Эй писари нозанини шӯх, ки бошад
Модарат аз порсӣ, падарат зи тозӣ.
Модари ту **дӯхти шаҳриёри каёнӣ**
В-он падарат пури пешвои ҳиҷозӣ.
Аммат[17] кундоварони[18] маккиву шомӣ,
Холат донишварони тӯсиву розӣ...
Пешаи ту мардумиву родӣ
Кори ту душманкушиву дӯстнавозӣ.
Алҳақ, бо ин нажоду парвазу ҳинҷор
Шояд агар бар маҳу ситора нозӣ.
Лек яке роз бо ту дораму бояд
Гӯш диҳӣ нек, з-он ки маҳрами розӣ.

---

[17] Ам — амак, хол — тағо.
[18] Кундоварон — диловарон.

Аз ту шигифт оядам басе, ки бад-ин ноз
Пеши лаимон чаро чу аҳли ниёзӣ.
Бар дари дунон барӣ ниёз, вале худ
То ба камар ғарқи молу неъмату нозӣ.
Қаъба ту обод карда будиву инак
Рӯ ба калисо ситода баҳри намозӣ.
Чашмат бепарда шуд чу дидаи саръӣ,
Рӯят беобрӯ чу чеҳраи озӣ.
Хушку тиҳӣ шуд сарат магар ту кадуӣ,
Хому дуту шуд дилат магар ту пиёзӣ?
Чун шудат, эй меҳр, зарфишон, ки дар ин рӯз
Ҳар дам чун зар даруни бута гудозӣ.
Гоҳ чу дар устухон шикаста зи сангӣ,
Гоҳ чу зар ҷону тан дарида зи гозӣ...
Аз чӣ дар ин боғ, эй дарахти баруманд,
Мева наёрӣ ба бору қад нафарозӣ?
Аз чӣ дар ин паҳна, эй далер диловар,
Теғ нагирӣ ба дасту асп натозӣ?
Гар аҷаб аст аз гуроз даъвии шерӣ
Аъҷаб бошад зи шери беша гурозӣ.
Хасму рақиб аз нишеб рӯ ба фарозанд,
Ту ба нишеб, эй аҷаб, давон зи фарозӣ.
Чораи бечорагон ту будиву имрӯз
Дарди дили худ ба ҳеҷ чора насозӣ.
Дузд ба кохи ту андар асту ту аблаҳ
Хуфта ба ғафлат даруни бистари нозӣ.
Дида ба дидору даст дар хами зулфӣ,
Лаб ба қадаҳ, гӯш ба тарона созӣ.
Қаҳқаҳаи кабки нар нинюшу ба хунаш,
Панҷа фурӯ кун на кам зи туғралу бозӣ.
Рахт ба ғорат шудат, кулоҳ ба яғмо,
Ту паи пирояву сиҷофу тирозӣ.
Хуфта арӯсат бари рақибу ту ғофил
Дар паи тақдими суру ҳамли ҷиҳозӣ...
Хирагиву тирагӣ раҳо кун азерок
Бо дили бедору бо ду дидаи бозӣ.
Боядат андар масофи душмани хунхор
Бошӣ ҳушьёркору заҳра набозӣ.
Тир чу борад, сиҳоми заррин борӣ,
Теғ чу ёзад, ҳисоми хунин ёзӣ.
Эй писари бегуноҳу кӯдаки мискин,
Чанд дар ин нори тафта сӯзиву созӣ...

## НАКӮХИШИ ШӮРОИ ОЛИИ АДЛИЯИ ВАҚТ

Фарьёд аз ин мушовараи олӣ,
Қ-аз ҷоҳилон пур, аз уқало холӣ.
Шаҳрест, зулму ҷавр дар он қозӣ,
Мулкест ҷаҳлу ҳамқ дар он волӣ.
Мӯсо гирифта маснади фиръавнӣ,
Исо гузида мансаби даҷҷолӣ.
Ҷирҷис дар шиканҷаи ҷабборон,
Юсуф асири панҷаи нафтоле
Бозори динфурӯшиву худкомист,
Дӯкони ғайбгӯиву раммолӣ.
Дар ҷалбулкамияти қавонинаш
Бедод собиқ асту ситам толӣ.
Баҳри вазифа чун магасонастанд,
Гирди тағори даккаи баққолӣ.
Бо ҳақ гирифта пешаи сатторӣ,
Бо дин супурда шеваи қаттолӣ.
Аъзои он ки нокаи шаҳватро
Карда шутурчарониву ҷаммолӣ.
Шаб то саҳар мутолиа фармоянд
Матни лиҳофу ҳошияи қолӣ.
Гургон давидаанд дар ин гала,
Хукон фитодаанд дар ин шолӣ.
В-он гаҳ кунанд даъвии устодӣ
Бар Аҳмаду Муҳаммади Ғаззолӣ,
Эй узви ин мушоварай, он кас
Қ-аз барбарӣ камиву зи набколӣ.
То чанд аз ҳавову ҳавас нозӣ?
То кай чу пашшаву чу магас болӣ?
Эрон ба рӯзгори ту Нӯшервон
Афғон ба даври Аҳмади Абдолӣ.
Дору ба чашми кӯр ҳамерезӣ,
Равған ба пои ланг ҳамемолӣ.
Ёлат зи санги кин шиканад гардун,
Болат даруни хок шавад болӣ...
Паҳлӯи дардманд бияфшорӣ.
Бозӯи мустаманд бияфтолӣ...
Дар ҳамли моли халқ алам кардӣ
Қадде, ки куж гашта зи ҳаммолӣ.
Ошиқ шудӣ аҷузаи дуньёро
Бо ин ҳамидагиву кӯҳансолӣ.

Андар қимори байъи ватан доим
Қорат муҷоҳидӣ шуду даллолӣ.

## ВАЗИРИ ДОХИЛА

Ҳар ки мебинӣ ту бар гирди вазири дохила
Дастаки дузд асту дар зоҳир шарики қофила.
То наёяд қоими оли Муҳаммад бар сарир
Қас надонад чораи ин дузду дафъи ин дала.
Ҳавзаи молия бошад водие пурхавфу бим,
Ҷаста девон андар он аз дому гургон аз тала.
Баски ҷо танг аст, бар аҳли қалам боло задаст
Ғурфаи муставфиён аз ошьёни чилчила.
Гар шунидастӣ, ки андар мулки Эрон шуд маош
Муншиёнро аз русуму шоиронро аз сила.
Шоири бечора шуд марҳуму муншӣ мондааст
Зинда бо як достон даъвову як дафтар гила...
Шуд мавоҷиб сақт дар зеҳдон, вале ҳаққулқалам
Дар шикам мондаст мӯҳтоҷи давои қобила...
Маркази адлия ҳаммоме бувад бесақфу бом,
Ҷои даллокон дар он муште занони ҳомила.
Андар ин ҳаммом ҷамъе лоту луту хору зор.
Дастҳо омоскарда, пойҳо пуробила.
Ҷонашон дар дасти даллокони обастан чунон-к
Ҷони Маҷнун зулфи Лайлиро асири силсила...
Ҳар кӣ дар молия шуд, молияаш тороҷ рафт,
Ҳар кӣ дар адлия омад, хӯрд доғи ботила.
Чун вазири ҷанг ояд, дар сухан гӯи бувад
Ҳукмроне бо раоё, подшоҳе бо илаҳ.
Дар ҳузури вай гарат арзе бувад, оҳиста гӯй
З-он ки оқо хаста шуд, дигар надорад ҳавсала...
Истироқи самъ[19] агар созад вазири телгроф
Ҷои ҳайрат нест ҳаргиз, эй рафиқи якдила...
Хориҷӣ мунсифтар аст аз ин вазири хориҷа.
Эй писар, дар азли ӯ ҳам рақс кун ҳам ҳалҳала.
З-он ки дар ҳар масъала чун хар фурӯ монад ба гил
Ё ба дасти аҷнабӣ кӯшад ба ҳалли масъала...
Ин вазирон карда андар мамлакат коре, ки кард
Барқ бо хирман, шарар бо пунба, гург андар гала.

---

[19] Истироқи самъ — махфӣ гӯш кардан.

Не Аҷамро об боқӣ монд андар машраба,
Не Арабро мост бар ҷо монда андар савмала[20]
Мулкро бояд муҳоҷир кард озод аз ситам,
Пӯстро бояд мусофир дод зоду роҳила.
Эътиқоди банда бар ин аст, к-андар рӯзгор
Аз вазорат ё ваколат нест беҳтар машғала
Гар вазоратро наёбӣ, саъй кун шояд шавӣ
Муншии кобинаи фаъол ё алфаъила.
Лек беҳтар з-ин се муллоист, к-андар ин балад
Қарда мулло дар шубонӣ кори гургони гала...
Риши мулло то кунун ҳаргиз нарафт андар гарав,
Думби мулло то кунун ҳаргиз намонд андар тала.
Дасташон чун неши ақбар ғарқи заҳри обдор,
Қомашон чун ноби афъӣ пурсамуми қотила...
Маҷлиси шӯрои миллӣ ҷангале шуд, к-андар он
Рӯбаҳон озоду харгӯшон раҳо, хирсон яла...
Чун ба нутқ оянд, мардум кар шаванд аз ҳамҳама,
Чун зи ҷо хезанд, андар гетӣ афтад зилзила.
Доиман дар мабҳаси алфози бемаънӣ шаванд
Боиси таътили мақсуд ин нуфуси отила.
Гар набошанд он вазирон, мешавад кӯтаҳ фасод
В-ар бимиранд ин вакилон, мешавад арзон ғал(л)а...
Ҳарҷи бинӣ аз вакилон лаън бар иблис кун
З-он ки мебошад сағиронро дият бар оқила.
Дар сафи назмия рӯ кун то бубинӣ фавҷ-фавҷ
Сад ҳазорон дузди моҳиртар зи Мухтору Дала
Бар сари амволи сирқат рафтаву хони қимор
Гашта ҳозир чун гадоён бар сари деги шула.
Бинӣ андар ҳар балад ҷавқи пулисонро чунонк
Мӯр дар хирман, шапуш дар тан, малах дар сунбула.
Ҳамчунин амнияро бинӣ ба ҳар манзил гаҳе
Неш бар тухми мусофир банд созад чун мила.
Эй фукул[21] дар гардану кут[22] дар тану путин[23] ба по
Бо хироми кабк дар бар карда рахти чилчила,
То ба кай бӯзинасон бар аршаи минбар ҷаҳӣ,
Нутқ чун булбул кунӣ бо гардане чун билбила.
Аз туву нутқу зи путину каровоту фукул
Ҷумла безорем, хоҳӣ нутқ кун, хоҳӣ гила...
Сӯҳбати кобинаву кумисиюн мавқуф дор
З-он ки моро з-ин суханҳо танг гардад ҳавсала.

---

[20] Савмала — пиёла.
[21] Фукул — галстук.
[22] Кут — костюм.
[23] Путин — кафш, туфлӣ.

## «ҲАМОСА»

Гарчи дорам мардумӣ, бисьёр аз ин мардум наям,
Ҳамчу девон низ бо чанголу шоху дум наям.
Дар билоди худ ғарибам з-он ки ноҷинсанд халқ,
Ман, биҳамдуллаҳ таълоӣ, ҷинси ин мардум наям.
Мардумозоранд ҳамчун афъиву каждум зи ҷаҳл,
Ман наёзорам тане чун афъиву каждум наям.
Тахти хобам тахтаи тобути мавтӣ нест, бал
Зинда аз ҳавло набошам, мурдахори Қум наям...
На маро ҷонона ёр асту на бо паймона кор,
Ошиқи дилдодаву махмури пои хум наям.
Хостори нофаи оҳуи мушкин нестам,
Дар паи зину ситому Рахши зарринсум наям.
Ҳар ду оламро зи истиғно ҷаве донам аз он-к
Ҳамчу Одам дар биҳишт андар паи гандум наям...
Рӯҳи имконам, агарчи ақли аввал нестам,
Маърифатомӯзи халқам, гарчи ориф нестам,
Анҷуманафрӯзи чархам, гарчи аз анҷум наям...
На каманд аз баҳри қайд орам, на дом аз баҳри сайд,
Шоҳи Рум ар нестам, боре кашиши Рум наям,
Ҳафт обову уммуҳотам таййибину тоҳирин
Чун вазирону вакилон беабу беум[24] наям.

## МАРСИЯ

Навҷавони маро фалак хуни дил рехт дар аёғ,
Навниҳоли маро сипеҳр канд аз бун ба тарфи боғ.
Шамъе афрӯхтам, ки гашт равшан аз нури ӯ ҷаҳон
Ногаҳон сарсарӣ вазид, кард хомӯш он чароғ.
Эй фақиди камолу фазл, эй шаҳиди синони ғам
Аз ғамат дида пур зи ашк, бе рухат сина пур зи доғ.
Дар азои ту қоматам гашт хамида чун камон.
В-аз фироқи ту рӯзи ман шуд сияҳ ҳамчу парри зоғ.
Чун ба ёди ту бигравам ғофил аз хештан шавам
Дар паи ҷоншикор давам, то кунам маргро суроғ.

[24] Аб — падар, ум — модар.

Баски чун лола бар дилам доғи ҳаҷрат гирифта ҷой
Гашт таърихи рафтанат «лола дорад диле, ба доғ».[25]

## АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Тақдими дӯст кардам тасвири хештанро
То ҷои ман бибӯсад он рӯи чун суманро.
Эй акси чеҳраи ман, чун мерасӣ ба кӯяш
Дар пои ӯ барафшон якбора ҷону танро.
З-он турраи муанбар, к-он моҳро ба чанбар
Бистон ба ҷои шаккар бӯсе аз он даҳанро.
Гар он паришамоил бошад ба меҳр моил
Дар гарданаш ҳамоил кун дасти хештанро
Пинҳон зи лаъли нӯшаш в-аз чашми айбпӯшаш
Оҳиста зери гӯшаш баргӯ ту ин суханро,
Қ-оям шабе ба кӯят, гирам каманди мӯят,
Равшан кунам зи рӯят хиргоҳу анҷуманро.
Ҳон, эй амирбону, ишқат кашад зи ҳар сӯ
Аз он каманди гесӯ бар гарданам расанро.
Моҳе ниҳода бар сар аз мушки ноб афсар
Сарве намуда дар бар аз лола перанҳанро.
Меҳрат ба ҷон супурдам, дар ишқ по фушурдам
З-ин айши тоза бурдам аз дил ғами кӯҳанро.
Ин роз аз ҳабиб аст в-ин дард бо табиб аст,
Фарьёди андалеб аст, к-ошуфта ин чаманро.

* * *

Дилбаро, идат хушу фархунда бод,
Лаълат аз айшу тараб дар ханда бод.
Гар занад хуршед лофи ҳамсарӣ
Бо ту аз рӯи маҳат шарманда бод.
Чун хубоби сурх дар ҷоми шароб
Дидаи бадхоҳат аз ҷо канда бод,
Ҷони ман аз чашмаи лаъли лабат
Ҳамчу Хизр аз оби ҳайвон зинда бод
Рӯзгорат ҳамчу ман фармонпазир,
Осмонат чун Амирӣ банда бод.

---

[25] Ба ҳисоби абҷад соли 1326 ҳ.

* * *

То бидонӣ к-андар ин савдо чӣ суд андухтам,
Ақлу ҳушу ҷон харидам, дину дил бифрӯхтам.
Ғӯра будам, ишқ шаҳдам доду ғайрат чошнӣ,
Хом будам, дар муҳаббат пухтам, аз ғам сӯхтам.
Роҳи давлатро дар оини гадоӣ ёфтам,
Дарси шоҳиро зи лавҳи бандагӣ омӯхтам.
Аз кафи Исо шароби салсабил андар задам.
Дар раҳи Марьям чароғи Ҷабраил афрӯхтам.
Гӯ бидӯзад дида бо тирам, ки бар рӯи хушаш
Дида бикшудам, назар аз мосавӣ бардӯхтам.
Чун Амирӣ бо асирӣ сохтам то оқибат
Ранҷҳо аз ёд шуд в-ин ганҷҳо андӯхтам.

* * *

Гар сад ҳазор бор гузорӣ дар оташам,
Покизатар шавам, ки зари ноби беғашам.
Аз бодаи уммеди ту махмуру ҷуръанӯш
В-аз соғари навиди ту сармасту сарх(в)ашам.
Гулгун зи ашку зард зи ғам, нилӣ аз фироқ,
Бингар яке ба сафҳаи чеҳри мунаққашам.
Гаҳ чун ду чашми масти ту бемору нотавон
Гоҳе чу турраи ту парешу мушаввашам.
Қаддам чу абрӯи ту камон шуд, вале намонд
Ҷуз тири оҳу нолаи ҳаданге ба тиркашам.
Ҷоно, ту шоду хушдилу беғам нишин, ки ман
Бо андӯҳи ту шоду ба ёди ту дилх(в)-ашам.
Гӯям чу хома тору забонам бурида бод,
Гар ҳамчу хома аз хати ҳукми ту сар кашам.
Сайри сипеҳру ҳамсарии меҳрам орзуст,
Қай пойбанди меҳри ғизолони маҳвашам.
Ҳаргиз фаромӯшат накунам аз дуои хайр
Ёдат ба хайр, эй ки намудӣ фаромӯшам.
Ин май, ки ночашида маро масту хира кард,
Ё раб, чиҳо равад, гар аз он ҷуръае чашам.
Гуфтам шабе ба гӯши Амирӣ ҳадиси хеш,
Гуфто: «Ба ҳӯш бош, ки ман низ беҳушам».

* * *

Дилдор ба ман аз ҳама кас беш кунад ноз,
Пайваста бар ин ошиқи дилреш кунад ноз.

Гаҳ бар танам аз хомаи пурнӯш диҳад ҷон,
Гаҳ бар дилам аз номаи пурнеш кунад ноз.
Гӯ ноз кунад бар дили маҷрӯҳам азерок
Нозаш бикашам ҳар чи аз ин беш кунад ноз.
Тарсам, ки дар оина бубинад рухи худро
Гирад назар аз ошиқу бар хеш кунад ноз.
Дарвеш бинозад ба шаҳон аз кӯлаҳи фақр
В-ин шохи кулаҳдор ба дарвеш кунад ноз.
Бегона дар он хона муҳол аст барад роҳ,
Қ-ӯ хешпараст омаду бар хеш кунад ноз.
Нозаш ҳама ҷо бар дили ранҷури Амирист,
Аммо ба дусад ғуссаву ташвиш кунад ноз![26]

## АЗ ҚИТЪАҲО

Махӯр, ҷоно, фиреб аз ганҷи гетӣ,
Машав андӯҳгин аз ранҷи гетӣ.
Пиёда пил гардад, шоҳ мот аст
Ҳаме дар бозии шатранҷи гетӣ.
Ҳама донишварон мастанду шайдо
Зи сеҳру ҷодуву найранҷи гетӣ.
Дилу чашми ҳакимон хира монад
Зи афсуну далолу ғанҷи гетӣ.
Чунон, к-ин мағзҳоро тира дорӣ
Маю афъюну базрулбанҷи гетӣ.
Намонад то ту бишморӣ нафасро
Шабона в-аз чаҳору панҷи гетӣ.
Амирӣ дӯш кард ин нукта машҳуд
Аз он донои ҳикматсанҷи гетӣ,
Ки гетиро наёяд ранҷ чунон
Ки дидӣ менаёяд ганҷи гетӣ.

* * *

эй эрониён, эй мардумони бошараф,
рӯ додед ин сон мулки Эронро зи каф.
мехондед Эронро ҳаме моми ватан
нхоҳон, чӣ шуд он ҳарфҳои нашру лаф.

и мақтаъ ғалати қофия маълум аст ва аз аҳли назар
. Муҳаммад Содиқ Ал-Ҳусайнӣ Ал-Фароҳонӣ».

Худ надонистем риндона чӣ буд ин қилуқол
Дар кӯчо шуд он митингу ҳою ҳую каффу даф.
Уф, бар он ноаҳл мардум, к-аз барои нафъи хеш
Мулкро карданд вайрон, умри миллатро талаф.
Гарчи буд маълум аз аввал, к-он баҳоимсиратон[27]
Сурате буданду буд мақсудашон обу алаф.
Бас хато карданд бо модар, сазад алҳақ, ки ӯ
Гӯяд: «Эй модархато фарзандҳои нохалаф,
Мар набудам ман шуморо мому дар домони хеш
Парвариш додам шуморо ҳамчу дурр андар садаф.
Охир аз сар меъчарам бурданду халхолам зи пой,
Дар тамошои ман овардед душман саф ба саф.
Ҷуз шумо — модарфурӯшон ҳеҷ дидастӣ касе
Модари худро фурӯшад, дар иваз гирад хазаф».
Шарматон бодо, ки нанги ман шудед аз он, ки нест
Ҳеҷ ирқе дар бадан аз ҷангҷӯёни салаф.
В-ин аҷибтар з-он ки чун ҳангоми фурсат даррасид
Ҷои кайфар хостан хондед худро бетараф.
Ибрате бояд шуморо аз ҷавонони Прус,[28]
Қ-аз барои ҳифзи модар сина кардандӣ ҳадаф.
Қиссаи Фиръавну Мӯсоро магар нохондаед,
Қ-ӯ ҳақаш дар вақти фурсат гуфт:
«фазҳаб лотахаф».[29]

* * *

Боди наврӯзӣ ба бӯстон мушку кофур оварад,
Абри фарвардин нисор аз дурри мансур оварад.
Чеҳраи гул обуранг аз рӯи ғилмон мебарад,
Турраи сунбул шикан бар гесӯи ҳур оварад.
Он яке ёқути рахшон аз Бадахшон ёфта,
Он яке фирӯза аз кони Нишопур оварад.
Наргис андар боғ дорад косаи заррин ба каф,
Ҷоми Ҷам гӯӣ ба шодурвони Шопур оварад.
Бод агар пероҳани Юсуф надорад накҳаташ
Чашми наргисро чаро яъқубсон нур оварад.
Чун бихандад шохи гул бар сабзаи боғи баҳор
Гӯӣ андар тахти хоқон тоҷи фағфур оварад...
Булбули гӯё фарози шохи гул дастонсарой
Достонҳо бо суруди ною танбӯр оварад.
Аҳсанулмулк аст пиндорӣ, ки аз шеъри Адиб
Тӯҳфа андар даргаҳи фархунда дастур оварад...

27 Баҳоимсиратон — ҳайвонсиратон.
28 Прус — Пруссия.
29 Фазҳаб лотахаф — рав, натарс.

* * *

Эй нигаҳбонони оин, эй далерон дар ҳуруб,
Эй мудирони ҷароид, эй хатибон дар хутуб.
Эй ҳаворисони[30] Аҳмад, эй ҳавохоҳони ҳақ,
Эй бузургони қабоил, эй раисони шууб.
Эй аламдорони уммат, эй навомиси[31] хирад,
Эй худовандони фикрат, эй ҷавосиси[32] қулуб.
Қудрати моро чаро коҳида қаллобулқадар?
Пардаи моро чаро даррида сатторулуюб?[33]
Осмон дар шаҳри мо патьёра[34] борад бар замин
Офтоб аз шарқи мо овард рӯй андар ғуруб.
Пои мо ланг асту раҳ борику водӣ ҳавлнок
Абри торик аз шимолу мавҷи тӯфон аз ҷануб.
Силии ихвону дашноми падар бас не, ки гашт
Ин тани нолон ҳадаф бар тӯпҳои хоракӯб.
Роъии[35] мо галлаи моро ба дасти гург дод,
Соқии мо бодаи моро ба сам дорад машуб.
Посбони мо раҳи дуздон ба хони мо кушод,
Нӯш бар мо неш шуд, ёри туруб омад ғузуб.

* * *

Эй, ки хоки хешро чун риши худ додӣ ба бод,
Бар дари душман шудӣ бо нӯки мижгон хокрӯб.
Хуни фарзандони худ кардӣ ба ҷоми душманон
Ин гунаҳро кай бубахшад фазли ғаффоруззунуб.[36]
Ғамхӯрат хорат кунад, биншину тан бар марг деҳ,
Бандаат бандат ниҳад, бархезу сар бар санг кӯб.
Эй бузургон, дар паси ин абрҳои тира чист?
Қас наёрад дарки он ҷуз илми алломунғуюб[37]
Эй, ки дорӣ дарди динро ҷуфт бо ишқи ватан
Даст аз шодӣ бишӯю хона з-озодӣ бирӯб
Ҷон фидо кун бетаҳошӣ,[38] к-аз шараф ёбӣ навол,

30 Ҳ а в о р и ю н — ёрони Исо, ишора ба хориҷипарастон.
31 Н а в о м и с — соҳибномусон.
32 Ҷ а в о с и с — ҷосусон.
33 С а т т о р у л у ю б — пӯшандаи айбҳо.
34 П а т ь ё р а — офату бало.
35 Р о ъ ӣ — чӯпон.
36 Ғ а ф ф о р у з з у н у б — бахшандаи гуноҳҳо.
37 А л л о м у н ғ у ю б — донандаи ғайб.
38 Б е т а ҳ о ш ӣ — беибо.

Сар ба каф нех бемуҳобо то зи ҳақ гардӣ машуб...
Нолаи ихвони Мисоқи Фароҳонро намой
Бо асар дар гӯши ин ҷамъ аз қушуру аз лубуб.

* * *

Фаромӯшам нашуд панде, ки мегуфт
Ба пури хеш пире дар Бухоро,
Ки гар дар кори худ ҷунбиш кунад мард
Тавон суфтан ба сӯзан кӯҳи хоро.

* * *

Маро олам ватан бошад, башар хеш,
Нахоҳам ғайр аз ин бунгоҳу буньёд.
Ҷуз ин афсона бошад ҳар чи гӯӣ
Замин аз хоку мардум з-одамӣ зод.

* * *

Бо хати зар набишта бар ин тоқи лоҷуворд
Аз гуфтаи меҳону бузургони раҳнаворд:
«Доно касе бувад, ки ба вақт интихоб кард
Мард аз барои кор, на кор аз барои мард».

* * *

Шунидам, гуфта рӯзе Носирулмулк,
Ки ман кӯҳнасавори Форс бошам,
Харобӣ мекунам дар кори Эрон
Чӣ дар Порису чӣ дар Порс бошам.

## ТАРКИББАНД

Саҳаргоҳон, ки меҳри оламоро
Зи тоқи чарх гардид ошкоро,
Ба сони гавҳар андар тоҷи Доро
Ва ё чун оташе аз санги хоро
Баромад, кард равшан сатҳи гардун
Ба дарьё гашт ҷорӣ фулки машҳун.
Бути нӯшинлабам аз хоб бархост,
Бар аз дебо, тан аз пероя пиросг,

Чу шохи гул қаду боло биёрост,
Ҳамоил кард гесӯ аз чапу рост,
Рух аз мовард равшан, лаб зи май маст
Ба сони лола дар боғи дилам раст.
Бигуфто: «Дидам андар олами хоб
Ба саҳрое танам афтода дар тоб,
Тиҳӣ, буд он замин аз сабзаву об
Зи нури офтобу шамъи маҳтоб
Замин дур аз сукун чун оскун буд,
Ҳаво к-алмаҳли яғлӣ филбутун буд.[39]
Ман он ҷо бар сари пой истода,
Инони сабру тоб аз даст дода,
Зи дида сели хун бар рух кушода,
Дил андар раҳмати борӣ ниҳода.
Ки бо фазлаш наҷот аз варта ояд
Бар ин киштӣ насими шурта ояд.

Дилам дар луҷҷаи андеша шуд ғарқ,
Тан андар баҳри ҳайрат пой то фарқ,
Баногаҳ ҷаст аз он боло яке барқ,
Ту гуфтӣ офтобе сар зад аз шарқ.
Ду чашмам хира монд аз нури ҷозиб
Чу андар субҳи содиқ субҳи козиб...
Дар ин ҳангома аз паҳнои байдо,
Яке шӯре шигифт омад ҳувайдо.
Бисоте дар замин гардид пайдо,
Ки аз дидори он шуд ақл шайдо.
Гурӯҳе дидам андар банди душман
Ғизолон дар кафи гургони риман.
Ҳама чун моҳии бирьён ба тоба,
Хурӯшон бо хузуъу бо аноба.
Зане андар фиғону аҷзу лоба
Чу баъд аз куштани Ҷаъфар Атоба.
Камон карда қад аз доғи ҷигарбанд
Ба сар мерехт хок аз сӯги фарзанд.
Қамар хам, дида хунин, дил шикаста,
Ҷигар пурдарду тан дар банд баста.
Зи доғи навҷавонон зору хаста,
Зи ашки дида дар дарьё нишаста.
Ба зорӣ бар сару бар сина мезад,
Ҷазаъро санг бар оина мезад,
Равон андар паи ӯ чанд кӯдак,
Дил аз ғам сина аз новак мушаббак,

[39] Яъне ҳаво мисли қатрони гудохта тафсон буд.

Гирифта домани модар якояк
Даме ногашта з-ӯ маҳҷуру манфак.
Ту гуфтӣ ҷӯҷаи симурғ аз қоф
Пароканда паи модар дар атроф.
Дигар сӯ буд пире тоунассин,
Нишаста барфи пирӣ дар маҳосин,
Рамида чун масокин аз масокин,
Дилаш ларзон, танаш орому сокин.
Зи дидораш парешонӣ ҳувайдо,
Маҳу меҳраш зи пешонӣ ҳувайдо.
Сараш пурхун, танаш маҷрӯҳ гашта,
Дари ғам бар дилаш мафтӯҳ гашта.
Зи андӯҳ қолибаш берӯҳ гашта,
Ба тӯфони ҳаводис Нӯҳ гашта.
Рабуда киштияшро ҳар замон мавҷ,
Гаҳе андар ҳазизу гоҳ бар авҷ.
Тамошои гирифторони ин банд
Сафи наззораро дар гирья афканд.
Дарахти собириро реша барканд,
Намонд он ҷо тане шодону хурсанд.
Ҳама карданд ашк аз дида ҷорӣ.
Баровարданд аз дил бонги зорӣ.
Зани дилхаста оғози сухан кард,
Таҳиёти Ҳасан бо Булҳасан кард.
Пас он гаҳ шиква аз давру заман кард,
Ба зорӣ арзи ғамҳои кӯҳан кард.
Бигуфт: «Эй шаҳ, ман Озарбойҷонам,
Ки хасм афрӯхт озарҳо ба ҷонам..
Зи ман Нӯшервон нӯшин равон буд,
Ба тахтам Ардашери Ардавон буд,
Дарахтам сабзу гулбаргам ҷавон буд,
Ба ҷӯям обу ободӣ равон буд.
Кунун шохи нишотам гашта бебарг,
Хазон шуд гулшанам аз сар-сари марг...
Ба Табрезу ба Салмону Урумӣ
Гаҳе русӣ алам зад гоҳ румӣ,
На аз бегона нолам, на зи бумӣ,
Ки аз куфрон расид ин гуна шумӣ.
Чу фарзандони ман карданд куфрон
Надоранд аз худо уммеди ғуфрон.
Бубин овора фарзандонам аз шаҳр,
Ятимонам ба банди хориву қаҳр,
Шакар бошад ба комам талх чун заҳр
Набошад ҳеҷ кас чун ман дар ин даҳр.

Дилам сад ҷо шикаста, сина бирьён,
Ҷигар хунин, камар хам, дида гирьён...»
Чу Озарбойҷон сокит шуд аз дард,
Хуросон пеши он шаҳ нола сар кард.
Қуҳан пире ҳамида бо рухе зард
Ба бори шоҳи мардон шиква овард.
Ҳамегуфт: «Эй ҷаҳони фазлу тақво,
Ба дарбори ту дорам басси шикво!
Манам даште, ки хорам лолаву гул,
Заминам сабзаву райҳону сунбул.
Тахористону Туркистону Қобул
Зи ранҷи Ҳирманду Бусту Зобул.
Чу Бастому Нишопуру Абаршаҳр
Маро буд то билоди Моваруннаҳр.
Маро парвардаи хуршед донанд,
Парастишхонаи Ҷамшед донанд.
Бузургонам дари уммед донанд,
Баҳори сарву коҷу бед донанд.
Бари соҳибдилон уммулбилодам,
Ба назди оқилон дорулибодам.
Нагӯям Дориюшам буда ҳомӣ,
Нагӯям дошт Сирусам гиромӣ,
Наёрам номи он шоҳони номӣ,
Нахонам ҳеҷ аз он дафтар асомӣ.
Ки аз султони Тӯсам фахр бошад,
Шараф бар Руму бар Истаҳр бошад...
Қунун инсоф деҳ дар бораи ман,
Чӣ бешармӣ, ки рафт аз кайди душман.
Худоро, эй шубони дашти эман,
Маҳил дар галла монад гурги риман.
Бубин кохи Ризоро туп баста,
Дару девори сақфашро шикаста...
Ту донӣ дӯст ин оташ барафрӯхт,
Вале бо дасти душман хонаро сӯхт
Таҳамтан чашми Рӯинтан чу бардӯхт
Тариқи чора аз симурғ омӯхт.
Бад-ин сӯ дасти душманро фиристод,
Ки лаънат бод бар шогирду устод...
Даруни муқбилонро барфурӯзам,
Ду чашми хоинон бо тир дӯзам,
Чунон дар ташти ғайрат кина тӯзам,
Ки хушку тар ба ҳам як ҷо бисӯзам.
Бисӯзам хонаи ин тирароён
Бидӯзам дидаи ин кадхудоён».

## «ҲАШАРОТ-УЛ-АРЗИ БАҲОРИСТОН»

Ҳангоми баҳор омад, эй ҳашарот-ул-арз,
Аз лона бурун оед афзуда ба тӯлу арз.
Созед зи якдигар нешу думу дандон қарз
В-озори халоиқро донед ҳамедун фарз.
    Вақт аст, ки ҳар мӯре симурғнишон гардад
    В-аз боди баҳорӣ маст чун бодакашон гардад.
Вақт аст, ки бандад зин даҷҷол ба ҷассоса
Қаждум ба кашик ояд дар хонаи чалпоса.
Мискин кашафонро сар берун шавад аз коса,
Занбӯри нару мода чун Ҷаъфару Аббоса.
    Бошанд ба саҳро ёр, гарданд ба хилват ҷуфт,
    Нозанд ба якдигар ишқе, ки нашояд гуфт.
Кун нуки синонро тез, эй ақраби ҷаррора,
Захр аз буни дандон рез, эй афъии хунхора.
Аз боди сабо бигрез, эй пашшаи бечора
В-аз гурба ҳамепарҳез, эй муши ситамкора.
    Эй хармагаси айёр, баргӯ ба малах лаббайк,
    Ҳон, эй шапуши хунхор, кун ҳамнафасӣ бо кайк.
Эй ришк, бизан хайма дар зери сибилу риш,
Дар турраи кадбону, зери бағали дарвеш.
Ҳон, эй канаи лоғар бин чашм ба роҳи хеш
Мӯи сагу боли мурғ курки бузу пашми меш.
    Эй кортана[40] бартан торе ду чу ҷуллоҳа
    В-аз тоқ ба гунбад каш сад парда зи бероҳа.
Ҳон, эй ҷуали[41] бемор бигрез зи бӯи мушк,
Қ-аз баҳри зукоми ту хархона пур аст аз пушк.
Дар риши имоми шаҳр саҷҷода фикан, эй ришк.
Эй бом, биё дар бом, то сайд кунӣ гунҷишк.
    Эй шабпара, ҷавлон зан, эй сарсара, ғавғо кун,
    Эй хар часина биншин, ҳангома тамошо кун.
Эй амма рутайло,[42] хез, бо чустиву чолокӣ,
Кун панҷаи худро тез чун ғайчии даллокӣ.
Дар зери намад то чанд, эй чуҷаи хархокӣ.
В-ар мепалакӣ бо хеш чун мардуми тарьёкӣ.
    Гар на садафӣ, боре ҳамҷинси харотин шав
    В-ар на малакӣ, охир дар ҷурги шаётин шав.
Эй ҷонвари шашпо, шодӣ, ки раисӣ ту,
Фармондеҳӣ умматро худ нафси нафисӣ ту.

---

[40] Кортана — тортанак.
[41] Ҷулан — ганбуск.
[42] Рутайло — каллаи гӯсола.

Бо мир надимӣ ту, бо хоҷа анисӣ ту,
Маншури нигорӣ ту, тавқеънависӣ ту.
З-ин рӯй халоиқро хун мемакӣ аз шарьён,
Лахти чигари дарвеш шуд з-оташи ту бирьён.
Дар маснади дастурӣ садрулвузарой ту.
Ҳангоми силаҳшӯрӣ шайхулумарой ту.
Дар Жопуну Манчурӣ маҷдуссуфарой ту,
Дар фазл ба машҳурӣ тоҷушшуарой ту.
Ҳастӣ ҳама чиз, аммо дар дидаи ман ҳеҷӣ,
Чун турраи маҳрӯён чину шикану печӣ!
Эй он, ки ба заъми хеш ту дилбару таннозӣ,
Бо булбулу бо тӯтӣ ҳамрозу ҳамовозӣ.
Бе олати тайёра дар чарх ба парвозӣ,
Биллаҳ, на ту товусӣ, валлоҳ на ту шаҳбозӣ.
Зуд о, ки аз он боло воруна фуруд афтӣ,
Бедор шавад зоҳид, ҳушьёр шавад муфтӣ.
Эй ҷонварон, офоқ пурҳамҳама мебинам
В-аз шӯри шумо гетӣ дар замзама мебинам.
Дар хар гузаретон гирд ҳамчун рама мебинам
В-аз неши шумо хаста ҷони ҳама мебинам.
Хона зи шумо дарбаст, қалъа зи шумо шашдонг
Андӯхта дар сандуқ, сармоя ниҳон дар бонк.
То чанд ҳаметозад андар талаби туша,
Харчанг ба фаввора, қурбоға ба танбӯша.
Рашмиз ба тири сақф, ин дар шиками хӯша,
Мушон зи паи дуздӣ з-он гӯша бад-ин гӯша.
Ин об нахоҳад буд пайваста равон дар ҷӯ
Ин сарв нахоҳад монд, ҳамвора ҷавон дар кӯ.
То аз нафаси даймаҳ бар рӯи замин ях буд,
Сӯрохи шумо торик чун водии дӯзах буд.
Арвоҳи шумо ҳайрон дар олами барзах буд,
Аз ҷони шумо то тан ҳафтоду ду фарсах буд.
Имрӯз тафаззул кард он молики явмаддин,
Шуд колабатон зинда аз нафҳаи фарвардин.
Дирӯз куҷо будед, имрӯз куҷо ҳастед,
Аз коми кӣ дилшодед, аз ҷоми кӣ сармастед?
Бар боми кӣ дастакзан, дар доми кӣ по бастед?
Ҳарчанд ба заъми худ аёру забардастед.
Ҳамвора шуморо зӯр дар панҷаву соид нест,
Биллоҳ, ду-се рӯзе беш иқболи мусоид нест.
Фардост, ки бигрезед дур аст хару астар
В-аз боди хазон гардед ҳамчун тали хокистар.
Часпад алақ андар об бар хояи бедастар
В-андар марaҷи пилон пашша фиканад бистар.

Он мӯрчаи пардор аз тоқу таранб афтад,
Боланда зи болидан, ҷунбанда зи ҷанб афтад.
Дишаб нана Мавлудӣ бо модари масъума
Гуфто, ки дар ин вайрон ҳангоми саҳарбума,
Азбаски маразҳоро афзун шуда ҷарсума
Мегуфту дуо мекард бар уммати марҳума.
Қ-эй дофеи ҳар микруб кун ҷораи ин микруб
Қ-ӯ дида нахоҳад шуд бе олати микрускуб.

* * *

## ТАРҶЕЪБАНД

### ДАР НАКӮҲИШИ МАШРУТАХОҲОНИ ДУРӮҒӢ

Ин чӣ машрутаи манҳусе буд,
Ки дари ранҷ бар ин халқ кушуд.
Ин чӣ барқ аст, ки аз хирмани мулк
Бурд бар чархи нуҳум шӯълаву дуд.
Ин чӣ адл аст, ки аз мо бисутуд
Ҳар чи бахшандаи маннон бахшуд.
Гарчи машрута набуд ин тартиб
Ҷав ба мо додаву гандум бинамуд...
Дӯхт бар қомати мо пираҳане,
Ки на з-он тор аён асту на пуд.
Пираҳан пораву Юсуф дар чоҳ,
Гурги мискин даҳанаш хунолуд.
Кӯдаку марду зану пиру ҷавон,
Мӯъмину габру насориву ҷуҳуд
Ҷонашон ранҷа шуду дида гирист.
Дилашон хасту баданшон фарсуд.
Ҷуз вазирони хиёнатгари разл
Кас набурдаст аз ин савдо суд.
Ҳар ки омад ба сари маснади амр
Риш барканду ба сиблат афзуд.
Буни девони ҳарамро ковид,
Боми айвони калисо андуд.
Зардгӯшонро карданд амир
Чанд тани русияҳи кӯри кабуд.

Бурд аз ин дакка ҳамият коло,
Қард аз ин хона саодат падруд.
Зулму аҷҳофу ситам ёфт ривоҷ,
Адлу инсофу карам шуд нобуд.
Саги чӯпон шуда бо гург анбоз,
Барраро гурги ситамкора рабуд.
Занфурӯшонро аз ҳақ нафрин,
Ҳақпарастонро аз банда дуруд.
Ҳар кӣ бад хоста, некӣ набарад,
Он ки ҷав кошта, гандум надуруд.
Андар ин фикр будам, к-аз боло
Ҳотифи ғайбам дар гӯш суруд:

Дида дар хуни ҷигар зад ғӯта,
Бод лаънат ба чунин машрута.

Номи ин ғул зи гетӣ гум бод,
Барзада шоху бурида дум бод.
Расми ин ҷавр, ки номаш шуда адл.
Ҳамчу оини муҳаббат гум бод.
Паю шарьёни ҳавохоҳонаш
Ба дами мору думи каждум бод,
Тавсани ҳиммати машрутаталаб
Сӯхтаёлу шикаста сум бод...
Сина чоки ғами ин машрута
Сӯдаву кӯфта чун гандум бод.
Домапу ҷайби вазирони данӣ
Пора чун хиқу тиҳӣ чун хум бод.
Обашон яксара дар кӯзаву ҷом
Пур зи ҷаррора чу хоку қум бод.
В-андар ин оташи сӯзон танашон
То абад сӯхта чун ҳезум бод.
Мардуми дида донаш, ки рухаш
Дур аз дидаи ин мардум бод.
Гуфт ин доираи мақтуннасл
Чун хари аҳтаву попи Рум бод.

Дида дар хуни ҷигар зад ғӯта
Бод лаънат ба чунин машрута.

Роздорон ҳама ғаммоз шуданд,
Хоинон дар ҳарами роз шуданд.
Зоғ бо тӯтиву булбул бо ҷуғд
Дар сафи боғ ҳамовоз шуданд.
Тухмҳо дар дили мурғон зи ғурур
Ҷуҷа карданду ба парвоз шуданд,
Пашшаҳо бар тани халқ охта неш,

Ҳамчу чаррораи[43] Аҳвоз шуданд...
Пасттабъони фурӯмояи дун
Бар ҳама халқ сарафроз шуданд...
Посбонон ба камандандозон
Муттафиқ гаштаву анбоз шуданд,
Асасон бо сафи дуздон дар шаҳр
Ҳамраҳу ҳамдаму ҳамроз шуданд.
Рӯбаҳон дар паи нахчири ғизол
Чун палангон ба таку тоз шуданд...
Ҷуғдҳо яксара тӯтӣ гаштанд,
Бумҳо яксара шаҳбоз шуданд.
Шоҳидон ҷумла муҷоҳид шудаанд,
Ҳуққабозон ҳама ҷонбоз шуданд.
Фуқаро тарки ватан карда зи ҷӯъ
Ба Бухорову ба Қафқоз шуданд,
Душ ҷамъе паи нон ҷон дар каф.
Бар дари даккаи хаббоз шуданд.
Нон надиданду зи ҷон омада сер
Гурсна сӯи саро боз шуданд.
Чун расиданд ба манзилгаҳи хеш
Андар ин нукта ҳамовоз шуданд:
Дида дар хуни ҷигар зад ғӯта,
Бод лаънат ба чунин машрута.
Айби машрута ба мо маълум аст,
Номи машрута дар Эрон шум аст.
Ҳар киро гуфтӣ машрутаталаб
Ҳоли он бар ҳама кас маълум аст.
Ин чӣ қонун, ки ҳаромӣ ба ҳарам
Маҳрам аз ҳурмату ҳақ маҳрум аст...
Ҷуз вазирон, ки паи симу заранд
Ҳар касе дар талаби мавҳум аст.
Зиндагӣ сахт бувад дар баладе.
Ки фазо тору ҳаво масмум аст...
Адл андар ҳама ҷо мамдӯҳ аст,
Зулм андар ҳама ҷо мазмум аст.
Лек дар кишвари мо он чи ба гӯш
Нохуш ояд, сухани мазлум аст.
Пои ришват чу дарояд ба миён
Дасти дин баставу ҳақ маҳкум аст.
Гуфт машрутаву дидам бешарт
Паи ғорат чу сипоҳи Рум аст.
Бумро ном ниҳоданд ҳазор
Чун садо кард, бидидам бум аст.

---

[43] Ҷаррора — каждум.

Эй ситамкораи машруташикан,
Ки рухат наҳсу нигоҳат шум аст,
Шер дар чанги ту бе чангол аст,
Пил дар ҷанги ту бехартум аст.
Ақл дар каллаи ту мустаҳлик,
Адл дар меъдаи ту маҳзум аст.
Мабар ин ҷома, ки дар пайкари мо
Ёдгор аз падари марҳум аст.
Макун ин тифл, ки дар хонаи мо
Кӯдаке бегунаҳу маъсум аст.
Ёдам омад сухане, к-аз удабо
Дар давовини адаб марқум аст:
Дида дар хуни ҷигар зад ғута,
Бод лаънат ба чунин машрута.
Оҳ, аз ин фирқаи машрутаталаб,
Уф, бар ин мардуми беному насаб.
Номи машрута аз эшон шуда зишт,
Ҷони халқ омада аз ғусса ба лаб...
Душмани афсару авранги Аҷам
Хоини миллату оини Араб.
Аҷабе нест хиёнат з-эшон,
Ки амонат шуд аз эшон аъҷаб...
Аз замин ҷӯшад фаввораи ғам
В-аз хаво борад борони ғазаб.
Мардуми хокиву тӯфони бало,
Киштии бодиву боб-ул-мандаб.
Роҳ бориктар аз риштаи мӯй,
Роз ториктар аз нимаи шаб.
Лола дар боғ чу неши афъӣ,
Бода дар ҷом чу заҳри ақраб.
Адл маҳҷуртар аз меҳру вафо,
Ақл гумномтар аз фазлу адаб.
Он ки метохт ба майдон чу асад,
Мунҳазим шуд зи аду чун саълаб...
Он ки барканд сутуни хайма
Баҳри кинтузӣ чун умми Ваҳаб.
Зар зи бинни Саъд ситад, баст чу Шамр
Бозуи Фотима, дасти Зайнаб.
Гирд карданд зару симу шуданд
Шоду хандон зи паи айшу тараб.
Поркҳо дилкашу майҳо сарҷӯш.
Олам аз нағма пур аз шӯру шағаб.
Хуфта дар маҳд пас аз салби шараф
Дар канори санами симсалаб.

Уфтода паси тахдири укул
Бо бутон дар паи таҳрики асаб.
Ёд дорам, ки ба саҳрои Ҳиҷоз
Раҳсипар будам зӣ Қаъбаи раб,
Навҷавоне ба раҳам пеш омад
Баста дасторгаҳ аз сурх қасаб
Ба рухам кард нигоҳеву гузашт
Аз барам ҳамчу зи матлаъ кавкаб.
Дил ба рақс омаду ангехт маро
То битозам паи Рахшаш ашҳаб.
Чун маро дид давон аз паи хеш
Гуфту ангехт ба суръат маркаб:
Дида дар хуни ҷигар зад ғӯта,
Бод лаънат ба чунин машрута...
Ин на машрута, ки истибдод аст,
Шӯълаи мазрааи эҷод аст,
Сабаби қаҳту халои ом аст,
Ватади хаймаи зилавтод аст...
Он вазире, ки гулистони Ирам
Сохт моно халафи Шаддод аст
Пешкаш карда ба ҳамсоя ватан
Магараш мерос аз аҷдод аст.
Мулкро бурда ба бозори хароҷ
Мезанад чӯбу паи мозод аст.
Он шунидам, ки аз ин нохалафон
Дар кафи бешарафон аснод аст...
Мамлакат хоси раият бошад,
Ин қурумсоқ яке з-афрод аст...
Ҳунар аз ҷаҳл ситеҳ гашта магар
Ҷаҳл Ҳушшому ҳунар Саҷҷод аст.
Молики кишвариён даллол аст,
Қоиди лашкариён қуввод аст...
Эй қавипанҷа, ки дар роҳи нифоқ
Ситамат роҳила, ҷаврат зод аст.
То тавонӣ бидавон маркаби хеш,
Ки худовандат дар мирсод аст,
Дӯш пире ба муриде ин зикр
Кард талқин, ки яке з-аврод аст:
Дида дар хуни ҷигар зад ғӯта.
Бод лаънат ба чунин машрута...

# МУСАММАТ

Соли нӯҳумин аст, ки ин миллати бедор,
Бо хуни худ омад ба ҳақи хеш харидор,
Шуд нури адолат зи паси парда падидор,
Пӯшид ба тан хилъати нав сарву сапедор,
    Зад шоҳиди машрута сало аз паи дидор
    То дар қадамаш ҷони гиромӣ бисупоранд.
Овард дабири фалакӣ лавҳу қаламро,
Бистурд зи девони қазо номи ситамро.
Зад подшоҳи дод бар афлок аламро,
Биншонд ба маҳд андар маъшуқаи Ҷамро.
    Фарз аст ба ушшоқ, ки ин бора санамро
    Фархунда шуморанду писандида бидоранд.
Аз партави нури хиради оқибатандеш
Афрӯхта шуд нур ба кошонаи дарвеш.
Эй бод, мазан латма бар ин шамъу аз он пеш,
Қ-аз ҷонварон неш расад бар ҷигари реш.
    Ин ҷонваронро бишикан болу пару неш
    Магзор, ки аз равзани худ сар бидароранд.
Эй шоҳиди машрута, ки аз турраи пурхам
Ошуфта кунӣ ҳӯшу равони банӣ-одам,
Ангушти Сулаймонро лаълат шуда хотам,
Онӣ ту, ки аз сидқу сафо мардуми олам.
    Андар камарат дасти иродат зада маҳкам
    В-андар талабат пои ҷалодат бифишоранд...
Кӯдак ба дили мом чу нӯҳ моҳ бимонад,
Худро ба мақоме, ки сазад, мебикашонад.
Ё лилаҷаб ин кӯдак агар мебитавонад,
Худро паси нӯҳ сол аз ин варта раҳонад.
    Умед, ки яздонш ба пирӣ бирасонад.
    Нӯҳсолаи моро, ки чу нӯҳмоҳа шуморанд.
Ин кӯдаки нӯҳсола, ки машрута шудаш ном,
Як лаҳза зи хун рехтанаш кай бувад ором.
Кӯдак нашунидастам, к-андар бағали мом
Бо хуни дили халқ бишӯяд сару андом.
    Онон, ки зананд аз паи дилҷӯии ӯ гом
    Хуни ҷигару дилро чун бода гусоранд.
Машрута арӯсест, ки гар чеҳра напӯшад,
Ҳар дида мар ӯро паи дидор бикӯшад.
Масте, ки аз ин даст яке ҷуръа бинӯшад,
Дину хираду ҳӯш ба соқӣ бифурӯшад.
    Девонаи ин ишқ насиҳат нанишод,
    Гар хуни дилаш рӯзу шаб аз дида биборанд...

Онон, ки нуҳуфтанд зи дидори хушат рӯ,
Рафтанд зи кӯи ту бад-ин сӯю бад-он сӯ
Шогирди Масеҳанд, вале аз дами ҷоду
Ғалтида ба хок андару афтода зи нерӯ
    Ангушт бихоянд ба дандон, ки ҷафоҷӯ
    Мӯҳлат надиҳадшон, ки сари хеш бихоранд...

## МАСНАВӢ

### ОЗМАНДИ ХАСИС

Озманде ҳавопарасти хасис
Дар деҳе буд кадхудову раис
Дошт мурғе зарифу зарринбол
Тезпар ҳамчу шоҳбози ҳаёл.
Ҳар замон зоғи шаб ба чархи баланд
Холи зар ба ташти сим афканд...
Вазни он байза аз ҳазор дирам.
На фузун омадӣ ба сангу на кам.
Озманди сафеҳу аблаҳи хом
Ёфт з-ин моя сарват ба давом.
Ҳар саҳаргаҳ зи хоб бармехост,
Бахт додӣ навидаш аз чапу рост.
Чун хурӯси саҳар кушудӣ пар,
Буд дар зери мурғ байзаи зар.
Хоҷа он байзаро ба истеъҷол
Баргирифтӣ зи мурғи зарринбол.
Сӯи бозор бурда мебифрӯхт
Ҳар чи афзун зи харҷ буд, андӯхт.
Рӯзе он озманд бо худ гуфт
Чанд бошам бад-ин қаноат ҷуфт.
То ба кай з-ин шикори дастомӯз
Биситонам вазифа рӯз ба рӯз.
То ба кай об баркашам аз чоҳ,
Ҷуст бояд ба сӯи дарьё роҳ.
Бешак ин мурғро ба хонаи дил
Қорғоҳест, мо аз он ғофил.
Бешак аз чинадону қалбу ҷигар
Роҳ дорад ба сӯи маъдани зар.
Ганҷҳоро ба ганҷхона ниҳад,
Тухме аз он дар ошьёна ниҳад,

Дар дил андӯхтааст моли зар,
Мефиребад маро ба ҳоли зар
Бояд он ганҷхонаро дарьёфт,
Шикамаш бардариду сина шикофт.
То ба кони зар дуруст расам,
Сӯи анҷом аз нахуст расам.
Пас дили мурғро дарид аз ҳам,
Ҷустуҷӯ кард аз андаруну шикам.
Дид ҷуз рӯдаҳои пурхаму печ
Несту зи зар хабар надорад ҳеҷ,
Зад ба сар, ҷома чок карду гирист,
Гуфт: «Ман аблаҳам, гуноҳ аз кист?
Тамаи хомро задам доман,
Оташаш сӯхт нони пухтаи ман».
Ин масал бо ту гуфтам, эй фарзанд,
То наяндозадат тамаъ дар банд,
То наяфтӣ чу ғофилон дар роҳ,
Ба ҳавои ҳариса андар чоҳ.
Гар фитодӣ даруни чанбари оз,
Нараҳӣ з-он ба рӯзгори дароз.
То тавонӣ ба гирди оз магард,
Ки сияҳрӯзӣ орад оз ба мард.
Дил ба занҷири ҳирсу оз мабанд,
Ресмони тамаъ дароз мабанд.
Ба умеди хазонаи вахмӣ
Зарат аз каф мадеҳ зи каҷфаҳмӣ.
Ба ками худ бисоз то зи тамаъ
Нашавӣ мубталои сӯгу ҷазаъ.
Меваи шохи ҳирс бебаргист,
Иштиҳо мояи ҷавонмаргист...
Қ-аз қаноат бузургвор шавӣ
В-аз тамаъ рӯсиёҳу хор шавӣ.

## РУБОИЁТ

Бардор зи рух ниқоби мушкин бадро
Равшан кун аз он рух маҳу нӯҳ гунбадро.
Ту хубиву мо бадем аз хубии худ
Шоиставу нағзу хуб кун ин бадро.

Хешаш машумар чу пеши бегона нишаст,
Қ-аз дӯст бурид чун ба душман пайваст.

Парҳез зи порсои майхонанишин,
Бигрез зи ошнои бегонапараст.

Чизе, ки миёни туркҳо[44] ноёб аст,
Инсонияту ҳақиқату одоб аст.
Чизе, ки миёни ин ҷамоат боб аст
Дандони дурӯғу лақабу сурхоб аст.

Гуфтӣ, ки маро замона дар ҳам бифушурд,
Чандон ки танам чу лола дар дай пажмурд.
Ту гавҳари рахшандаиву мояи ҳусн
Гавҳар ба фишор кай шавад сӯдаву хурд.

Кишвар чу тан асту аҷнабӣ мояи дард,
Чун мояи дард омад андар тани мард,
Узве, ки нажанд диду коҳидаву зард,
Зад реша дар ону дардҳо бар овард.

Мо дастхуши ситамгаронем ҳанӯз
В-аз бода аҷиб саргаронем ҳанӯз.
Кай даст тавон ба кори худ зад, ки зи ҷаҳл
Бозичаи дасти дигаронем ҳанӯз.

Ҳақ гӯю бидор аз дарун ҳақро пос,
Ҳақгӯ накунад зи ҳеҷ кас ваҳму ҳарос.
Гар марди ҳақӣ, зи ҳила ҳақро бишинос,
Ҳақ урьён асту ҳила пинҳон ба либос.

Гул аз рухат, эй шамъи чигил мекорам,
Лола зи ғами ту муттасил мекорам.
Бар ҷои бунафшаву гул андар боғат
Дар ҳар лаби ҷӯй ҷону дил мекорам.

Дорад дилам аз гардиши даврон афғон
В-аз тахти Ҷаму мулки Сулаймон афғон.
Дар хиттаи Қандаҳор турке дидам,
К-афтода аз ӯ ба мулки афғон афғон.

Имрӯз ҳар он ки ҷомааш бошад нав,
Аз баҳри ваколат бувад андар такудав.
Ё лилаҷаб одамӣ чӣ хоҳад шуд чун
Ҳар бо ададӣ вакил бошад хусрав.

---

44 Мақсади шоир асосан ҳокимони турknажод, аз ҷумла қоҷорҳо аст.

Дар кишвари мо чу нест марди ҳунарӣ,
Хешон шудаанд деву бегона парӣ.
Як афрангист[45] ҷои сад эронӣ,
Сад ховарияст моти як бохтарӣ.

## ФАРДҲО

Ин риштаи бепайванд ҳарчанд, ки як тор аст.
Дар савмиа тасбеҳ аст, дар майкада зуннор аст.

Ту чун баҳориву гетӣ чу боғу мо чу дарахт
Ба ҷуз баҳор, кӣ пӯшад бар ин дарахтон рахт?

Ман дар ғами ту чу мурғи сарканда,
Ҳамвора лабат зи айш дар ханда.

Як рӯз туро ба роҳ дидам,
Ҳар рӯз маро ст дида бар роҳ.

Ҳунар акнун ба дили хок талаб бояд кард
З-он ки андар дили хоканд ҳама пурҳунарон.

Зи бедардон илоҷи дарди худ ҷустан бад-он монад,
Ки хор аз по бурун орад касе бо неши ақрабҳо.

Вазирам моту ҳайрон карда гӯӣ, шоҳи шатранҷам
Ва ё мансубаи нардам, ки доим дар шашу панҷам

Дил зинда мешавад ба насими хаёли ту,
Ҷон ракс мекунад ба умеди висоли ту.

Ба ғайр аз ғамзаву ҳусну латофат хубрӯёнро
Ҳазорон нукта мебояд, ки ҷуз ошиқ надонад кас.

---

[45] Афрангӣ — фарангӣ, аврупоӣ.

## МУНДАРИЧА


Пешгуфтор . . . . . . . . . . . . . . 3

БОБИ ЯКУМ. Адибулмамолики Амирӣ ва муҳити сиёсиву иҷтимоӣ ва адабиву мадании ӯ 6

БОБИ ДУЮМ. Мундариҷаи ғоявӣ ва мавзӯоти лирикаи Амирӣ. . . . . . . . . 56

Оҳангҳои иҷтимоӣ дар ашъори Амирӣ 58

Мавзӯи ватандӯстӣ дар ашъори Амирӣ 90

Оҳангҳои ахлоқӣ дар ашъори Амирӣ 99

Тасвири табиат дар ашъори Амирӣ 105

Мавзӯи ишқ дар ашъори Амирӣ . 111

БОБИ СЕЮМ. Баъзе хусусиятҳои забон ва услуби ашъори Амирӣ . . . . . . . 118

Хулоса . . . . . . . . . . . . . . . . . 137

Намунаҳои ашъори лирикии Адибулмамолики Амирӣ . 139

Бо қарори Шӯрои таҳририяву нашрияи
Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон
чоп мешавад

Мирзо МУЛЛОАХМЕДОВ

**ЛИРИКА**
**АДИБУЛМАМОЛИКА АМИРӢ**
**(на таджикском языке)**

Ответственный редактор
**Абдуллоджон ГАФФОРОВ**

Муҳаррири нашриёт З. Ёқубова
Рассом Р. Абдураззоқов
Муҳаррири техникӣ В. Н. Щемелинина
Мусаҳҳеҳ Э. Эшонқулов

ИБ № 1018

---

Ба матбаа 12. 09. 1985 с. супорида шуд. Ба чопаш 30. 12. 1985 с. имзо шуд. КЛ 04455. Формати 60×84¹/₁₆. Коғази тип. № 2. Гарнитураи адабӣ. Чопаш баланд. Ҷузъи тахмини ҳисобӣ 10,23. Ҷузъи рангаи шартӣ 10,4 Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 10,0. Адади нашр 2855. Супориши 2213. Нархаш 1 сӯму 50 тин. Бо муқоваи № 7 — 1 сӯму 90 тин.

---

Нашриёт ва чопхонаи «Дониш», 734029. Душанбе, 29, кӯчаи Айнӣ, 121, бинои 2.